# РАМЗИ МУҚАДДАСУ ҶОВИДОНАИ ҲАСТИИ МИЛЛАТ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ

**04.10.2023, шаҳри Душанбе**



**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шумо ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ, ки рамзи муқаддасу ҷовидонаи ҳастии миллат, муҳимтарин нишонаи давлатдории миллии тоҷикон ва асоситарин омили ваҳдату сарҷамъии мардуми Тоҷикистон мебошад, самимона табрик мегӯям.

Забони мо дар зарфи таъриху тамаддуни беш аз шашҳазорсолаи миллати тоҷик роҳи пуршебу фарозеро тай намуда, сарнавишти пурҳаводис ва ҷаҳони маънавии тоҷиконро бо тамоми обу ранг ва дурахшу ҷилои худ инъикос кардааст ва барои худшиносиву худогоҳии миллии халқи тоҷик нақши барҷаста бозидааст.

Бо забони тоҷикӣ, ки аз ҷумлаи қадимтарин ва гуворотарину зеботарин забонҳои дунё ба ҳисоб меравад, таърихи бостонӣ ва фарҳангу тамаддуни камназири миллате иншо гардидааст, ки ба ҷаҳониён аз ҳикмати зиндагӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ сабақҳои мондагору омӯзанда додааст ва ин рисолати хешро то имрӯз идома дода истодааст.

Далели бостонӣ будани миллати тоҷик ва забони тоҷикиро ҳамчун ҷузъи таркибии тамаддуни ориёӣ донишмандону олимони баландпояи ҷаҳонӣ дар осори зиёди илмии худ эътироф ва тасдиқ кардаанд.

Забони тоҷикӣ дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи худ, бо вуҷуди монеаву мушкилоти зиёди дар масири рушд ва ҳатто мавҷудияти он эҷодшуда ҳамнафасу ҳамқадами миллати тоҷик ва илҳомбахши фаъолияти илмиву адабӣ, фарҳангиву маънавӣ ва сиёсиву иҷтимоии тоҷикон будааст.

Дар робита ба ин, хотирнишон менамоям, ки баъди амалӣ гардидани ормони беш аз ҳазорсолаи халқамон – расидан ба истиқлоли давлатӣ мо имкон пайдо кардем, ки ба масъалаи эҳтирому гиромидошти воқеии забони модарии худ, таъмин намудани мақому ҷойгоҳи арзанда ва рушди минбаъдаи он аҳаммияти махсус диҳем.

Имрӯз масъалаи забон яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шумор меравад.

Зеро давлат бе забон вуҷуд дошта наметавонад ва забон шиносномаи давлат ва гузашта аз ин, яке аз муқаддасоти асосии он мебошад.

Ғамхориву таваҷҷуҳи давлат нисбат ба забон ҳамчун сарвати бебаҳо ва нишонаи муҳимтарини истиқлолу озодӣ, соҳибдавлативу соҳибфарҳангӣ ва омили иттиҳоду сарҷамъии мардуми кишвар мунтазам меафзояд.

Мо ифтихор дорем, ки осори ҷовидонаи ба забониноби тоҷикӣ таълифнамудаи гузаштагони мо ганҷинаи фарҳангу тамаддуни уму-

мибашариро бо беҳтарин намунаҳои илмиву адабӣ ва ахлоқиву маънавӣ ғанӣ гардонидааст.

Ҳамчунин, мояи сарфарозии ҳар як фарди миллат аст, ки имрӯз забони давлати тоҷикон аз минбарҳои баланди созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ садо медиҳад.

Тавассути пайгирона амалӣ намудани сиёсати давлатии забон арзишҳои забонӣ ва қудрати воқеии забони тоҷикӣ дар таърихи навини тоҷикон дар тафаккури ҷомеа ва зиндагиву фаъолияти ҳаррӯзаи шаҳрвандон вусъати бесобиқа пайдо кардаанд.

Бо дарназардошти аҳаммият ва зарурати эҳтирому арҷгузорӣ ба забони модарӣ ва бузургиву неруи воқеии он ман борҳо таъкид намудаам, ки забони модарӣ хишти нахустини пойдевори кохи миллат ва яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, барои ҳар як фард донистани забони модарӣ маънои эҳтиром гузоштан ба миллат, Модар, Ватан, давлати соҳибихтиёр ва воситаи пайванд бо рисолати тамаддунсозиву фарҳангсолории халқамон мебошад.

Дар баробари ин, як нуктаи муҳимро таъкид менамоям. Рушди бесобиқаи ҷаҳони муосир, махсусан, пешрафти техника ва технологияҳо ба ҳамаи самтҳои зиндагӣ ва фаъолияти одамон таъсири рӯзафзун гузошта истодааст.

Мусаллам аст, ки чунин пешравӣ бо рушди забон робитаи қавӣ дошта, ба ташаккулёбӣ ва ғановатманд гардидани таркиби луғавии он мусоидат менамояд.

Табиист, ки баёни мафҳумҳои нави дар марҳалаи кунунии ҳаёти башар ва фарҳанги ҷаҳони муосир бавуҷудомада калимаву истилоҳоти тозаэҷод ва мувофикро тақозо мекунад.

Дар ин ҳолат ба мо таърихи пурғановати забони тоҷикӣ, гӯйишҳо ва усулҳои бунёдии калимасозии забонамон ёрӣ расонида метавонанд.

Барои ҳалли ин масъалаҳо олимони забоншиноси мо бояд ба омӯзиши ҳамаҷонибаи гӯйишҳо, таҳқиқи таърихи забон, баргардону нашр кардани осори оламшумули давраи классикӣ аз устод Рӯдакӣ то устод Айнӣ ва муайяну дақиқ сохтани усулҳои калимасозии забони тоҷикӣ аҳаммияти аввалиндараҷа диҳанд.

Дигар ин ки дар болоравии сатҳи забондонии аҳли ҷомеа ва пойдориву рушди забонамон луғатномаҳо нақши бузург доранд.

Дар ин самт зарур мешуморам, ки бо мақсади аз байн бурдани гуногунбаёнӣ дар истифодаи истилоҳот таҳияву тадвини луғатномаҳои соҳавӣ густариш бахшида шавад. Анҷом додани ин кор вазифаи олимону мутахассисони муассисаҳои илмии академӣ ва донишгоҳӣ мебошад.

Онҳо бояд мутобиқи равияҳои илмиашон луғатномаҳои соҳавиро таҳия намоянд, то мо тавонем онҳоро дар сатҳи давлатӣ тасдиқ карда, барои истифодаи умум пешниҳод намоем.

Ҳамчунин, дар хотир бояд дошт, ки танҳо забони ягонаи миллӣ барои амалӣ гардидани муоширот дар ҳамаи самтҳои фаъолияти ҷомеа шароит ва имкониятҳои мусоид фароҳам меоварад.

Бинобар ин, барои ҳамаи соҳибзабонон зарур аст, ки забони адабӣ ва меъёрҳои онро донанд ва дар ҳама ҷо ба кор баранд.

Зеро танҳо забони адабӣ ҳамчун воситаи муошират ва робитаи байниҳамдигарии як ҷомеаи мустақили забонӣ мардумро дар доираи як воҳиди маъмурӣ ва як кишвар муттаҳид месозад.

Мо бояд ба масъалаи омӯзонидани забон ба фарзандонамон аз оила ва муассисаҳои томактабӣ сар карда, то дигар зинаҳои таҳсилот эътибори аввалиндараҷа диҳем ва ба кӯдакон аз хурдӣ талқин намоем, ки донистани забони модарӣ нишонаи эҳтиром ба миллат, Модар – Ватан ва ифтихори милливу ватандорӣ шуморида мешавад.

Меҳоҳам бо қаноатмандӣ хотирнишон намоям, ки сатҳи забондонии наврасону ҷавонони иштироккунандаи озмунҳои гуногун, аз ҷумла «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» хеле хуб ва умедворкунанда мебошад.

Мо бояд ин падидаи некро ҳамаҷониба дастгирӣ намоем ва барои наврасону ҷавонон шароиту имконияти боз ҳам беҳтар

муҳайё созем.

Вобаста ба ин, таъкид менамоям, ки дар шароити имрӯза забондонии ҷавонон яке аз масъалаҳои бисёр муҳим ба ҳисоб меравад.

Танҳо ҷавононе, ки забони давлатии худро дар сатҳи аъло медонанд ва забонҳои хориҷиро дар асоси он хуб аз худ мекунанд, метавонанд дар раванди ҳамгирой бо тамаддуни ҷаҳон фаъол бошанд ва илму донишҳои замонавиро мутобиқи талаботи замонаи пешрафт омӯзанд.

Хотиррасон менамоям, ки талабот ба кадрҳои забондон торафт меафзояд, зеро рушди муназзами ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, вусъат гирифтани ҳамгироиву ҳамкорӣ ва робитаи байни давлатҳо, тарҷумаи осори пешқадами халқҳои дунё, омӯхтани илму фарҳанги ҷаҳони муосир ва таъсиси корхонаҳои муштарак дар кишвар маҳз бо ҷалби ҷавонони забондон амалӣ мегардад.

Ҳамватанони азизи мо хуб медонанд, ки забон нишондиҳандаи асосӣ ва гувоҳи ҳастии ҳар як миллат мебошад.

Миллате, ки забони модариашро фаромӯш мекунад ё аз даст медиҳад, бо мурури замон дар майдони таърих аз он нишоне боқӣ намемонад. Чунки ҳама шукӯҳу шаҳомат, урфу одат, расму оин, суннату анъана, маърифату фарҳанг ва ахлоқу маънавиёти миллӣ дар забони зиндаи он инъикос ва таҷассум меёбад ва аз насл ба насл дода мешавад.

Воқеан, ҳамин забони ширину шевои тоҷикӣ дар тӯли ҳазорсолаҳо миллати моро бо неруи ҳаётбахши худ зинда нигоҳ доштааст, сарҷамъу муттаҳид кардааст ва ба даврони босаодати имрӯза расонидааст.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ дар баробари ҷиҳатҳои мусбат зуҳуроти манфии таъсиргузор, пеш аз ҳама, ба забону фарҳанг, аз ҷумла либоси миллӣ низ доранд.

Бинобар ин, мо вазифадорем, ки забони давлатиамонро ҳамчун ёдгори нодири аҷдоди тамаддунсози ориёии худ ва мисли гавҳари гаронбаҳотарини ҳаётамон ҳифзу эҳтиёт кунем ва онро ба наслҳои ояндаи миллати ориёинажоди тоҷик дар шакли боз ҳам суфтаву равон ва сайқалёфта ба мерос гузорем.

Дар баробари ин, дар хотир бояд дошт, ки эҳтироми забони модарӣ, таърих, фарҳанг ва тамаддуни миллӣ эҳтиром ба фарҳангу тамаддуни кулли башар ва омили муҳимми таҳкими ҳамгироиву ҳамкорӣ миёни халқҳои гуногун мебошад.

Гузашта аз ин, дар замони ҷаҳонишавӣ мустаҳкам  намудани пояҳои забони давлатӣ тавассути иҷрои яке аз вазифаҳои муҳим – амалисозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба забон роҳи асосии рушди забони давлатӣ мебошад.

Бовар дорам, ки ба ин масъалаи басо муҳим на танҳо масъулин, балки ҳар як фарди бонангу номуси миллат ва ҳамватанони азизамон минбаъд низ бо ҷиддият ва масъулияти баланд муносибат мекунанд.

Мардуми кишвар, бахусус, наврасону ҷавонон – ворисони мероси бузурги забонӣ, илмӣ ва фарҳангиву маънавии халқамон як нуктаи бисёр муҳим ва далели нодири таърихиро бояд ҳамеша дар ёд дошта бошанд: осори ҳанӯз 1100 сол, яъне, ёздаҳ аср пеш эҷодкардаи султони шоирони Аҷам – устод Абуабдуллоҳи Рӯдакиро имрӯз ҳар як тоҷик бе ягон мушкиливу заҳмат мехонаду мефаҳмад. Гӯё, ки устод Рӯдакӣ ҳамзамони мо бошад.

Мо бояд ба қадри ин бахти бузург расем, забонамонро, ки аз модарамон ёд гирифтаем, мисли модари худ дӯст дорем, онро эҳтиёт кунем, барои тозаву беолоиш ва ботаровату зебо нигоҳ доштани он ҳамеша ва дар ҳар ҷойе, ки бошем, талош намоем.

Бо ифтихор аз забони ширину шево ва шоиронаву зебои тоҷикӣ бори дигар мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар як фарди Ватан дар ҷодаи хизмат ба хотири ҳифзу гиромидошти забони давлатӣ барору комёбиҳо орзу менамоям.

**Рӯзи забони давлатӣ муборак, ҳамватанони азиз!**

**А. ОДИНАЕВ,**
**мудири кафедраи таҳсилоти касбӣ ва информатикаи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, номзади илмҳои фалсафа, дотсент**



# МАНБАИ ҲУВИЯТСОЗ ВА ДАСТУРИ ХУДШИНОСӢ

## Андешаҳо дар заминаи омӯзиши асари «Забони миллат – ҳастии миллат»




22 июли соли 1989, замоне ки кишвари мо ҳанӯз ҷузъи давлати паҳновари Иттиҳоди Шуравӣ буд, бо ҷаҳду талоши вакилони воқеан мардумӣ дар Иҷлосияи даҳуми Шурои Олии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» қабул гардид. Ин санади таърихӣ дар он замони ҳассос заминае дар роҳи ташаккули афкори миллӣ ва таҳкими забони давлатӣ буд. Муҳим ва таърихӣ будани ин қонунро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон таъкид намудаанд, ки он замон ба ҳайси вакили мақоми олии қонунгузор шоҳиди қабули қонуни мазкур буданд ва аз заҳмату талоши бедареғи вакилони дилсӯзи миллату сарзамин ва забони тоҷикӣ огаҳӣ доштанд.

Забон як мавҷуди зинда аст ва қонун ҳам чизи шахшуда нест. Пас аз бист соли амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» баъзе аз муқаррароту меъёрҳои он ба ниёзу талаботи давлати соҳибихтиёру соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҷавобгӯ набуд ва зарурати таҳия ва қабули қонуни нави забони давлатӣ ба миён омад. Аз ин рӯ, 5 - уми октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» дар таҳрири нав тасвиб шуд ва ҳамчун «Рӯзи забони давлатӣ» ба феҳристи ҷашнҳои давлатӣ ва миллӣ ворид карда шуд.

Забон ҳамчун унсури муоширату муколама яке аз аслитарин василаи шинохти миллат, муаррифии фарҳанг ва ҳифзи шарофати миллии ҳар як халқ мебошад. Маҳз ба ин хотир, 5 - уми октябри соли 2019 Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ таъкид карда буданд: «Гӯётарин далели ҳастӣ ва мақоми ҳаётбахши он дар сарнавишти таърихии миллати мо ба ҳисоб меравад. Яъне, миллати шарафманди тоҷик таъриху фарҳанги камназири худро бо ҳамин забон иншо ва ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст. Забони тоҷикӣ дар шумули қадимтарин забонҳои Хуросону Мовароуннаҳр меросбари забонҳои бостонии ориёист. Решаҳои забони мо ба садсолаҳои пеш

аз мелод ва асрҳои аввали солшумории нав, бахусус, ба даврони мавҷудияти забонҳои суғдӣ, бохтарӣ, портӣ ва паҳлавӣ рафта мерасанд» .

Роҳбари давлат зарурати омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаву мукаммали таърихи забони тоҷикиро ёдрас шуда, омода кардани мутахассисони баландсавияи таъриху забон, бахусус, донандагони забонҳои бостониамон ва шевашиносону хатшиносонро ба миён гузоштанд. Бидуни тардид «Забони тоҷикӣ дар раванди ташаккул ва таҳаввули худ роҳи ниҳоят душвору пурпечутобро тай карда, аз санҷишу имтиҳонҳои сахту сангини таърих гузаштааст ва имрӯз, яъне, дар даврони соҳибистиқлолӣ ва бунёди давлати миллӣ низ рисолати худро ба сифати яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ва омили ҷомеасозу ваҳдатофарин идома дода истодааст» .

Тавре ки аз ҷониби Сарвари давлат зикр шуд, мо бояд ин ҳақиқатро пазиро бошем, ки солҳои бистуми асри гузашта, яъне, дар шароити барои халқи тоҷик басо ҳассосу тақдирсоз забони мо расман тоҷикӣ номида шуд ва яке аз далелҳои ҷиддии ташкил ёфтани давлати миллиамон гардид. Имрӯз аҳли олам миллати моро бо номи «тоҷик», давлатамонро бо номи «Тоҷикистон» ва забонамонро бо номи «забони тоҷикӣ» мешиносанду эътироф мекунанд. Бо ин забон бузургмардону нобиғагони машҳур дурри сухан суфта, осори безаволу мондагореро дар густураи тамаддуни башар ба мерос гузоштаанд, ки боиси ифтихору сарфарозии мо мебошад. Пешвои миллат аз сулолаи наҷибу бошарофати Сомониён бо эҳтироми афзун ёдовар шуда, таъкид карданд, ки агар дар таърихи миллати мо ин давлати тоҷикбунёд арзи ҳастӣ намекард, шаке набуд, ки забони мо дигаргун мешуд, яъне, имрӯз бо забони арабӣ ҳарф мезадем. Ин аҷдодони накуноми мо дини мубини Исломро пазируфтанд, вале ғуруру шарафи миллиашон иҷоза надод, ки забони арабиро ба сифати забони расмии дарбор ва муколамаву китобат қабул намоянд, зеро онҳо аз имконоту тавоноии забони модарии худ огоҳии комил доштанд ва ба он арҷ мегузоштанд.

Хушбахтона, дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар масъалаи забон дар сархати фаъолияти давлат ва Ҳукумати кишвар қарор гирифт ва баҳри рушду тавсеаи он дар кулли соҳаҳои хоҷагии халқ шароиту имконоти мусоид фароҳам омад, ки бешак, натиҷаи ташаббусҳои созанда ва ҷаҳду талоши бевоситаи Роҳбари давлат маҳсуб меёбанд.

Ҳадафи аслии китоби пурарзишу пурмояи «Забони миллат – ҳастии миллат»-и Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъкиди ҳамин ҳақиқат аст, ки ҳамватанони азиз, махсусан, насли ҷавони кишвар, аз таърихи пуршебу фарози забони модарии хеш ва аз ниёгони муваффақашон дар таърихи замони худ дарси ватанпарастиву бунёдкорӣ омӯхта, неруи бузурги ҷавониро дар роҳи растагории миллӣ, ободиву тараққӣ ва сарфарозии халқу Ватани хеш сарф намоянд.

Ҷилди аввали китоби «Забони миллат – ҳастии миллат», ки «Ба сӯйи поянадагӣ» унвон гирифта, ба баррасии илмии таърихи забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) аз давраҳои бостон то остонаи ҳамлаи муғул бахшида шудааст. Он аз муқаддима, 6 боб, 26 фасл, хулоса ва китобнома таркиб ёфта, роҷеъ ба даврабандии забони тоҷикӣ, саргузашти таърихии вожаи «тоҷик» ва забони тоҷикӣ, забони мо дар аҳди истилои араб ва нахустин сулолаҳои эронитабор, давраи нахусти забони навиштории тоҷикӣ, даврони болandaгӣ ва шукуфоии он, густариши ин забон ба сифати забони байналмилалӣ изҳори андеша мекунад. Ба қавли Пешвои миллат «Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад».

Дар муқаддимаи китоби пурарзиши «Забони миллат – ҳастии миллат» зикр шудааст, ки мардуми куҳанбунёде бо номи тоҷик пас аз ба даст овардани истиқлол имкон пайдо карданд, ки дубора мероси гузаштаи чандинҳазораи худро эҳё ва соҳибӣ кунанд. Тавре Пешвои миллат иброз медоранд: «Бо шарофати истиқлолият забони тоҷикӣ ба феҳристи забони давлатҳои мустақили ҷаҳон дохил шуд, барои шинохти миллати таърихӣ заминаҳои сиёсӣ фароҳам омад ва дар ориёишиносӣ ва ё эроншиносии муосир шохаи сифатан нави тоҷикшиносӣ ҷои расмӣ ва мустақиле барои худ пайдо намуд».

Пешвои миллат дар боби аввали ин китоб – «Даврабандии таърихии забони тоҷикӣ», дар

фасли аввал – «Мардуми ориёӣ ва забони онҳо» қайд намудаанд, ки «Забони тоҷикӣ дар тӯли таърихи чандҳазорсолаи хеш бо вуҷуди он ҳама бархӯрд ва рӯёрӯӣ бо чандин забонҳои тавонои дунё чеҳраи аслии худро нигоҳ доштааст, ки ин далели тавоноии бунёдии ин шохаи забони ориёӣ аз даврони бостон то имрӯз мебошад». Назар ба гуфтаи Пешвои миллат мардуми тоҷик аз нуктаи назари таборӣ ва ирсияти забонӣ марбут ба шохаи қавмҳои ҳинду олмон ва ё ба истилоҳи дигар марбути шохаи ҳиндуаврупоӣ аст, ки аз нимҷазираи Ҳинд то Аврупо густариш ёфтааст.

Дар фасли дуюми ин боб «Давраҳои таърихӣ ва даврабандии таърихи забони тоҷикӣ» қайд шудааст, ки таърихи ташаккули забонҳои эронӣ дар се садаи охир аз тарафи пажуҳишгарони эроншинос дар марказҳои илмии ҷаҳон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, натиҷаи ин таҳқиқот дастраси умум гардидаанд.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар ин ақидаанд, ки бо ҷудо шудани қабилаҳои ҳиндуориёӣ ба ду гурӯҳи бузурги ирониву ҳиндӣ масъалаи забони гуфтугӯии ин ду гурӯҳ пеш омад. Дар китоб зикр шудааст, ки муҳаққиқони таърихи забонҳои ҳиндӣ ва эронӣ бар асоси далелҳо таъкид кардаанд, ки давраи мустақили рушди забонҳои ориёии ҳиндӣ ва ориёии эронӣ тақрибан ба охири ҳазорсолаи III ва ё оғози ҳазорсолаи II пеш аз мелод рост меояд. Аз ин давра қабилаҳои ориёии ҳиндӣ аз сарзамини Осиёи Миёна ба воситаи Афғонистони кунунӣ ба кишвари Ҳинд муҳоҷират намуда, аз қабилаҳои ориёии эронии худ ҷудо шуданд.

Дар боби аввали китоб даврабандии инкишофи забонҳои эронӣ оварда шудааст, ки аввалин навиштаҳо бо забонҳои эронӣ ба се давра тақсим карда шудаанд: давраи забонҳои эронии бостон, давраи миёна ё давраи асримиёнагии рушди забонҳои эронӣ, давраи нав ё давраи нави инкишофи забонҳои эронӣ, ки то имрӯз идома дорад.

Дар фасли сеюми боби аввали китоб, ки «Ҷойгоҳи забони тоҷикӣ дар гурӯҳбандии забонҳои эронӣ» ном гирифтааст, муаллиф дар бораи забони авестоӣ, забони модӣ, забони форсии бостон, забони форсии миёна, забони портӣ, забони бохтарӣ ва забони суғдӣ муфассал маълумот медиҳад.

Хулосаи ин боб ҳамин аст, ки забони тоҷикӣ дар заминаи забонҳои форсии миёна, портӣ, бохтарӣ ва суғдӣ дар қаламрави густариши онҳо ба вуҷуд омаду меросбари воқеии ин забонҳо ба ҳисоб меравад.

Боби дуюми китоб «Саргузашти таърихии вожаи «тоҷик» ва забони тоҷикӣ» унвон гирифта, аз панҷ фасл иборат аст. Дар ин боб масъалаи «тоҷикшиносӣ», пайдоиши калимаи «тоҷик», макон ва замони пайдоиши забони тоҷикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Фасли якум «Истиқлол ва масъалаҳои тоҷикшиносӣ» номгузорӣ шудааст. Ин фасл дар навбати худ ба чанд зерфасл ҷудо мешавад. Дар ин фасл бо такя ба пажуҳишҳои сайёҳон ва олимони дохиливу хориҷӣ дар бораи калимаи «тоҷик» маълумоти мухтасар ва мушаххас дода шудааст. Дар зерфасли аввал назари ховаршиносони аврупоӣ оид ба пайдоиши калимаи «тоҷик» ва марзу буми сукунати тоҷикон баррасӣ карда шудааст.

Масалан, аз китоби «Таърихҳои шарқӣ», ки соли 1773 дар Порис чоп шудааст, чунин иқтибос оварда мешавад: «Ҳама шаҳрҳои Бухорои бузург ва Бухорои хурд то худи марзҳои Чин бухороӣ ҳастанд, ки… сокинони қадимиву бостонии ин диёр мебошанд. Онҳоро «тоҷик» ё «шаҳрнишин» меноманд. Дар тавзеҳоти китоб чунин омадааст, «тоҷик» маънои шаҳрнишинро дорад, ки бухороиҳоро чунин меноманд» .

Фасли дуюм «Муродифҳои вожаи «тоҷик» унвон гирифта, он низ дар навбати худ ба чанд зерфасл тақсим мешавад. Дар ин фасл оид ба робитаи вожаи «тоҷ» ва «тоҷик» маълумот дода шудааст. Дар тасдиқи андешаҳои худ муаллиф ақидаи шарқшиноси машҳури рус Н. В. Ханиковро оид ба алоқамандии вожаи «тоҷ» бо «тоҷик» зикр намуда, минбаъд ин ақидаро тавассути фикру мулоҳизаи олимоне, ба монанди А. Семёнов, А. Вамбери, Л. Будагов, Де Лагард ва С. Айнӣ равшантар менамояд.

Дар бораи ақидаи муҳаққиқи олмонӣ Де Лагард гуфта мешавад, ки истилоҳи «тоҷик» ва «тозӣ» - ро ба калимаи «тоҷ» нисбат дода, ин халқҳоро мардуми бумии Форс медонад, ки на арабанд ва на турк. Ҳамчунин, дар ин фасл андешаи устод Садриддин Айнӣ оид ба ин масъала оварда шудааст. Ғайр аз ин, бо асноду далелҳои қатъӣ, бо такя ба сангнавиштаҳо, катибаҳо, сик-

каҳо ва дастнависҳо дар бораи таърихи қадима доштани вожаи «тоҷик» маълумот дода мешавад. Дар маҷмуъ, дар ин ду фасл дар бораи пайдоиши калимаи «тоҷик», рӯзгори аҷдоди тоҷикон, густариши ҷуғрофӣ ва маҳалли сукунати онҳо маълумот дода мешавад. Илова бар ин, доир ба маънои луғавии калимаи «тоҷик» назари муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ баён мешавад.

Фасли сеюми ин боб «Хостгоҳ ва меҳани забони тоҷикӣ» унвон дорад. Дар ин фасл доир ба маҳали пайдоиши забони тоҷикӣ ва сайри таърихии он сухан меравад. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои гуногуни илмию адабӣ, таърихӣ ва фарҳангномаҳо пайдоиши забони форсиро ба давраи Каюмарс ва ҷойи дигар ба давраи Ҷамшед вобаста медонад. Нуктаи ҷолибе, ки дар ин боб ба назар мерасад, навиштаҳои Маликушшуаро Баҳор дар китоби «Сабкшиносӣ» ба ҳисоб меравад, ки муаллиф аз забони Маликушуаро Баҳор менависад: «Забони дарӣ, яъне, забони имрӯзаи мо дар ҳама навоҳии Осиёи Миёна, ки қисмати умдаи он имрӯз ҷузви Тоҷикистон аст, нахуст падидор шуда,...сипас, ба Мағриб ва шимоли Эрон, ки забонаш дар давраи пеш аз ислом забони паҳлавӣ будааст, рафта ва забони саросари Эрон шудааст». Ҳамчунин, илова мекунанд, ки забони форсии дарӣ аслан лаҳҷаи аҳолии Мовароуннаҳр, Самарқанд ва Бухорост, ки дар ин ҷойҳо тоҷикон зиндагӣ мекунанд.

Назари Саид Нафисӣ низ дар ин маврид ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ватани аслии ориёиҳоро, ки тоҷикон аз он нажоданд, доманакӯҳҳои Ҳиндукуш, канори дарёҳои Ҷайҳуну Сайҳун медонад ва менависад, ки «Мо эрониён аз он ҷо омадаем ва Эрони имрӯз ба манзалаи хонаи дувуми мост».

Пешвои миллат ба сарчашмаи нисбатан қадимтар, яъне «Таърихи Бухоро» - и Абубакри Наршахӣ руҷуъ мекунанд, ки дар он омадааст: «Аҳли Бухоро дар масҷиди ҷомеи Бухоро, ки соли 713 Қутайба ибни Муслим онро дар ҷойи бутхона бино карда буд, дар намоз Қуръонро ба форсӣ мехондаанд».

Дар ин боб дар асоси ақидаҳои мухталифи муҳаққиқини Шарқу Ғарб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, дар такя ба навиштаҳои адибони маъруфе, амсоли Саид Нафисӣ, Садриддин Айнӣ, Евгений Бертелс, Маликушшуаро Баҳор, Забеҳуллоҳ Сафо, Ҷалоли Матинӣ, Абдулҳай Ҳабибӣ, Мирғулом Муҳаммади Ғубор, Абдулғанӣ Мирзоев ва дигарон чунин натиҷагирӣ карда мешавад, ки макони пайдоишу густариши забони адабиву китобии тоҷик Хуросону Мовароуннаҳр аст.

Дар охири ин боб Пешвои миллат ба чунин хулоса омадаанд, ки «Забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) забони қадимӣ буда, зодгоҳи аслии он Хуросону Мовароуннаҳр, саҳеҳтараш канори чапу рости дарёи Ому мебошад ва осори боқимондаи илмиву адабӣ гувоҳи он аст, ки ин забон идомаи мустақими забони форсии миёна ё шакли таҳаввулёфтаи вай нест, балки он забонест, ки то густариши ислом ба сифати забони мустақил дар баробари забони форсии миёнаи сосонӣ вуҷуд доштааст».

Фасли чоруми ин боб «Замони пайдоиши забони тоҷикӣ» унвон гирифта, оид ба таърихи қадима доштани забони тоҷикӣ баҳс мекунад. Дар ин фасл бо далелҳои қатъӣ исбот карда мешавад, ки забони тоҷикӣ бешубҳа таърихи қадима дорад.

Фасли панҷум «Номи забони мо» ном гирифтааст. Дар ин фасл баҳс рӯи вожаҳои «тоҷикӣ», «дарӣ» ва «форсӣ» меравад. Муаллиф аз навиштаҳои гимнҳои монавӣ, аз бозёфтҳои пайдошудаи ноҳияи Турфони Чин, ки дар он номи «тоҷик» дар шакли «тоҷикона» омадааст, ёдовар мешаванд.

Ғайр аз ин, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз осори адибону олимони дохиливу хориҷӣ, ҳамчунин, асарҳои сайёҳони хориҷӣ, аз қабили «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ, «Равзат – ус – сафо»-и Мирхонд, асари Руи Гонсалес де Клавихо – «Сафар ба Самарқанд ба дарбори Амир Темур» ва ғайра иқтибос меоранд, ки дар онҳо вожаи «тоҷик» мушоҳида карда мешавад.

Боби «Забони миллат - ҳастии миллат» аз 4 фасл иборат буда, риштаи таҳлили забони тоҷикӣ дар давраи истилои араб ва нахустин сулолаҳои эронитаборро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Боби сеюми китоб «Забони мо дар давраи истилои араб ва нахустин сулолаҳои эронитабор» ном гирифтааст. Дар фасли аввали он «Истилои араб ва оқибатҳои он барои забон ва

фарҳанги мардуми Эронзамин» аз зуҳури ислом ва оини нав – дини мубини ислом ёдоварӣ мекунад. Дар ин фасл Президенти кишвар қайд мекунанд, ки «Дини мубини ислом бо даъват ба бародариву баробарии мусулмонон қабилаҳои бадавии то ин дам ба ҳам душмани арабро зери ливои эътиқоди нав ба Худованди яккаву ягона муттаҳид сохта, ба онҳо неруи тозаи руҳонӣ бахшид ва заминаҳои истилои араб ва пирӯзиро ба кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла, давлати Сосониён фароҳам овард». Бо ҳамин равaнд, дар идомаи ин боб Пешвои миллат дар бораи ҷангҳои арабҳо ва кишваркушоии онҳо ва охирин шоҳаншоҳи сулолаи Сосониён – Яздигурди III муфассал маълумот медиҳанд.

Сарвари давлат тазаккур медиҳанд, ки «Сабаби аз байн рафтани давлати Сосониён ва дар зери тасаррӯфи арабҳо қарор гирифтани Эрону Мовароуннаҳр, пеш аз ҳама, ҷудоиву парокандагии сиёсӣ ва мазҳабӣ, набудани иттиҳоди мустаҳкам миёни давлатҳои хурди ин сарзамини паҳновар, мухолифат, ҷангҳои байни ҳамдигарӣ ва ҳатто хиёнату ватанфурӯшии баъзе ҳокимони маҳаллӣ буданд, ки гузаштагони моро ба шикасти сиёсиву низомӣ мувоҷеҳ карданд».

Муаллиф дар идомаи ин боб аз муборизаи мардуми меҳанпарасти Бухоро, Самарқанд, Суғд, Хатлон ва навоҳии дигар алайҳи душманон қисса мекунад.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд, ки забони миллӣ дар ҳама давру замонҳо шаҳпари боэътимоди ҳастии маънавии миллат аст. Дар баробари ин, забонро метавон ба шамшери тезу буррое шабоҳат дод, ки соҳибзабон ба василаи он ҳастии маънавии хешро аз ҳуҷуму ҳамлаҳои миллиятзудо муҳофизат мекунад. Ба андешаи муаллифи китоб «Ҳар забоне, ки аз саҳнаи сиёсат ва қудрат хориҷ мешавад, ҳатман харобу камарзиш ва нотавону камзарфият гардида, тавони муқовимату истодагариро дар баробари фишору тазйиқи забони ҳоким аз даст медиҳад ва дар тангнои фано қарор мегирад, зеро забон дар паҳно ва сояи давлат қувват ва неру мегирад ва давлат аст, ки барои рушду нумуи забон муҳити зисту амал фароҳам меоварад» .

Дар фасли дуюми ин боб «Наҳзати тоҷикӣ (дарӣ, форсӣ) дар Хуросону Мовароуннаҳр» муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз шикасти забонҳои расмиву динии Эронзамин дар мубориза бо забони арабӣ ва роҳ ба сӯйи фанои тадриҷӣ паймудани онҳо нақл мекунанд, ки дар баробари ҳамин гуна хатар дар ҳамон замони истилои араб мардуми кишварҳои дигар, аз қабили Миср, Ироқ, Сурия ва ғайра, ки дорои фарҳангу тамаддуни қадимӣ буданд, ҳувияти маънавии хешро аз даст дода, «араб» гаштанд.

Тавре Пешвои миллат доир ба ин масъала менависанд: «Хушбахтона, чунин сарнавишти талх насиби гузаштагони огоҳу бедордили мо нашуд, зеро дар он марҳилаи ҳассоси таърихӣ омилҳое рӯйи кор омаданд, ки ба тавфиқи талошҳои поймардонаи ниёкони огоҳу бедордили мо барои ҳифзи ҳувият ва асолати фарҳангу тамаддуни ориёӣ мусоидат карданд. Дар раъси ин омилҳои ҳастисоз забони зиндаи тоҷикии форсии дарӣ қарор дошт, ки вуҷуди он гузаштаи тоисломии халқҳои эрониро бо даврони исломии таърихи Эронзамин бипайваст ва нагузошт, ки миёни ин ду марҳила аз лиҳози ҷаҳоншиносии динӣ ба ҳам мухолиф фосила ва гусастагии маънавӣ пайдо шавад, ҳамон гуна гусастагие, ки муҷиби «араб» шудани мардуми кишварҳои дигар гардид».

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон менависанд: «Мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ҳанӯз дар қарнҳои якуму дуюми исломӣ (асрҳои VII - VIII милодӣ) тaровишҳои табъи шоиронаи худро дар қолаби забони дарӣ пайрезӣ мекарданд. Метавон бо боварӣ ва итминони комил изҳор кард, ки теъдоди ин гуна ашъор дар вақташ ба маротиб зиёд будааст, вале ба сабаби забони гуфторӣ будани форсии дарӣ дар он даврон ва ҳанӯз ба қайди китобат надаромадани он, ашъори мазкур низ ба тариқи шифоҳӣ истифода мешуданд ва бо гузашти айём аксаран аз байн рафтанд» .

Дар идомаи ин фасл қайд мешавад, ки забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар давраи истилои араб ба ҳайси воситаи муошират на танҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр, Эрони марказӣ, балки дар шаҳрҳои бузурги хилофат – Макка, Мадина, Куфа, Басра ва Бағдод низ ривоҷи тамом дошт. Ва ҳамзистии забони тоҷикӣ бо арабӣ боис гардид, ки раванди

доду гирифт миёни ин ду забон дар марҳилаи мавриди назар густариш пайдо кунад.

Фасли сеюми ин боб «Забони модарии мо дар аҳди Тоҳириён» ном гирифтааст. Дар ин боб Пешвои миллат дар бораи ташкили давлати Тоҳириён нақл мекунанд. Менависанд, ки «Тоҳириён дар аҳди хилофати Аббосиён нахустин сулолаи подшоҳони эронинажод буданд, ки мустақилияти худро эълон карданд ва бештар аз панҷоҳ сол (солҳои 820 - 873) дар Хуросону Мовароуннаҳр ҳукмронӣ карданд».

Дар идомаи фасл Пешвои миллат аз ҳадафу фаъолияти Тоҳир ва Талҳа ибни Тоҳир (солҳои ҳукмронияш 822 - 828) писараш, ки баъдан ҷойгузини падар гардид, нақл мекунанд. Дар ин фасл аз навиштаи Бобоҷон Ғафуров иқтибос оварда, мегӯянд, ки «Дар дарбори Тоҳириён дар баробари забони арабӣ забони тоҷикӣ (форсӣ) ҳам хеле маъмул буд».

Фасли чаҳорум «Саффориён ва эҳёи давлатдории миллӣ» ном дорад, ки дар ин фасл дар бораи бунёдгузори давлати Саффориён Яъқуби Лайс ёдовар шуда, Яқуби Лайсро, ки агарчи дар хонаводаи мисгари одӣ ба дунё омада бошад ҳам, марди силаҳшӯру диловар хондааст. Ҳамчунин, Пешвои миллат дар идомаи фасл аз набардҳои хунини Саффориён ва Тоҳириён ёдовар мешаванд ва дар бораи ҷангҳои 10 – солаи Саффориён ва давлатдории ин сулола ва чӣ гуна саркӯб кардани исёну шуришҳои дохилии кишвар маълумот медиҳанд. Хулосаи ин боб бо нақли даъвати набарди Амри Лайс бо амири Бухоро Исмоили Сомонӣ ва шикасти ӯ ба поён мерасад.

Боби чаҳоруми китоб «Забони навиштории тоҷикӣ: давраи оғозин» унвон гирифта, аз чор фасл иборат аст. Дар фасли якум – «Куҳантарин намунаҳои хаттии забони тоҷикӣ» аз намунаҳои хатҳои аввалин, аз қабили хати тасвирӣ ва оромӣ сухан меравад. Сипас, ба масъалаи таъриху таҳаввул ва вазъияти хатҳои забонҳои форсии қадим мепардозад. Ин фасл дар навбати худ аз ду зерфасл таркиб ёфтааст. Дар зерфасли аввал – «Намунаҳои наср дар шакли вожа, ибора ва ҷумлаҳои алоҳида» аз манбаъҳои гуногуни таърихию адабӣ, аз ҷумла, «Китоб - ут - тоҷ - фӣ - ахлоқил - мулук», «Ал - маҳосин - вал - аздод», «Номаи донишварон», «Ат - тадвин – фӣ - ахбори Қазвин», «Китоби амвол» дар қолабҳои калима, ибора ва ҷумлаҳои алоҳида намуна оварда мешавад. Дар зерфасли дуюм – «Намунаҳои назм» аз осори таърихию адабии арабию форсӣ порчаҳои шеърӣ оварда мешавад. Масалан, намуна аз китоби «Таърихи Табарӣ» чунин оварда шудааст:

**Аз Хуталон омадия,**
**Ба рӯ табоҳ омадия.**
**Обор боз омадӣ,**
**Хашак низор омадия.**

«Табарӣ дар се мавридаз ҳаводиси солҳои 108/730 ва 119/741 нақл мекунад, ки волии Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ ба Хатлон лашкар кашид ва дар ин ҷанг шикаст хӯрда, шармсору парешон ба Балх гурехт. Ин шеър аз ҷониби мардуми Балх ба ин муносибат суруда шудааст ва кӯдакон онро дар кӯчаҳои Балх мехонданд».

Ё аз «Тазкират - уш - шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ порчаи зерин оварда шудааст:

**«Ҳужабро, ба кайҳон анӯша бизӣ,**
**Ҷаҳонро ба дидор тӯша бизӣ».**

Дар маҷмуъ, дар ин фасл бештар ба порчаҳои парокандаи осори манзуму мансур, ки ба фарҳанги мардум алоқаманд аст, такя карда мешавад.

Дар фасли дуюм – «Нахустин осори хаттии назму насри тоҷикӣ» оид ба куҳантарин намунаҳои китобии тоҷикӣ (дарӣ) сухан меравад. Ин фасл низ аз ду қисмат таркиб ёфтааст. Дар қисмати якум сухан аз аввалин шоирони порсигӯ аз қабили Абуҳафси Суғдӣ, Абулаббоси Марвазӣ, Ҳанзалаи Бодғисӣ, Маҳмуди Варроқ, Васифи Сагзӣ, Бассоми Курд, Абусалики Гургонӣ, Фирӯзи Машриқӣ рафта, аз ашъори онҳо намунаҳо оварда мешавад.

Дар қисмати дуюми ин фасл дар бораи аввалин китобҳои осори мансур, оид ба асарҳое, ба монанди «Муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абумансурӣ, «Гаршоспнома» ва «Аҷоиб - ул - Булдон»-и Абулмуайяди Балхӣ, тарҷумаи «Таърихи Табарӣ», «Тафсири Қуръон», «Донишнома»-и Майсарӣ, «Шуморнома»-и Муҳаммад Аюби Табарӣ, «Ҳидоят - ул - муаллимин - фӣ - т - тибб»-и Абубакри Ахавайнии Бухороӣ, «Таърихи Систон», «Китоб - ул - абнияи»-и Муваффақи Ҳиравӣ, «Синдбоднома» ва ғайра маълумоти

мухтасар ва бархе номбар шудаанд.

Фасли сеюми боби чоруми китоб «Замина ва омилҳои ташаккули забони адабӣ» унвон гирифтааст. Дар ин фасл заминаҳои густариши забон, вазъи сиёсӣ ва мавқеи он дар давраи истилои арабҳо ва баъди он шарҳу тавзеҳ дода мешавад. Муносибати арабҳо бо мардуми форс нисбат ба забони форсӣ низ бо мисолҳо инъикос ёфтааст. Пешвои миллат аз Наршахӣ иқтибос овардаанд, ки «Қутайба аҳли Бухороро фармуд, як нима аз хонаҳои хеш ба араб доданд, то араб ба эшон бошанд ва аз аҳволи эшон бохабар бошанд. Эҳтимоли қавӣ меравад, ки ин иқдоми Қутайба ибни Муслим на фақат ба манзури омӯзонидани шариати ислом, балки, ҳамчунин, ба мақсади густариши забони арабӣ низ буд…» . Дар идомаи асар омадааст: «Истилои араб ба ҳеҷ ваҷҳ натавонист истиқлоли забонии аҳли Хуросону Мовароуннаҳрро комилан аз байн бибарад. Забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар ин сарзамин ба забони арабӣ пайваста рақобат намуда, дар мақоми худ пойдору устувор монд».

Дар фасли чоруми ин боб, ки «Забони илм ва ташаккули истилоҳот» номгузорӣ шудааст, аз китобҳои илмии соҳаҳои гуногун, ҳамчунин, аз китобҳои адабӣ, ба монанди «Шуморнома»-и Айюби Ҳосиби Табарӣ, «Ҳудуд - ул - олам», «Кашфу - л - маҳҷуб»-и Абуяъқуби Сиҷистонӣ, «Ҳидояту - л - муаллимин - фӣ - тиб»-и Абубакри Рабеъ ибни Аҳмади Ахавайнӣ, «Китобу - л - абния ан ҳақоиқ - ил - адвия»-и Алӣ ибни Аҳмади Асадии Тӯсӣ, «Рағшиносӣ» ё «Рисола дар набз» ва «Донишнома»-и Абуалӣ Сино, «Китобу - т - тафҳим ли авойили саноат - ит - танҷим»-и Абурайҳони Берунӣ, «Ҷомеъу - ул - ҳикматайн»-и Носири Хусрав ёдоварӣ мешавад .

Аз асарҳои зикршуда намунаҳо оварда, аз ташаккули забони илм дар он даврон қайд карда мешавад. Дар ин фасл намунаҳо аз осори бо хати мехӣ ва монавӣ - портӣ, паҳлавӣ, хати суғдии монавӣ ва бо хати бохтарии монавӣ навиштаҷот оварда мешавад. Инчунин, намунаи сиккаҳои Кушониён, шоҳони бохтарӣ нишон дода шудаанд.

Боби панҷуми китоби «Забони миллат - ҳастии миллат» аз 5 фасл иборат аст. Ин боб «Давраи боландагӣ ва шукуфоии забони тоҷикӣ» ном дорад. Дар фасли аввали ин боб - «Забони модарии мо дар аҳди Сомониён», муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳлили таърихии забони тоҷикиро дар аҳди Сомониён, ки давраи дурахшонтарин саҳифаи таърихии давлатдории тоҷикон ва давраи шукуфоии забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад, баррасӣ намудаанд.

Пешвои миллат дар ин фасл дар бораи сиёсати адолати камназири амир Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ (849 - 907) ва муҳаббату иродати ӯ ба забони модарӣ, ки дар китобҳои таъриху адаби пешиниён дарҷ шудааст, сухан гуфта, дар идомаи таҳқиқоти худ менависанд: «Аслан анъанаҳои девондорию девонсолории мардуми ориёинажод реша ба даврони Ҳахоманишиён дорад ва ин амири сомонӣ ин анъанаи деринро эҳё карда, ба он сару сомон бахшид». Инчунин, дар бораи тартиби нақшаи девонҳо ва чигуна будану фаъолият кардани маъсулини онҳо маълумоти дақиқ дода шудааст.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи таҳқиқоти худ забони тоҷикӣ (форсии дарӣ)-ро мояи ифтихор ва василаи сарнавиштсозу ваҳдатофари қавмҳои эронинажод гуфтаанд: «Ин забон дар давраи ҳукмронии Сомониён ба сифати забони расмӣ ва омили ҳамбастагии миллӣ дар тамоми қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр ва дигар вилоятҳои тобеи давлати Сомониён рушду боландагӣ ёфт ва ба авҷи қудрату шукуфоӣ расид, зеро амирони сомонӣ мисли Яъқуби Лайси Саффорӣ ба забону адаби мардуми худ муҳаббати фаровон доштанд ва ба ҳимояту тарбияти шоиру нависандагони ҳамзабони хеш сахт камари ҳиммат баста буданд».

Муаллиф таъкид мекунанд, ки таълифу тадвин ва тарҷумаи бештари осори арзишманди аҳли сомонӣ бо дастури амирону вазирони Оли Сомон анҷом гирифтааст. Аз ҷумла, осори рангину мондагоре назири «Шоҳнома»-и Дақиқӣ, «Калила ва Димна» - манзуми Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, «Синдбоднома», «Таърих» ва «Тафсир»-и Табарӣ, «Ас - Саводу - л - аъзам»-и Абулқосими Самарқандӣ, «Ал - Абнияни - л - ҳақоиқи - л - адвия»-и Абумансури Муваффақи Ҳиравӣ ва ғайра, ки дар ҳамин аҳд таълифу тадвин ва ё аз забонҳои арабӣ ва паҳлавӣ тарҷума шудаанд, ба номи амирону вазирони Сомонӣ пайвандӣ дорад.

Фасли дувуми ин боб «Вижагии забони тоҷикӣ дар аҳди Сомониён» ном дорад, ки

дар бораи вожаҳои забони тоҷикӣ дар осори муҳаққиқу шоирон чун «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, осори ба забони тоҷикӣ таълифшудаи Абуалӣ ибни Сино ва дигарон мисолҳо оварда шудаанд ва мавриди баҳс қарор гирифтаанд.

Фасли савум «Забони модарии мо дар аҳди Ғазнавиён» унвон гирифтааст. Қайд мегардад, ки «Дар рӯзгори авҷи азамати Оли Сомон дар Хуросону Мовароуннаҳр ва дар сарзаминҳои дигари Эронзамин, аз ҷумла, дар Ҷурҷону Табаристон Оли Зиёр, дар Ироқу Форс Оли Бӯя ё Оли Бувайҳ ва дар Хоразм нахуст хоразмшоҳиёни Оли Ироқ, баъдан Оли Маъмун мақому қудрат ёфтанд. Вале дар ин давлатҳо забони арабӣ бештар расмият дошт ва ҳокимони ин хонадон ҳарчанд эронии асил буданд, ба андозаи Сомониён ба забону адаби тоҷикӣ (форсии дарӣ) инояту муҳаббат надоштанд, аз ин хотир, забони тоҷикӣ дар қаламрави онҳо ба таври шоиста рушду густариш пайдо накард».

Дар идомаи ин фасл дар бораи кишваркушоии Сабуктегин ва Маҳмуди Ғазнавӣ нақл меравад ва таъкид мекунанд, ки «Аксари подшоҳони Ғазнавӣ, ба мисли Сомониён ба забони тоҷикӣ ва илму адаб алоқамандии зиёд доштанд, ҳарчанд баъзе аз онҳо дар замони салтанати худ забони коргузории девонро аз тоҷикӣ ба арабӣ баргардонида буданд».

Муаллиф менигоранд, ки подшоҳони Ғазнавӣ ба мазҳаби Ҳанафӣ ва бунёди мактабу мадрасаҳо низ мусоидат менамуданд ва бо овардани чанде аз номҳои шоирону олимони ин давр фасли мазкурро ба анҷом мерасонанд.

Фасли навбатӣ «Забони модарии мо дар аҳди Зиёриён ва ё Повандиён» ном гирифта, дар бораи хонаводаҳои подшоҳии эронитабори Зиёрӣ, маълумот медиҳад. Пешвои миллат менависанд, ки «Оли Зиёр ё Зиёриён аз хонадони қадими Гелон буда, аз ҳамин вилояти кӯҳистон бархостаанд. Ва нахустин подшоҳи ин сулола Мардович ном дошт ва асли худро ба подшоҳони Эрони бостон нисбат медод».

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ин хонавода маводи лозимӣ пешниҳод намуда, аз ҷумла, қайд мекунанд, ки «Дар дарбори бузургтарин подшоҳи ин сулола Қобус ибни Вушмгирд шоирони форсигӯй, аз ҷумла, Абубакри Муҳаммад ибни Алии Хусравии Сарахсӣ, Абулқосими Ҷурҷонӣ ва дигар фозилон рафтуомад доштанд. Инчунин, Абуалӣ ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ низ як муддат дар ин дарбор будаанд».

Тибқи таҳқиқоти Пешвои миллат подшоҳи охирини зиёрӣ, ки дар гиромидошти забони адаби форсӣ маъруф аст, Унсуралмаолии Кайковус мебошад, ки пас аз падараш Искандар ба тахти подшоҳӣ нишаст. Унсуралмаолии Кайковус муаллифи китоби панду андарзии «Қобуснома» мебошад, ки то замони мо мавриди истифодаи ҳамагон қарор гирифтааст.

Пешвои миллат бар ин ақидаанд, ки «Дар қаламрави давлати Зиёриён забонҳои табарӣ ва тоҷикӣ мавриди истифода қарор доштанд, вале забони коргузорӣ ва номанигории дарбори Оли Зиёр забони арабӣ буд».

Фасли ахири ин боб «Забони модарии мо дар аҳди Оли Бӯя» ном дошта, хонадони подшоҳии Оли Бӯя мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Бино бо гуфтаи Пешвои миллат «Хонадони Оли Бӯя, Бувайҳиён ё Дайламиёнро се бародар: Алӣ, Ҳасан ва Аҳмад бунёд ниҳодаанд, ки аз моҳидорӣ ба тахти подшоҳӣ расиданд» . Муаллиф солҳои ҳукмронии ин хонадонро 120 гуфта, дар бораи чӣ гуна фаъолият кардану ҳукмронӣ намудани онҳо далелҳои фаровон овардааст. Аз ҷумла, авҷи эҷодиёти Шайхурраис Абуалӣ ибни Синоро низ ба аҳди подшоҳони Оли Бӯя медонад. Ба таъкиди муаллиф осори форсии Абуалӣ ибни Сино «Донишномаи Алоӣ», «Меъроҷнома» ва «Рисола дар набз» низ дар ҳамин қонун, дар дарбори ягона сарпарасти забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) аз подшоҳони Оли Бӯя – Алоуддавла Кокуя бо дархости ӯ дар Исфаҳон таълиф шуданд.

Боби шашуми ин китоб - «Густариши забони тоҷикӣ ба сифати забони байналмилалӣ» 5 фаслро дар бар гирифтааст. Дар маҷмуъ, дар ин боб густариши забони тоҷикӣ ва таъсиру нуфузи он ба забонҳои дигар дар давраҳои гуногуни таърихӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Дар фасли якуми ин боб – «Густариши забони тоҷикӣ ба минтақаҳои дигари ҷаҳон» паҳншавии нуфузи забони тоҷикӣ дар сарзаминҳои Ҳинду Синд, Қафқозу Осиёи Хурд, Ироқу Сурия нақл карда мешавад.

Фасли дуюми он «Забони тоҷикӣ дар аҳди Салҷуқиён» унвон гирифтааст. Дар ин фасл дар бораи вазъи сиёсӣ ва адабии даврон, ҳамзамон, намояндагони адабу фарҳанги ин давра, аз қабили Носири Хусрав, Хайёми Нишопурӣ, Муҳаммад ибни Абдумалик Муизии Нишопурӣ, Анварии Абевардӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Қатрони Табрезӣ, Асадии Тӯсӣ, Шервонӣ, Низомии Ганҷавӣ, Фаридаддини Аттор, Ҷалолуддини Балхӣ ва ғайраҳо зикр мегарданд. Осори ин адибон ҳамчун намунаи беҳтарин ҳисобида мешаванд, ки ба забони форсии тоҷикӣ таълиф гардида, дар рушди забони тоҷикӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

Сипас, ба зикри осори мансур, аз қабили «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Кимиёи саодат» ва «Насиҳату - л - мулук»-и Муҳаммади Ғазнавӣ, «Форснома»-и Ибни Балхӣ, «Муҷмалу - т - таворих ва - л - қисас»-и муаллифи ношинохта, «Таърихи Бухоро»-и Абубакри Наршахӣ, «Тазкирату - л - авлиё»-и Фаридаддини Аттор ва монанди инҳо пардохтааст.

Фасли сеюми боби шашум «Забони модарии мо дар аҳди Ғуриён» унвон гирифтааст. Дар он оид ба вазъияти сиёсии давлати Ғуриён маълумоти мухтасаре оварда шуда, сипас, аз адибони ин даврон, аз қабили Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Муҳаммад ибни Мунаввар (абераи Абусаиди Абулхайр), Муиниддин Чиштии Ҳиравӣ, Фахриддин ибни Ҳусайн, Шамсиддин Муҳаммади Сагзӣ, Минҳоҷиддини Ҷузҷонӣ ва дигарон ёдоварӣ шуда, вазъи забони тоҷикӣ дар ин даврон арзёбӣ мегардад.

Фасли чоруми ин боб «Забони тоҷикӣ дар аҳди Хоразмшоҳиён» ном дошта, дар баробари вазъи сиёсию иҷтимоии давр, ҳамчунин, вазъи забони тоҷикӣ дар ин даврон маънидод шуда, чунин қайд карда мешавад: «Дар ҳамаи ин айём забони расмии дарбор ва забони бештари мардуми қаламрави Хоразмшоҳиён забони тоҷикӣ буд» . Ғайр аз ин, намояндагони илму адаби ин давра, аз қабили Рашиди Ватвот, Баҳоуддин Валад, Наҷмиддини Кубро, Саид Исмоили Ҷурҷонӣ ва дигарон зикр мегарданд.

Фасли панҷуми ин боб «Нуфузи забонҳои бегона ба забони мо» унвон гирифтааст. Дар ин фасл таъсири забонҳои бегона ба забони тоҷикӣ баррасӣ мегардад. Таъсири забони арабӣ махсусан қайд шуда, бо омилҳои иқтисодӣ, динӣ, низомӣ, сиёсӣ, илмию адабӣ ва фарҳангию иҷтимоӣ марбут дониста мешавад.

Роҳбари давлат зимни рӯшанӣ андохтан ба марҳилаҳои омӯзишу ковишҳои илмӣ перомуни вожаи аслии «тоҷик» ва ба ин васила, забони тоҷикӣ аз осори қаблан нашргардидаи олимону муаррихон корбурд анҷом додаанд ва дар натиҷаи таҳқиқи доманадор ва тоза муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба як силсила андешаю натиҷагириҳои ҷадиди илмӣ даст ёфтаанд, ки дар забоншиносии тоҷик дастоварди бузурги илмӣ ба шумор меравад.

Тавре ки маълум аст, дар таҳқиқи вожаи «тоҷик» ховаршиносони аврупоӣ нақши босазо доранд. Агар дар рисолаи илмии худ устод Садриддин Айнӣ, асосан, дар такя бо осори таърихӣ ва луғатномаҳои форсӣ – тоҷикӣ талоши ба моҳияти калимаи «тоҷик» посух гуфтанро анҷом дода бошад, пас дар китоби «Забони миллат – ҳастии миллат»-и Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин мавзуъ ба таври нав аз дидгоҳи илмӣ баҳогузорӣ шудааст.

Ба таъкиди Пешвои муаззами миллат: «Омӯзиши истилоҳи «тоҷик» ба маънои номи халқу миллат ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XVIII, дар илми ховаршиносии Аврупо пайдо шудааст. «Бори нахуст дар илми аврупоӣ масъалаи пажуҳиши вожаи «тоҷик» дар як мақолаи М. Клапрот бо номи «Дар бораи бухориён» баррасӣ шудааст. Ин мақола соли 1823 дар ҷилди дувуми маҷаллаи «Журнал азиатик» чоп шудааст».

Аввалин иттилоъ дар матбуоти Федератсияи Россия оид ба тоҷикон аз ин ҳам пештар пайдо шудааст. Дар маҷаллаи русии «Вестник Европы» (Паёми Аврупо) моҳи апрели соли 1815 мақолаи «Дар бораи халқҳои сокини Персия» чоп шудааст, ки дар он гуфта мешавад: «Мардуми бумии ин давлат бо исми номниҳодаи форсҳо номи тоҷикро доранд. Онҳо моҳиятан омехтаи халқиятҳои гуногун, арабҳо, габрҳо (зардуштиён), яҳудиҳо буда, ихтиёрӣ ё ғайриихтиёрӣ ва маҷбурӣ дини Муҳаммадиро пазируфтаанд».

Ҳамин тавр, Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақлеро аз суҳбати М. Клапрот дар шаҳри Қазон бо бухороиҳо (соли

1806) меоранд, ки «Дар зимни ин вохӯрӣ мардуми бухороӣ забони модарии худро тоҷикӣ ва худро тоҷик меноманд». Иқтибоси дигаре, ки Пешвои миллат аз олими фаронсавӣ Ж. Сан - Мартен дар хусуси пайдоиши вожаи «тоҷик» ба таҳлил мекашанд, нисбатан нав буда, дар осори илмии дигар муҳаққиқон (чи тоҷику чи рус) нишон дода нашудааст. Ба ақидаи ӯ «Номи тоҷик, ки аз тарафи туркҳо ва тоторҳо ба мардуми форсизабони Форс, Афғонистон, Тахористон, Варорӯд дода шудааст, ҳамон номи қаблии бостонии доиҳо мебошад. Дар ин замина, портҳо ва ашкониён ба ҳамон гурӯҳи сакоӣ (скифҳо) тааллуқ доранд, ки номи «даи», «тоҷик» ва «доджик» ба халқияти онҳо мансуб будааст. Ин ном аз тарафи сосониҳо ва форсҳо, ки аз зери юғи портҳо озод шуда буданд, рад гардида, баъдан маънои «варвар» - барбарӣ ё халқи номутамаддинро ба сари ин ном бор кардаанд».

Пешвои миллат андешаҳои муаррихони дигарро, аз қабили А. Хромов, афсари рус Ё. К. Мейендорф, Ф. Д. Люкевич, Н. В. Хоников, А. А Семёнов, А. Вамбери, Л. Будагов, Де Лагард, С. Айнӣ дар боби миллати тоҷик ва моҳияти калимаи ҳамном баррасӣ намуда, зикр мекунанд, ки «Номбурдаҳо як ақидаи муштарак доранд, ки он ҳам ба халқияту миллатҳои арабу турк ҳеҷ гуна робита надоштани калимаи мазкур, яъне, «тоҷик» махсуб меёбад. Дар навиштаҳои ин муҳаққиқон фикре ба таври хулоса пешниҳод мегардад, ки истилоҳи «тоҷик» ва «тозӣ» ба маънии «тоҷ» омада, онҳо халқҳо ё мардумони бумии Форс мебошанд».

Албатта, дар ин раванд афкоре низ вуҷуд доранд, ки ба ақидаи муаллиф чандон дуруст ва саҳеҳ ба назар намерасанд. Ба сифати далел, Пешвои миллат андешаҳои донишманди рус М. А. Терентевро дар хусуси он ки вожаи «тоҷик» на ба маънои «тоҷдор», балки ба маънои «тоҷак», «тоҷи хурд» корбаст мешавад, рад намуда, барои исботи аниқтари истилоҳ ё мафҳуми «тоҷик» навиштаи устод Садриддин Айнӣ «Маънии калимаи «тоҷик»-ро мавриди назар қарор медиҳанд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афкори устод Садриддин Айниро ба таври фишурда бозгӯӣ намуда, ҳадафу натиҷагирии устодро аз маънии вожаи «тоҷик» чунонки дар фавқ таҳлил кардем, хотиррасон месозанд ва то чӣ андоза ба ҳақиқат наздик будани хулосаи Садриддин Айниро ба забоншиносон вогузор менамоянд.

Аммо тавре ки Сарвари давлат ёдрас мешаванд: «Дар байни олимон, забоншиносону муаррихон афкори зидду нақиз ва гуногун густариш ёфтааст, ки бештарини онҳо бар пояи тахмину фарзияҳо асос ёфта, аз ҳақиқати таърихӣ фосилаҳо дуранд ва ҷойи аҷобат надоранд, ки бо доир намудани баҳсҳои илмӣ (ҳамоишу мизҳои мудаввар ва семинару конфронсҳои илмӣ) мунтаҳо муҳаққиқон ба жарфи масъала ва асли моҳияти он бирасанд». Ба ин восита, Пешвои миллат андешаю мулоҳизаҳои таҳиягарони «Доиратулмаорифи исломӣ», «Таърихи Байҳақӣ», хулосаҳои илмии донишманди муътабар Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ, муҳаққиқи афғонистонӣ Ҷалолиддини Сиддиқӣ ва Абдулаҳмади Ҷовидро, ки бо натиҷагириҳои устод Садриддин Айнӣ ҳамоҳанг мебошанд, зикр намуда, ақидаи вижаи хешро пешниҳод мекунанд: «Мо низ мулоҳизоти худро дар бораи робитаи вожаи «тоҷ» ба калимаи «тоҷик» дар асари «Тоҷикон дар оинаи таърих, Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён» ба таври фишурда баён карда будем».

Маъмулан, калимаи «тоҷик» ҳамрадиф ва ҳаммаъноии «ориёӣ», яъне, наҷибзодагон будааст. Ба забони имрӯзаи тоҷикӣ маънои калимаи «тоҷик» мардуми тоҷдор, олимартаба, озодманиш аст. Ва номи имрӯзаи «тоҷик» ба ҷои номи этникии эрониёни кунунӣ ба ивази ориёӣ омадааст».

Вале печидатар будани ҷамъи андешаю мулоҳизаи олимон дар мавриди берун овардани маъниҳои вожаҳои «тоз», «тоҷ», «тай», «тозӣ» ва «тоҷик», вожаи «тоҷик» ва тахориву таоҷӣ муродифҳои вожаи «тоҷик» ва амсоли ин Пешвои муҳтарами миллат масъаларо бо овардани далелҳои раднопазир тавзеҳ бахшида, афкори худро дар шакли ҷамъбастӣ иброз менамоянд.

Қобили зикр аст, ки қисми зиёди муҳаққиқон ба тасдиқи Пешвои миллат дар бораи истифодаи вожаи «тоҷик» дар давраҳои пеш аз ислом ба таври огоҳона пажуҳиши доманадори илмӣ анҷом надодаанд. Муаллиф баъди зикри ин нукта ба фикри Х. Муъминҷонов чунин менависанд: «Дар аксари асарҳои бозмондаи адабиёти санс-

крит дар минтақаҳои Ҳинд калимаи «тоҷик» ба маънои «форс» ё «эронӣ» қайд шудааст, яъне, вожаи «тоҷик» бо форсизабон ҳаммаъно будааст. Вожаи «тоҷик» дар Ведҳо ба маънои «ориёиҳо» истифода шудааст, ки аз лиҳози таърихӣ ва ҳазорсолаи дувуми қабл аз милод мерасад» .

Аз таҳлили афкори олимоне, амсоли Х. Муъминҷонов ва К. Бекзода Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хулосае меоянд, ки «Тоз ё Тоҷ ҳамчун яке аз гунаҳои вожаи «тоҷик» ҳазорҳо сол қабл аз нуфузи арабҳо дар Осиёи Миёна вуҷуд дошт ва ин вожа, баръакс, аз ин минтақа, яъне, аз Осиёи Марказӣ ба Осиёи Пеш, Осиёи Хурд, Эрону Байнаннаҳрайн ва дигар маҳалҳо интиқол меёфт».

Дигар мавзуе, ки муҳаққиқонро дар ин боб ба худ ҷалб намудааст, бо калимаҳои «тай» ва «тозӣ» иртибот додани вожаи «тоҷик» ба шумор меравад. Чунонки Пешвои миллат қайд мекунанд: «Як идда олимон ақидаи иштибоҳангезеро ҳамчун далели таърихӣ пазируфта, пайдоиши вожаи «тоҷик» - ро бо номи қабилаи «тай» - и арабӣ марбут медонанд (аз ҷумла В.В. Бартолд)».

Гурӯҳи дигар, аз қабили А. Вамбери тахмин мекунанд, ки бухороиён ба баромади арабии худ гоҳ - гоҳ ишора мекунанд. Дар ин радиф, ба қавли муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ховаршиноси фаронсавӣ Катремар (1782 - 1852) аввалин бор ақидаеро пешниҳод намуд, ки мувофиқи он калимаи «тоҷик», «тазик» шакли сохташуда аз «тай» - и арабӣ дар шакли «разик» - розӣ, сокинони Рай мебошад. Ин ақидаи ғалат аз тарафи олимони олмонӣ Т. Нелдекс ва Г. Ҳюбшман дастгирӣ ёфт.

Ин афкор ҷонибдорони зиёде пайдо карда, минбаъд дар байни муҳаққиқони алоҳида ба раванди ҷиддӣ мубаддал гардид. Донишмандоне чун Хромов А. Л., Шпигел ва Ҳенинг В. Б. исбот карданӣ мешаванд, ки номи «тоҷик» бори аввал дар сарчашмаҳои давраи аввали истилои араб пайдо шудааст. Бо пайдоиш ва омӯзиши маводу маъхазҳои нав ақидаи зикршуда аз ҷониби олимон Андреев М. С., Кримский А., Миллер В., Боровков А. К. ва дигарон рад карда шудааст.

Дар ин масъала афкори бебунёди забоншиноси маъруф Хромов А., ки як навъ исботи гуфтаҳои муаллифони луғатҳои «Ғиёс - ул - луғот» ва «Бурҳони қотеъ» мебошад, аз ҷониби Пешвои муаззами миллат ба таври зайл иштибоҳ ҳисобида шуд: «Ҷустуҷӯйҳои илмии солҳои охир гувоҳи он аст, ки ин ақида пояи илмӣ надорад ва вақте сухан дар бораи вожаи «тоҷик» ё «тазик» меравад, бояд таърихи қавмҳои эрониро дар назар гирифт. Зеро агар ба асарҳои илмиву динии давраи пеш аз исломӣ такя кунем, ҳам қавми тоз ва ҳам дашти Тозиён ба мавқеи ҷуғрофии паҳншавии халқҳои ориёӣ, ки бештар ба даштҳои Осиёи Марказӣ ва Сибири Шарқиву Ғарбӣ ва Урал тааллуқ дорад, рост меояд».

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баррасӣ ва таҳлили саҳеҳтари вожаи «тоҷик» аз дигар олимону пажуҳишгарон хеле пештар рафта, таҳқиқот ва дастовардҳои навтарини илмиро аз ҷониби муҳаққиқони ҷаҳон пайгирӣ ва хулосаҳои худро дар робита ба мавзуи мазкур баён менамоянд. Вай аз сарчашмаҳои илмие, ки забоншиносии эронӣ дарёфт ва мавриди натиҷагирӣ қарор додааст, истифода намуда, афкори олимони Аврупоро дар ин боб иқтибос карда, беасос будани онҳоро низ бо мисолҳои боварибахш рад мекунанд. Се манбаи муҳим аз ҷониби Пешвои миллат ба сурати хулоса пешниҳод мешавад, ки яке аз он сангнавишти бохтарии Яковланг дар вилояти Бомиён (Афғонистон), дигаре сиккаи як подшоҳ бо лақаби ифтихоромези «Қайсари Рум» ба забони бохтарӣ ва сеюм як барг аз як нусхаи монавӣ - портӣ иборатанд.

Баъд аз таҳқиқи омӯзиши сангнавиштаҳои бохтарӣ олим Симс Вилямс ба натиҷае мерасад, ки дар сатри чаҳоруми сангнавишта исми қавми «тоҷик» ба маънии «тозӣ», яъне, араб мебошад. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаҳои донишманди тоҷиктабори Олмон Ғулом Ҷелонии Довариро, ки сангнавиштаҳои бохтариро аз таҳқиқи лабораторӣ гузаронида, дақиқ намудааст, ки ҳарфи аввали калима «т» буда, бар хилофи андешаи Симс Вилямс, ки онро «дол» мепиндошт, ифодагари номи tazigo мебошад, ҳамчун далел оварда, зикр менамоянд, ки «Бинобар он, ба таври куллӣ таъбири тоҷик - Tazigo ба ҳайси араб ва санггузории сангнавиштаҳо бо соли 492 бохтарӣ (724 милодӣ) аз тарафи Симс Вилямс ба назар дуруст намерасад. Агар фарзан қабул кунем, ки ин таърих дуруст аст, боз ҳам дар он замон дар минтақаи

Бомиён арабҳо ҳанӯз вуҷуд надоштанд…».

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки олимони баъдина низ ба иштибоҳ роҳ дода, бо ҳар роҳ халқияти тоҷикро бо арабҳо як медонанд. Ҳол он ки дар сангнавиштаи Яковланг матн ба маънии зерин омадааст: «Вақте, ки ман подшоҳи турк ва подшоҳи тозиг (тоҷик) шудам». Дар ин асари сангӣ ҳеҷ гуна ишорате ба қавми араб ва вожаи ҳамном вуҷуд надорад.

Забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) то ҳамлаи муғул новобаста аз ҳаводиси рӯзгор ва шебу фарози таърих вижагиҳои ноби забони асилро дар худ нигоҳ дошта тавонистааст, ки дар набарду муҷодила бо забони тавонои диниву идориву давлатии ин замон – забони арабӣ на танҳо истодагарӣ кунад, балки тадриҷан дар сарзамини васеъ, аз Ҳинду Чин то Осиёи сағир ба забони байналмилалӣ табдил ёбад.

Дар идомаи андешаҳои худ муаллиф аз нусхаи хати монавӣ – портӣ сиккаҳои замони Тегиншоҳиён ва тафсири вожаҳои тоту сарт ва «тоҷик» ёдовар гардида, ҳамон хулосаи саҳеҳеро, ки пештар устод Садриддин Айнӣ баён намуда буд, дуруст ва асоснок шуморида, мегӯянд: «Аз ин матнҳо бармеояд, ки вожаи «тозиг» ба араб ва шоҳи араб ҳеҷ иртиботе надорад».

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тафсилоти тавзеҳи вожаи «тоҷик»-ро дар иртибот бо муродифҳои он, масъалаи муносибати мутақобилаи вожаҳои «тоҷик» ва турк, тафсири калимаҳои «деҳгон», «деҳқон», мафҳумҳои «озодагон», «ашрофу аъроб» ва «тоҷику тозӣ» идома дода, ақидаҳои назоратгарони масъалаи мавриди назарро ба тариқи зерин хулосабарорӣ менамоянд:

«1. Тахмини Бартолд В. В. дар бораи дар даврони исломӣ аз шакли пешини «тачик» пайдо шудани шаклҳои баъдии «тозӣ» ва «тозик» асоси илмӣ надорад. Махсусан, дар ҳамин давра номи «тозӣ» ба маънои «араб, арабизабон» аз «тоҷик» фарқ мекард.

2. Барои ҳамон замон бо зуҳури арабҳо дар Осиёи Марказӣ пайдо шудани вожаи «тоҷик» ё «тажик» аз «тазӣ» ё «тазик» ба маънои «араб» ва тамоман фарқ накардани арабҳо аз халқҳои эронитабори Осиёи Миёна, ки туркҳо бо онҳо робитаҳои бевосита доштанд, асоси воқеӣ надорад.

3. Бояд ба назар гирифт, ки дар як солномаи тибетии соли 732-и милодӣ тоҷикон ҳамчун сокинони бумии эронии Осиёи Марказӣ ва ҳамсоягони наздики Чин дар Ғарб ёд мешаванд. Ин моро водор мекунад, ки ақидаи фарқияти куллӣ доштани вожаҳои «тозӣ» ва «тоҷик»-ро боз ҳам бештар тасдиқ намоем.

4. Вожашиносии дурусти эҳтимолии вожаи «тоҷик» ҳамон решашиносии мардуми «тоҷдор» аз рӯйи доштани кӯлоҳи монанди «тоҷ ё шона» мебошад.

5. Дар забони паҳлавии сосонӣ (парсик ё форсии миёна) калимаи «тоҷик» дар мавриди араб ё арабҳои эронишуда ва ҳам арабҳое, ки дини зардуштиро пазируфта буданд, ба кор рафтааст.

6. Зоҳиран калимаи «тоҷик» аз роҳи забони портӣ ба суғдӣ ва баъд ба форсии дарӣ ҳамзамон бо зуҳури ислом ворид шудааст. Баъзеро ақида бар ин аст, ки лафзи «тажик» дар забони хутании қадим мустаъмал будааст.

7. Муғулон ғайри худро «тозик» мегуфтанд. Ҳамин ки туркон зоҳир шуданд, ин калимаро дар бораи ориёиҳо, яъне халқҳое, ки турк набудаанд, истеъмол кардаанд».

Аз таҳлилҳои илмию хулосаҳои амиқу мантиқии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон метавон гуфт, ки миллати тоҷик ва забони ноби он яке аз қадимтарин миллатҳо ва забонҳо дар рӯйи олам буда, то имрӯз ҳамчун як миллати фарҳанггустар, дорои таъриху адабиёти бой барои ғановати фарҳангу адаби башарӣ хизматҳои шоиставу бебаҳо анҷом додаву анҷом медиҳад.

Дар маҷмуъ, асари «Забони миллат - ҳастии миллат» як дастури арзишманди худшиносӣ, раҳнамои ҳувият ва асолати миллӣ, рисолаи таърихию пурарзиш дар роҳи тақвият ва густариши забони миллии мо – тоҷикон дар марҳилаи кунунӣ мебошад. Пас, мутолиаи ба такрори ин ганҷинакитоб ва омӯзиши равандҳои таърихии густариши забони тоҷикӣ насли ҷавони моро дар роҳи шинохти асолати миллию таърихӣ боз ҳам устувортар мегардонад.

**Савриддин БОБОҶОНОВ,**
**омӯзгори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон**



# РУШДИ СОҲАИ САНОАТИ КӮҲИЮ МЕТАЛУРГӢ ҲАДАФИ МОСТ

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки ҳамасола иҷроа мешавад, фарогири масъалаҳои муҳимтарини хоҷагии халқ, инчунин, муайянкунандаи дурнамои соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дар маҷмуъ, тамоми самтҳои ҷомеа мебошад.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ҷиҳати муайянсозии дурнамои рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ татбиқи якчанд ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ, аз ҷумла, консепсия, стратегия ва зиёда аз панҷ барномаи давлатиро пешбинӣ намуданд.

Бояд зикр намуд, ки яке аз ин панҷ барнома ин Барномаи азхудкунӣ ва дар дохили мамлакат то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани металлҳои ранга аз конҳои муайяншуда, аз ҷумла сурма, литий, волфрам, никел ва дигар металлҳо мебошад.

Ҳамзамон, ба масъалаи рушди соҳаи саноати кӯҳию металлургии кишвар Пешвои миллат дар паёмҳояшон ба ҳайси соҳаи фоидаовари хоҷагии халқ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд ва мунтазам таъкид менамоянд, ки аз коркарди ашёи хом то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани металлҳои ранга ва дигар боигариҳои зеризаминӣ, ки яке аз роҳҳои ғанӣ гардонидани буҷаи давлат маҳсуб меёбад, ба таври зарурӣ истифода карда шавад. Илова бар ин, рушди саноати кӯҳию металлургӣ, сохтануба истифода додани корхонаҳои хурду калони ин соҳа бевосита қисми таркибии саноатикунонии кишвар буда, барои бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мусоидат менамояд. Тамоми масъалаҳои меъёриву ҳуқуқӣ, вазифагузориҳо ва муҳимтар аз ҳама, иродаи амиқи корӣ дар самти рушди саноатикунонӣ ва коркарди конҳои табиӣ вуҷуд дорад, вале масъалаи дигар ҷанбаи кадрии он мебошад.

Маҳз ба ҳамин хотир, барои истифодаи самаранок ва ҳадафмандонаи захираҳои табиии кишвар, пурзӯр намудани ҳиссаи иқтисоди миллӣ, истифодаи манфиатноки он Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки «Барномаи азхудкунӣ ва дар дохили мамлакат то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани металлҳои ранга» - ро омода ва амалӣ намоянд.

Яке аз омилҳои асосии амалигардонии барномаи мазкур омода намудани мутахассисони миёна ва олии касбии соҳа мебошад. Аз ин лиҳоз, Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон ба ҳайси яке аз муассисаҳои олии касбии кишвар дар самти тайёр намудани мутахассисони болаёқати равияҳои корҳои кӯҳӣ, металлургия, иқтисодиёти саноатӣ, коркарди нафту газ ва электромеханика масъулияти омода намудани мутахассисонро ба уҳда дорад. Айни ҳол хатмкунандагони ин муассисаи олии касбӣ дар рушди соҳаи саноати кӯҳию металлургии кишвар саҳми арзанда гузошта истодааст. Пояҳои моддию техникии донишкада сол аз сол мустаҳкам гардида, мутахассисони ба талаботи замон ҷавобгӯ омода карда мешавад. Ин ҳама дастгирӣ, қабули барномаҳои соҳавӣ ва раҳнамоию ҳидоятҳои Роҳбари давлат дар назди муассисаҳои олии касбии соҳавӣ ва омӯзгорон масъулияти баландро ҷиҳати омода намудани кадрҳои соҳаи саноати кӯҳию металлургӣ ба миён мегузорад. Пас, мо – омӯзгоронро зарур аст, ки дар самти тақвияти барномаҳои таълимӣ, рушди низоми таълим ва омода намудани кадрҳои соҳавӣ бо виҷдони пок ва масъулияти баланд саҳмгузор бошем.

**Дилшод РАҲИМӢ,**
**мудири Маркази мероси фарҳангии тоҷикони Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ**



# ҶАШНИ МЕҲРГОН ВА СУФРАИ ИДОНАИ ОН



Ҷашни Меҳргон дар сарчашмаҳои таърихию фарҳангӣ ва адабӣ, махсусан, дар ашъори шоирони классики форс-тоҷик тимсоли баракату фаровонӣ, файзи дастархони кишоварзону боғдорон ва ҳунармандону домдорон бозтоб шудааст. Таҷлили Меҳргон дар тирамоҳ бо Наврӯзи баҳорӣ як навъ тавозунро ба вуҷуд овардааст. Ниёгони мо дар айёми баҳорон бо сад нияту умед ба корҳои кишоварзию боғпарварӣ ва ғайра шуруъ карда, дар фасли тирамоҳ ҳосили заҳмати худро гирдоварӣ мекарданд. Ба қавле, дар баҳор мекоштанд ва дар тирамоҳ ҳосилашро мебардоштанд. Дар ҳар амал онҳо аз Худованди баракатбахш фаровонию афзунии самараи дастранҷи хешро дархост менамуданд. Баъд аз ҷамъоварии ҳосилот ба рамзи шукронаи неъмати худодод ҷашнҳо мероростанд, шодию хуррамӣ мекарданд.

Аслан «Меҳргон» чӣ маъно дорад ва дар маъхазҳо чӣ тафсир шудааст? Истилоҳи «Меҳргон» аз вожаи «Меҳр» (дар Авесто – Митра) ва пасванди «-гон», ки мансубиятро ифода мекунад, сохта шудааст. Номи ин ҷашн дар сарчашмаҳои бостонӣ низ ба гунаҳои Митрагона, Митракона ва Митрокана зикр гардидааст.

Ниёгони мо қабл аз динҳои ислом ва зардуштӣ бо номи Меҳрпарастӣ оине доштанд, ки онро дар адабиёти илмии аврупоӣ митраизм меномиданд. Меҳрпарастӣ дар байни мардумони ҳиндуэронӣ густариш ёфта, сипас ба фарҳанги халқҳои Шарқи Наздику қисман Аврупо, махсусан ба Рум интиқол гашт ва то садаи 4-уми мелодӣ мақому пайравони худро доштааст.

Меҳргон, асосан, ҷашни гирдоварии ҳосили заҳмати кишоварзию боғдорӣ мебошад ва дар он кулли мардум иштирок намуда, якҷоя хурсандию шодмониҳо мекунанд. Бинобар ин, онро дар фасли тирамоҳ, дар айёми пухтану расидани меваҳо, буттамеваҳо, сабзавот, анвои ғалла ва маҳсулоти полизӣ таҷлил мекунанд.

Моҳияти баргузории Меҳргонро шукронаи дастархони пурнозу неъмати табиат, орзуи баракату фаровонӣ, дӯстию ягонагӣ ва ҳамин гуна ғояҳои олии ахлоқию инсонӣ ташкил медиҳанд. Дар мазмуну моҳияти Меҳргон ягон унсури хилофи ахлоқу арзишҳои зиддидинӣ, зиддинажодӣ ва зиддимиллӣ дида намешавад. Он, воқеан, таҷассуми суннатҳои неки ниёгони мост. Ҳамин гуна арзишу ғояҳои судбахши Меҳргон буд, ки вусъату тамдиди онро дар дарозои таърих таъмин кард ва то ба рӯзҳои мо дар шаклу суратҳои гуногун омада расид.

Ҷавҳари ахлоқии Меҳргонро дар мисоли архетипии ғалабаи Фаридун бар Заҳҳоки золим – пирӯзии некӣ бар бадӣ, рӯшноӣ бар торикӣ ва дӯстӣ бар душманӣ ташкил намуда, ин ҷашни зебо инсонҳоро дар масири таърих ҳамеша ба сӯйи адолатхоҳӣ, баробарӣ ва меҳрубонӣ ба ҳамдигар, сулҳпарварӣ, инсондӯстӣ ва накукорӣ ҳидоят кардааст.

Аз аҳди бостон дар ҷашну маросимҳо густардани суфра ё дастархони идона суннати собиқадор аст. Чунин дастархонҳо бештар мазмунҳои асотирию рамзӣ доштанд ва як навъ пешкаш ба худоёну фариштагон ба шумор мерафтанд.

Дар ҷашни Меҳргон низ эрониёну тӯрониёни қадим ба мисли дастархони рамзии наврӯзӣ суфраи идона меоростанд. Устурашинос Ҷалили Дӯстхоҳ ишора кардааст, ки ба он лиму, шакар, гули нилуфар, себ, хӯшаи ангур, ҳафт дона муруд, хӯшаи гандум, оина ва паймонаи тарозу мегузоштанд, ки ҳар яке маънию рамзи худро дошт (Авесто / тарҷумаи Ҷ. Дӯстхоҳ. – Душанбе: Қонуният, 2001. – С.667).

Меваю неъматҳои дигаре, ки дар дастархони идонаи Меҳргон мениҳоданд, маҳсули заҳмати инсон буда, аксарашон ранги сафед ва ё заррин доштанд ва фаровонию баракатро ифода мекарданд. Оина ва паймонаи тарозуро ба хотири Эзад, Меҳр мегузоштанд, ки якумӣ рамзи осмон ва рӯшноиву покӣ ва дувумӣ рамзи аҳду паймон ва адлу додро ифода мекарданд.

Дар луғатномаи «Бурҳони қотеъ» дар ҳошияи шарҳи калимаи «Меҳргон» роҷеъ ба хони меҳргонӣ низ ишорат шудааст. «…Ва аввал касе, ки дар ин рӯз наздики подшоҳони аҷам омадӣ? мӯбадон ва донишмандон будандӣ ва ҳафт хон аз мева ҳамчун шакар ва турунҷ ва себ ва биҳӣ ва анор ва уноб ва ангури сафед ва кунор бо худ оварданди. Чи ақидаи форсиён он аст, ки дар ин рӯз ҳар кӣ аз ҳафт меваи мазкур бихӯрад ва равғани бон (номи дарахтест, ки баргҳои нозуку хушбӯй дорад ва аз донаҳои пистамонанди он равғани хушбӯе мегиранд – Д.Р.) бар бадан бимолад ва гулоб биёшомад ва бар худ ва дӯстони худ бипошад, дар он сол аз офоту балоёт маҳфуз бошад. Ва нек аст дар ин айём ном бар фарзанд ниҳодан ва кӯдак аз шир боз кардан» (Бурҳони қотеъ. – Душанбе: Адиб, 2014. – Ҷ.3. – С.116).

Аз ин иттилооти сарчашмаҳо бармеояд, ки суфраи меҳргонӣ дар замонҳои қадим мутобиқи рамзҳо ва ифодаҳои асотирии вижаи Меҳр ниҳода мешудааст ва дар давраҳои баъдӣ баъзе унсурҳо, ба монанди оинаву тарозу аз байн рафтаанд. Бештар ба ҷанбаи табиии Меҳргон ҳамчун ҷашни тирамоҳӣ бо нияту орзуи баракату фаровонӣ таваҷҷуҳ мешудааст.

Дар байни зардуштиёни устони Кирмону Язди ҶИ Эрон то кунун ҷашни Меҳргону Сада дар радифи Наврӯз таҷлил мешаванд ва ҳанӯз ҳам баъзе унсурҳои қадимаро дар худ ҳифз кардаанд. Чунончи зардуштиёни Кирмон дар ҷашни Меҳргон суфраи идона густарда, рӯйи он об, китоби Авесто, оина, шириниҳо, анор, гулҳои рангоранг, гиёҳи овешан, чанд адад бодому санҷид, сиккаи нуқра ва шамъ мегузоранд. Шамъро рӯшан карда, сандалу уд ва испанду кунорро дар оташ дуд карда, хонаҳоро хушбӯй мегардонанд (Зиндадил Ҳ. Маросими ақвоми эронӣ. – Теҳрон, 1387. с. 64).

Бояд қайд кард, ки дар ҷашни Наврӯз рӯйи дастархони идона таомҳои баҳорӣ (гандумкуча, кашк, далда, оши бурида бо гиёҳҳои баҳорӣ, самбӯсаю мантуи алафӣ ва ғайра) мегузоранд. Ба суфраи ҷашни Сада хӯрокҳои серғизои зимистонӣ ва хушкмеваю шириниҳо хоссанд. Аммо меваю сабзавот ва ҳарҷӣ аз инҳо тайёр мекунанд, махсуси дастархони Меҳргон ба шумор меравалд.

Инак чанд сол аст, ҷашни бостонии Меҳргон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми шарифи кишвар бо тантана ва шукӯҳ таҷлил мешавад. Масъалаи оростани дастархони идона низ яке аз унсурҳои ҷашн буда, боиси ҷалби тамошогарон ва меҳмонон мебошад. Бояд созмондиҳандагони ҷашн ба суфраи ҷашни Меҳргон меваҳои маҳаллиро гузоранд. Ҳамчунин, тибқи суннатҳои қадима дар дастархон ниҳодани оина ҳамчун рамзи осмони софу рӯшноӣ ва хӯшаи гандум рамзи баракату фаровонӣ мумкин аст.

Мувофиқи маълумоти Берунӣ ва дигар таърихнависон, Худованд барои зиннати бандагони худ ёқутро дар Наврӯз ва забарҷадро дар Меҳргон берун овард. Бинобар ин, созмон додани намоиши намунаҳои сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ яке аз унсурҳои ҷашни Меҳргон ба шумор меравад.

Растаи намоишгоҳи сангҳои гаронбаҳо ва нодир, ки ҳама аз сарзамину кӯҳсори Тоҷикистон гирифта шудаанд, иборат аз сангҳои мармари сурху сафед, сиёҳ, фирӯза, ақиқ, забарҷад, лаъл ва ғайра иборат мебошад. Ҳамчунин, маснуоту армуғонҳое, ки аз ин сангҳо сохта шудаанд, ба маърази тамошо ва фурӯш гузошта мешаванд.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар, ки арзишмандтарин дастоварди миллати тоҷик дар ҳазораи охир аст, бо шарофати сиёсати хирадмандонаву фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзишҳои таърихиву фарҳангии миллати кӯҳанбунёду тамаддунофари тоҷик дубора эҳё мегарданд, ҷашну маросим ва суннатҳои фарҳангӣ зинда ва ғанитар шуда, худшиносиву худогоҳии миллӣ тақвият меёбанд.

# ОМӮЗГОРӢ ИШҚ АСТ! ЧӢ ГУНА?

**Омӯзгорӣ болотар аз касб, балки ишқ аст. Касоне ин пешаро интихоб намуда, умри худро сарфи таълиму тарбияи насли наврас мекунанд, ки ба он ошиқанд. Ба муносибати Рӯзи омӯзгорон бо чанде аз устодону омӯзгорони муассисаҳои таълимии кишвар оид ба пешаи омӯзгорӣ ва рисолати аслии муаллимону тарбиятгарон суҳбат оростем, ки фишурдаашро ба шумо пешкаш мекунем.**

**Сафаргул ОДИНАЗОДА,**
**декани факултети муштараки ДМТ бо МТО Беларус,**
**номзади илмҳои физикаю математика**



Дар оилаи педагог ба дунё омадаам. Падарам муаллими математика ва модарам мураббия буданд. Бо нони ҳалоли омӯзгорӣ ба воя расидаам. Нони ҳалолро ёдовар шуданам, ин аст, ки аз заҳмати волидонам дарк кардам, омӯзгорӣ ягона пешаест, ки дар он инсони оқил наметавонад хиёнат кунад, кач гӯяду кач равад. Ҳамеша дар фикри пешрафти нафаре камари ҳиммат мебандаду равшании қалбу зеҳни аҳли ҷомеаро орзуманд аст. Омӯзгори асил будан ба ҳар кас муяссар намегардад. Баъзеҳо соҳиби ҳуҷҷати ин касбанд, аммо пас аз як ё ду соли фаъолият дар ин соҳа тарки пеша мекунанд. Ин далели он аст, ки бори сангинеро ба дӯш дорад муаллим.

Агар омӯзгор мувофиқи завқу шавқ ва бо муҳаббат ба касби худ амал кунад, шогирдон ҳамеша ӯро гӯш мекунанду донишашро аз бар. Ҳар як омӯзгор усулҳои махсуси дарсгузаронии хоси худро дорад. Масалан, ман вақте дар рӯзҳои аввали дарс ба синфхонаи гурӯҳҳои нав дохил мешавам, бо ҳайрат ба ман менигаранд. Яъне, донишҷӯёне ҳастанд, ки аз нигоҳи чашмонашон пай мебарӣ, ки дар дил барои аз худ кардани илму дониш рағбат доранд ва ман эҳсос мекунам, ки донишҷӯ фанни маро аз худ кардан мехоҳад. Бархеи дигар ба он чизе, ки шумо таълим медиҳед, парво надоранд, вале вазифаи мо аз он иборат аст, ки ба мавзуи худ таваҷҷуҳ ва муҳаббати зиёд зоҳир кунем. Ба ҳама як навъ назар кунем. Ба касбу пешаву ишқи худ хиёнат накунем ва рисолати касбии хешро сарбаландона ба ҷо биёрем.

**Абдулвоҳид АБДУЛҲАЕВ,**
**омӯзгори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**



Ишқ ба шогирдон, ишқ ба қаламу китоб, ишқ ба сухангӯиву суханварӣ ва ишқ ба илму дониш, рисолати аслии ҳар як омӯзгор аст!

Ба як кас омӯзонидани як калима ва ё як ҳарф маҳорати зиёдро талаб менамояд ва албатта, шахси соҳибмаҳорат метавонад ба ҳама мақсаду ният ва орзуи худ бирасад. Ман ба ин касб аз кӯдакӣ, аз давраи гузоштани аввалин қадамҳоям ба мактаб ошиқ гашта будам. Бо дидани нахустин омӯзгори худ, дар наздам мақсад гузоштам, ки рӯзе ба мисли эшон соҳиби шогирдони зиёд мегардаму барояшон сидқан ҳарфе меомӯзонам. Муҳаббатам нисбат ба ин пеша самимиву қарин аст ва ҳамеша кӯшиш

менамоям, то чизи наве биомӯзаму ба шогирдон пешкаш созам. Махсусияти ин касб низ дар ҳамин аст, ки бояд аз болои худ бештар кор куниву барои таъмини ояндаи неки шогирдонат талош варзӣ. Ишқ ба касби омӯзгорӣ на танҳо ишқ ба як касб аст, балки доштани муҳаббату садоқат ба ҳар дақиқаи дарсҳоят, ба шогирдонат, ба ҳамкоронат ва муҳимтар аз ҳама, ба меҳнати худат мебошад.

Набояд фаромӯш созем, ки омӯзгорӣ яке аз бузургтарин масъулиятҳо ба шумор рафта, бунёдгузори тақдири ояндаи давлату миллат ҳисоб меёбад. Зеро, маҳз омӯзгор ҳам духтуру ҳам муаллим ва ҳам роҳбару ҳам муҳандисро таълиму тарбия медиҳаду омода мекунад.

Давоми фаъолияти омӯзгорӣ кӯшиш менамоям, ки бештар ба масъалаи ҷолибият ва оммафаҳмии машғулиятҳои худ аҳамият диҳам. Талош мекунам ҳамчун омӯзгори ҷавон дар фаъолияти касбии худ аз навовариҳо бештар истифода бурда, аз уҳдаи рисолати аслии хеш - тарбияи насли наврас бо сарбаландӣ бароям.

**Фирӯза ЭМОМОВА,**
**омӯзгори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ**



Дар ҳақиқат, омӯзгорӣ ишқ аст ва танҳо ошиқи ин касби пуршараф омӯзгор шуда метавонад. Омӯзгори асил шахсеро метавон гуфт, ки ҳама илму донишашро, бо меҳру муносибати самимӣ аз қалби худ ба шогирдон дода тавонад, зеро агар робитаи тарафайни шогирд ва муаллим набошад, кори таълиму тарбия басе мушкил мешавад.

Бо ифтихору итминон мегӯям, ки дар табори омӯзгор чашм кушода, тарбия гирифтаам. «Духтари муаллим» ё «муаллима» гуфтани ҳамдеҳагонам то ҳол ба гӯшам форам мерасад. Худ қазоват кунед, чӣ қадар қадри муаллим болову волост. Муаллими аввалини ман модарам буд ва маҳз ӯ тавонист, ки ишқи ин касбро дар дилам ҷой намояд. Модарам идеалам буд, ки ҳарфро бо ҳарф ҷур кардан, хондан, навиштан, фарқияти некию бадӣ, шикастану нарехтанҳо, сӯхтану сохтанҳо, қавиродаю устувор будан ва бо роҳи рост рафтанро омӯзонидааст.

Бинобар ин, аз кӯдакӣ орзу доштам, ки ба модарам монанд бошам. Хушбахтона, имрӯз омӯзгор ва давомдиҳандаи касби пурмасъулияти падару модарам ҳастам ва аз интихоби кардаам, пушаймон набудаму нестам.

Чуноне мегӯянд, омӯзгори муваффақ касест, ки илму дониши ба шогирдон додааш самар орад.

Комёбии ҳар як шогирд обрӯ, иззат ва эҳтироми омӯзгор мебошад. Ҳар боре, ки омӯзгор пешравиҳоеро дар симои шогирдонаш бинад, меҳру муҳаббату самимияташ нисбат ба касбаш зиёд мегардад.

Аз ин рӯ, ман ифихор дорам, ки омӯзгорам.

**Эмомалӣ ГУЛОВ, декани факултети кори фармасевтии таҳсилоти шабонаи коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ**



Ҳар киро дар зиндагӣ устодест. Имрӯз чӣ муаллиму чӣ духтур, чӣ ронанда ва чӣ коргару бофанда ҳама устодону шогирдони худро доранд. Ҳамаро дар ҳаёт касе илме омӯзонидааст. Ягон кору амал, ягон пешравӣ бидуни заҳмати омӯзгор ба авҷи воло намерасад. Устод касест, ки дар симои ӯ омӯзандаи ҳама гуна роҳу равиш, фаъолият ва ҷамъи ҳунару истеъдодро дидан мумкин аст. Ба ибораи дигар, мо метавонем устодро мураббӣ ва роҳбалади кулли корҳои хайр бигӯем.

Шогирдонро лозим меояд, ки аз заҳ-

матҳои устодони хеш бохабар бошанд, онҳоро қадршиносӣ карда тавонанд, зеро бе заҳмати зиёди устодон ягон шогирд ба ҷое расида наметавонад. Обрӯи шогирдони болаёқат обрӯи омӯзгор аст. Маҳсули меҳнати ҳар як инсони асил аз заҳмати кашидааш падид меояд. Ба қавли Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ бузург:

**Ҳар кӣ ранҷе дид, ганҷе шуд падид,**
**Ҳар кӣ ҷаҳде кард, бар ҷаҳде расид.**

Ин ҳама сухан, ки дар дили ман нисбат ба пешаи омӯзгорӣ нуҳуфтааст, метавонам муҳаббаташ биномам ва ё ишқи беохире. Наметавонам аз ишқам - пешаи омӯзгорӣ то ҳастам дил биканам.

**Шодона САИДЗОДА,**
**омӯзгори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода**



Дар ҷодаи омӯзгорӣ ҳанӯз дар аввали роҳам, вале муҳаббатам ба ин касб шояд аз он рӯзе буд, ки худро шинохтам. Ҳақиқат аст, ки дар оилаи муаллим ба дунё омадам ва бо "нони муаллим устухонам шах шуда" ва аз ин ҷо хулоса кардам, омӯзгорӣ молу сарвати зиёд нест, мансаб нест, ҷоҳу ҷалол нест, балки хайрхоҳист.

Мусалламан, муаллиме, ки донишу ақлу хиради волои худро ба касе намеомӯзонад, яъне, шогирде тарбия наменамояд, дарахти бесамареро мемонад, ки беманфиат аст. Анъанаи неки бузургон омӯзонидани донишу ҳунарҳои воло ба насли ояндаи миллат аст, ки фардои дурахшони ҳаёт аз он зиёд вобаста аст

Бо сухани назмии Боқӣ Раҳмизодаи ширинкалом гуфтаамро дар васфи омӯзгорони асил интиҳо мебахшам:

**Тақдири насли миллат бар зиммаи ту бор аст,**
**З-ин бештар ба дунё дигар чӣ эътибор аст?!**
**Омӯзгор он гаҳ мамнуну бахтёр аст,**
**Шогирди бовафояш бар халқ ифтихор аст.**
**З-ин рӯ, бузург ҳастӣ мисли падар, муаллим,**
**Дар олами маонӣ ҳам роҳбар, муаллим.**

**Фирӯз РОЗИҚОВ,**
**омӯзгори коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат**



Ҳеҷ ибодате беҳтар аз омӯзгорӣ нест. Инро ҳам бояд дар мадди назар дошт, ки дарахт бо обу инсон бо меҳр месабзад. Ҳама навъи машғулият дилбастагӣ ва меҳру муҳаббати самимӣ мехоҳад, вале пешаи омӯзгорӣ махсуси муҳаббат аст. Агар дар муассисаи таълимӣ ҳама шароит мавҷуд бошаду меҳру дилгармӣ ба кор дар ниҳоди омӯзгор набошад, таълиму тарбия натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Мафҳуми муҳаббату дӯстдорӣ хушбахтӣ аст. Муҳаббат ба касб тавлидгари лаёқату неруи нотамоми пешбарандаи ҳар фард аст. Инсон қабл аз доштани ҳама чиз бояд муҳаббату лаёқати истифода бурдани онро дошта бошад. Банда аз айёми хурдсолӣ ҳикояву мақолаҳои шогирдона менавиштам. Эҷод мутолиаи зиёд мехоҳаду шарти аслии мутолиа аз худ кардани дониш аст. Вазифаи омӯзгор низ омӯхтану омӯзонидан аст. Ба ҳам наздикӣ доштани ин шуғл бо эҷод ва шавқу рағбати навқаламӣ дар дилам хоҳиши омӯзгор шуданро ба вуҷуд овард. Модоме омӯхтану ба мардум расонидан рисолати бузурги инсонӣ бошад, пас фикр мекунам, ҳар шахси соҳибмаърифат бояд дар зиндагӣ омӯзгор бошад.

Инсони соҳибилму соҳибдил қодир аст, ки бо машварату маслиҳатҳои судманди хеш одами бадкирдорро накукор гардонад.

**Бахтовар БОБОЕВ,**
**омӯзгори мактаби №62,**
**ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ**



Омӯзгорӣ ин муҳаббат аст, меҳру самимият аст. Нафаре инро метавонад дарк намояд, ки ба ин касб дилбастагии беандозаву воқеӣ дорад. Дар баробари ин, омӯзгорӣ аз инсоне, ки онро пеша кардааст, заҳмати хеле зиёд талаб мекунад. Барои тақвияти сухан, бояд гуфт, ки ниҳолеро шинонда, онро то дарахт шудану навдаву баргу мева ҳосил карданаш, бояд бо таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ парвариш намоем. Омӯзгор низ ҳамин гуна бо шогирдонаш муносибат менамояд, то онҳо бо донишу ақлу ахлоқи намунавӣ ба воя расида, барои Ватану миллат содиқона кору хизмат намоянд. Андаке беэътиборӣ ва беаҳамиятии як омӯзгор дар иҷрои рисолати хеш, метавонад, зарари як ҷомеа гардад.

Ин рисолат заҳмату масъулият аст. Дар адабиёти ниёгони мо доим дар бораи устодон ҳикматҳои пурқимат гуфта шудааст ва дараҷаи ӯро хеле баланд арзёбӣ кардаанд.

Дар ҳамаи давру замон омӯзгор байни мардум эътибори вижае дорад. Ривоҷи тафаккур ва маънавияти насли ҷавон маҳз ба ибтикору кӯшиши ӯ вобаста аст, зеро аввалин ғунчаҳои боғи ҳаётро дар руҳияи некандешӣ ба воя мерасонаду сабаби рушду такомули шахсияти онҳо мегардад.

**Қурбон АҲМАДЗОДА,**
**Ҳ. ТОҲИРӢ,**
**«Маърифати омӯзгор»**

# МАОРИФИ ҶАҲОН

***Аз 17 Ҳадафи рушди устувор дар ҷаҳон, чоруминаш Таъмини таҳсилоти босифат барои мардум аст. Таҳсилоти ҷаҳонӣ ҳатто пеш аз пандемия дар буҳрон қарор дошт, ки инро гузориши ЮНЕСКО дар соли 2019 исбот мекунад. Тибқи гузориши ЮНИСЕФ бошад, бинобар маҳдудиятҳои ковид вазъи таҳсилот дар ҷаҳон якбора бад гардид. Ҳоло чанд далели ҷолиберо оид ба вазъи таҳсилот ё маорифи ҷаҳон таҳия менамоем.***

***

Мувофиқи омори ҷаҳонӣ, пеш аз пандемия 56 дарсади кӯдакони синфҳои ибтидоӣ ва 61 дарсади синфҳои болоӣ (дар маҷмуъ 617 миллион) хонда ва ҳисоб карда наметавонистанд. Имрӯз бошад, вазъият ҳамоно бетағйир боқӣ мондааст ва ин рақамҳо ҳоло ҳам аҳамияти худро гум накардаанд. ЮНЕСКО сабаби асосии ин вазъиятро имкони ба мактаб нарафтани кӯдакони зиёд унвон мекунад.

***

Пеш аз пандемия 64 миллион нафар бачагони синни томактабӣ ба таълим дастрасӣ надоштанд. Дар солҳои охир бошад, вазъият якбора бадтар гардидааст. Яъне, тибқи маълумоти охирини ЮНИСЕФ, дар моҳи майи соли 2022-юм 11 дарсади кӯдакони синни томактабӣ аз дастрасӣ ба таҳсилоти ибтидоӣ маҳрум шудаанд.

***

34 миллион нафар дар Африқои Ҷанубӣ маълумоти ибтидоӣ надоранд, ки ин зиёда аз нисфи бачагони синни ибтидоиро дар ҷаҳон ташкил медиҳад.

***

То соли 2020-ум, 750 миллион калонсол дар саросари ҷаҳон бесавод буданд. Қариб нисфи онҳо сокинони Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ва беш аз чоряки онҳо аз Африқои Ҷанубӣ мебошанд. Аз се ду ҳиссаи калонсолони бесавод занонанд.

***

Омӯзиши таҳсилоти фосилавӣ аз равандҳои ҳалталаб дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта, танҳо донишҷӯёни минтақаҳои пешрафтаи сайёра метавонанд аз он истифода намоянд. На беш аз 35 дарсади мактаббачагон аз хона ба интернет дастрасӣ доранд ва 1,3 миллиард кӯдакону наврасон дигар дар миқёси ҷаҳон то ҳол ба ин раванд дастрасӣ надоранд.

**Таҳияи Қ. АҲМАДЗОДА**

**Дилафрӯз БОБОҶОНИЁН,**
**директори мактаби №17, ноҳияи Ёвон**



# МУАЛЛИМ МУҲТАРАМ БОШАД, БА ҲАР ОИН, БА ҲАР КИШВАР



Вожаи «муаллим» дар фарҳангҳо маънии зиёд дорад. Дар «Фарҳанги Оксфорд» муаллим шахсест, ки дарс медиҳад. Дар «Фарҳанги форсии Амид» муаллимро таълимдиҳанда, омӯзонанда ва омӯзгор маънидод кардаанд. Дар «Луғатномаи Деххудо» бошад, омӯзонанда, мударрис ва омӯзгор шарҳу тавзеҳ ёфтаast.

Тарбияи солими инсон аз омӯзгор вобастагӣ дорад. Муаллим инсонро аз ҷаҳлу нодонӣ ва зулмот ба сӯи доноӣ ва рӯшноӣ роҳнамоӣ мекунад.

Дар раванди тадрис рафтор ва муносибати омӯзгор барои шогирдон ҳамчун намунаи ибрату пайравӣ, улгуи зиндагӣ ва раҳнамои роҳи ҳаёт шинохта шудааст. Бинобар ин, омӯзгор бояд ҳангоми дарс ба рафтору кирдор ва суханҳои хеш эътибор диҳад, то барои шогирдон ибратбахш бошад.

Вазифаи муаллим дар баробари омӯзонидани илму дониш, инчунин, роҳнамоии шогирдон ба роҳи рости маънавиёт ва зиндагии шоистаи инсонӣ мебошад, зеро фазои маҷозии носолим ва муҳити зудтағйирёбандаи иттилоотӣ метавонад насли наврасро ба самти нодуруст равон намуда, аз ин тариқ ҳаёти насли наврасу ҷавонро бо хатарҳо рӯбарӯ созад.

Тавре медонем, суботу амнияти миллату давлатҳо ба дараҷаи рушди илму маорифи ҳар кишвар ва дарки дурусти техникаву технологияҳои муосир аз ҷониби ҷомеаи он давлатҳо рабт дорад.

Бинобар ин, метавон гуфт, ки мактабу маориф омили муҳимтарини ҳифзи амнияти миллӣ ва таҳкими пояҳои давлати миллӣ мебошад, зеро дар ҷаҳони пуртазоди имрӯза фақат насли созандае, ки дониш ва касбу ҳунар дорад, метавонад ба пешрафти иқтисодии кишвар саҳмгузор шавад.

Маҳз ба ин хотир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешаи омӯзгориро «як касби бисёр пуршараф ва муҳимми ҷомеа» номидаанд ва ба ин соҳа таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Ҷиҳати тақвияти фаъолияти омӯзгорӣ, пайвандии амиқ доштани таълиму тарбия ва шавқовару муфид шудани раванди таълим ҳамчун омӯзгор ва роҳбари як муассиса дар бораи вижагиҳои муаллим ё устоди намунавӣ чанд пешниҳод дорам:

Муаллим бояд ба худи дарс ва мавзуи дарс алоқаи зич дошта бошад. Вақте муаллим худаш аз рафти дарс лаззат мебарад ва

ба каломи худ муътақид аст, шогирдҳояш низ аз он дарс лаззат мебаранд меомӯзанд. Ба сурати куллӣ, вақте як муаллим ба дарс алоқаи самимӣ дорад, ҳатто, агар ҳеҷ равиши дарсгузариро ҳам хуб надонад, бо ишқ дар робита бо мавзуи фан ҳарф занад, суханони ӯ ба дил менишинад.

Муаллим касе аст, ки ҳамеша эҳсоси ниёз ба ёдгирӣ ва фарогирии маводҳои тоза дорад ва бояд мутолеаву худомӯзии худро пас аз хатми донишгоҳ ва ё донишкада низ қатъ накунад. Устодони хуб медонанд, ки дар дунёи маънавӣ ва омӯзиш таваққуфе даркор нест ва омӯзишу мутолеа дар тиннати омӯзгори асил ҷой дорад. Бинобар ин, муаллимон ҳеҷ вақт аз омӯзиш даст намекашанд ва ҳамвора дар ҳоли мутолиа ҳастанд.

Муаллими хуб ҳамеша омодаи ҳамкорӣ бо дигар омӯзгорон аст, хусусан, агар эҳсос кунад, ки буданаш дар ин ҳамкорӣ муассир ва лозим аст. Дар мактаб устодону муаллимони таҷрибадор барои тарбияи дурусти шогирд бо ҳам бояд машварату ҳамкорӣ кунанд.

Яке аз хусусиятҳое, ки воқеан як муаллими намунавӣ бояд аз он бархӯрдор бошад, сабру бурдборӣ аст. Усулан, муаллим бо наврасон сару кор дорад ва ин афрод ба хотири камии синну сол ва таҷрибаи фикрию зеҳнӣ, гоҳе рафторҳое мекунанд, ки агар муаллим тамкину таҳамули кофӣ надошта бошад, боиси нороҳатӣ ва халалдор шудани муҳити таълим хоҳад шуд. Муаллимҳои хуб бо сабру таҳамулашон хонандагонро ба самти муваффақият ҳидоят мекунанд ва дар ахлоқу рафтори шогирдон таъсири мусбат мегузоранд.

Хушгуфторӣ ва қудрати баён, яке аз омилҳоест, ки дар эҷоди робита бо афрод нақши калидӣ дошта, инсонҳоро ба ҳам наздик ва дар интиқоли афкор мусоидат мекунад. Зиёданд инсонҳои босавод ва огоҳ, ки дар изҳори андеша, баёни мавзуъ ва фаҳмонидани он ба дигарон нотавонанд. Албатта, агар муаллим ба дарси худ алоқа дошта бошад ва дар зимн, ҳамвора дар ҳоли мутолиа ва омӯзиш бошад, матолибро хуб ва қобили фаҳм баён мекунад. Ин устодон мавзуъ ва масъалаҳоро аз диди шогирдони худашон мебинанд ва ба сурати равон ва қобили фаҳм дарсро тавзеҳ медиҳанд.

Муаллиме, ки дар рӯз чандин соат дар баробари хонандагон зоҳир мешавад, бояд аз назари зоҳирӣ низ комилан ороста, покиза ва муназзам бошад. Ин нукта ҳам дар маҷлисҳо ва ҳам синфхона муҳим аст. Хусусан, ҳангоми дарс, ки муаллим дар назди шогирдон дарс мегӯяд.

Албатта, ин чанд пешниҳоде, ки баён гардид, барои муаллимони ҷавон бисёр зарурanд, зеро омӯзиши дуруст моро ба шоҳроҳи тараққиёт, ҳифзи асолату арзишҳои миллию давлатӣ ва расидан ба адолати таърихӣ ҳидоят менамояд.

Тавре Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармудаанд: «Мо дар ҷараёни озмоиши бузурги таърихӣ, татбиқи ҳадафҳои бузурги миллӣ, ки омода намудани наслҳои ояндасози давлату миллат қисми таркибии он аст, қарор дорем. Озмоише, ки аз мо шинохт ва диди амиқ, масъулият, талошу заҳмати шабонарӯзӣ, ваҳдату муттаҳидӣ ва ҳадафмандии хосро тақозо менамояд».

Ин суханҳои волову гуҳарбор зиёиёни мамлакатро водор месозад, ки ин назокатро бо масъулияти баланд дарк намоем ва дар ин роҳи пурмасъул барои равнақ бахшидан ба рушди таълиму тарбия саҳмгузор бошем.



**Раҷабалӣ ХУДОЁРЗОДА,**
**омӯзгори Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав,**
**номзади илмҳои филологӣ**



# КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ ЮНОНӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Бо мурури замон ба захираи луғавии забони тоҷикӣ аз дигар забонҳо калимаҳои зиёд ворид гардидаанд ва ин гуна калимаҳоро дар истилоҳи забоншиносӣ калимаҳои иқтибосӣ меноманд.

Аз ҳамин хотир, мо барои муайян кардани миқдори калимаҳои иқтибосӣ ба китоби «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (иборат аз ду ҷилд, Москва, 1969) рӯ овардем. Дар натиҷаи таҳқиқ маълум гардид, ки дар фарҳанги мазкур аз ҳама зиёд калимаҳои арабӣ мавҷуд будаанд.

Аз китоби муътабари «Фарҳанги забони тоҷикӣ» миқдори калимаҳои иқтибосиро мутаносибан мувофиқи теъдодашон чунин муайян намудем: калимаҳои арабӣ 40-50 фоиз, туркӣ 354 калима, ҳиндӣ 60 калима, юнонӣ 58 калима, туркию муғулӣ 51 калима, юнонии арабишуда 33 калима, муғулӣ 24 калима, арабии юнонишуда 7 калима, муғулию туркӣ 3 калима, ҳиндии юнонишуда 1 калима, лотинии арабишуда 1 калимаро ташкил медиҳанд.

Калимаҳои иқтибосии юнонӣе, ки ба захираи луғавии забони тоҷикӣ ворид гардидаанд, маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Мо онҳоро вобаста ба мазмуну муҳтавояшон ба чанд гурӯҳ ҷудо намудем: номи шоҳон ва донишмандони қадим: Искандар, Уқлидус/Уқлидус; номи бемориҳо: қуланҷ, молихулиё, мохулиё; номи наботот ва дигар маводи давоӣ: афтимун, апюн, афюн. баласон/балисон, балила, истофил, қаранфул, қир, қор, қуст, мӯмиё, мӯмиёӣ, сандал, сақмуниё, тарёк, тарюк, тирёк, тарёк/тарюк/тирёк; номи ҳайвоноти ваҳшӣ ва мутааллиқи онҳо: буқаламун, далфин/дулфин, ққнус, сақанқур, истабл; номи ибодатхона ва рутбаҳои олии руҳониёни христианӣ: баториқа, битриқ, калисо/калисиё/калисё, митрон, сакубо/сукубо, усқуф, уқнум, ҷосилиқ, номи илм ва китобҳо: лимиё, симиё, «Ангалюн», «Миҷастӣ»; номи санг ва дигар маъданҳо: булур/булӯр, зумуррад, замуррад, зумруд, мақнотис/мағниётис/миқнотис, марворид, мармар; номи зарф ва дигар асбоби рӯзгор: қандил/қиндил, қаппон, қаппон, қустос/қистос, пиёла, собун, фонӯс; номи асбобҳои мусиқӣ: арған, арғанун, арғунун, барбат, конун, қонун; номи асбоби ситорашиносӣ ва дигар ҷирмҳои осмонӣ: асир, ситирлоб/сутурлоб, устуқус/устуқуссот; воҳидҳои ченаки арзиш: дирам, дирҳам, пул; истилоҳоти фалсафӣ: суфастоӣ, файласуф, ҳаюло, истилоҳи ҷуғрофӣ: иқлим; номи узвҳои инсон ва мутаалиқи он: қулун, қифол, номӯс; номи моддаи зардранг: сандарӯс; номи тахт: арика; воҳидҳои ченаки вазн: қирот; номи матоъҳои нафис: буқаламун, сақирлот, сақлотун.

Ҳомид Маҷидов дар мақолаи бо номи «Калимаҳои иқтибосии тоисломӣ дар забони тоҷикӣ» навиштааш доир ба калимаҳои иқтибосии юнонии ба забони тоҷикӣ дохилгардида чунин ибрози назар намудааст: «Калимаҳои дар гузаштаи қадим аз юнонӣ воридшуда низ чандон зиёд нестанд. Дар қиёфаи овозии чунин калимаҳо низ аҳён-аҳён осори сохтори овозии забони асли қадимаро зоҳир кардан мумкин аст. Чунончи, дар охири як гурӯҳ калимаҳои ифодакунандаи шайъҳо боқӣ мондани овози с нишона аз мансубияти онҳо ба исмҳо аст: фонус, номус, сандарус «як навъ моддаи зардранг», обнус «як навъ дарахти сиёҳранги чӯбаш сахт» («Маърифат», 1999, № 5-6, саҳ. 24).

Дар ҳамон мақола Ҳомид Маҷидов баъзе калимаҳои тоҷикиро ба қатори калимаҳои иқтибосии юнонӣ дохил кардааст, ки шояд юнонӣ набошанд, зеро баъди ин қабил калимаҳо ҳарфи ю. (юнонӣ) наомадааст. Масалан, ӯ вожаҳои тоҷикии «алмос», «арғанда», «дафтар», «динор», «ёқанд», «Кайвон», «кимиё», «колбад» «лаган», «наргис», «обнус», «осиё», «сим», «шоф»-ро беасос ба қатори калимаҳои иқтибосии юнонӣ дохил кардааст, ки ба юнонӣ будани онҳо бовари кас намеояд.

Ҳамчунин ҳодисаи дигари забонӣ низ ҳаст, ки баъзе калимаҳои тоҷикии форсӣ ба забонҳои дигар ворид шуда, баъд аз марҳилаҳои таърихӣ боз ба шакли нисбатан тағйир ёфта, ҳамчун калимаҳои умумигуфтории байналмилалӣ вориди забони тоҷикӣ шудааст. Аз ҷумла, авитсенна ва медитсина ва ғайра.

Ба хонандаи имрӯз, махсусан ҷавонон, маънои аксар калимаю вожаҳои юнонӣ фаҳмо нестанд. Бинобар ин, лозим медонем чанде аз онҳоро зарур донистем.

Ангалюн – 1. д. китоби Инҷил… 2. номи китоби Монии наққош.

Апюн/афюн – модаи заҳрдоре, ки аз шираи ғӯзаи кӯкнор ҳосил мешавад ва мастию беҳушӣ мео-

варад.

Арған/арғанун/арғунун – номи асбоби мусиқӣ.

Арика – тахт, тахти ороста.

Асир – 1. кураи оташест дар болои осмон; 2. офтоб; фурӯғи асир равшании офтоб; 3.фалак, осмон; маҷ.баланд, олӣ.

Афтимун – гиёҳи сурхрангу талхмазаест, ки барои муолиҷаи баъзе касалиҳои рӯҳӣ ба кор мерафт.

Баласон/ балисон – номи дарахтест, ки баргҳояш бӯи хуш дошта, аз он равғаи эфир тайёр мекунанд.

Барбат – асбоби қадимии удмонанди мусиқӣ, ки ҳашт тор дорад.

Баторика/битрик – 1. падаршоҳ, патриарх, қоид ва пешвои дини исавӣ; 2. сардори фавҷе аз лашкари румиён.

Далфин/дулфин – як навъ ҳайвони ширхори баҳрӣ аз ҷинси ҳайвоноти наҳангмонанд.

Дирам/ дирҳам – 1. танга, сиккаи нуқрагӣ, пули нуқра; 2. пул; 3. воҳиди вазн, барбари 3, 12 г.

Зумуррад/зумурруд зумуруд – санги гаронбаҳои сабзранг.

Иқлим – кишвар, мамлакат, вилоят; минтақае аз кураи Замин.

Искандар – 1. сир, саримсоқ; 2.номи яке аз подшоҳони Юнони қадим, Искандари Мақдунӣ, яъне Искандари Зулқарнайн.

Истабл – ҷойи бошиши аспон, тавила, аспхона, оғилхона, саисхона; ҷойи бастани чорпоён.

Каппон – тарозуи якпалла калон.

Конун/қонун – асбоби мусиқӣ ба шакли тахтаи паҳн бо торҳои бисёр.

Қандил/қиндил – чилчароғ, шамъдони калон, чироғи овезон.

Қаранфул – меваи гиёҳест хушбӯй, ки духтарон ба гардан мисли марҷон меовезанд; фаранҷмушк, ки онро мехак низ гӯянд ва онро барои хӯриш ҳам ба кор мебаранд, ки хӯрокро тунд мекунад.

Қир – 1. моддаи равғанмонанди сиёҳ ва часпак, ки аз нафт ҳосил мешавад ва онро барои муолиҷаи ҷароҳати шутурҳо кор мефармоянд, инчунин ба дарзи киштӣ мемоланд, то ки ба киштӣ об надарояд; 2. маҷ. ранги сиёҳ.

Қистос – тарозу, тарозуе, ки хеле дуруст бармекашад, тарозуи ҳассос.

Қифол – тиб. раги даст, ки аз он хун мегиранд.

Қулун – номи рӯдае.

Қустос – тарозу, тарозуе, ки хеле дуруст бармекашад, тарозуи ҳассос.

Қутос – гови кӯҳӣ, дорои пашм ва ёли дароз; думи вайро бар сари байрақ мебанданд.

Лимиё – яке аз илмҳои асримиёнагӣ, ки доир ба риёзиёт будааст.

Марворид – 1. донаи хурд ва дурахшон, сафед ё сафеди сурхтоб, ки дар даруни садаф ба вуҷуд мешавад.

Мармар – аз ҷинси сангҳое, ки аз ҷузъҳои булӯришудаи оҳакӣ ба вуҷуд омада, ба воситаи тарош ва соидан ҷилодор мешавад.

Митрон – яке аз унвонҳои олии рӯҳониёни христиёнӣ, митрополит.

«Миҷастӣ» – номи китобест доир ба илми риёзӣ ва ҳандаса аз таълифоти ҳакими юнонӣ Батлимус.

Номӯс – 1. обрӯ, шараф, қадру иззат; исмат. 2. овоза шуҳрат.

Пиёла – қадаҳ, ҷоми май, косаи хурди шаробхӯрӣ; зарфи хурд, ки бо он моддаи моеъро мехӯранд.

Пул – зару нуқра ва фулузоти дигари сикказадашуда, ки дар тиҷорат, харидуфурӯш ва додугирифт андозаи арзишро ифода мекунад.

Сакубо/сукубо – руҳонии олимартаба дар дини христианӣ, асқуф, епископ.

Сандал – дарахти ҳамешасабзе, ки дар минтақаҳои гарм мерӯяд; чӯби он хушбӯст ва хосияти давоӣ дорад.

Сақанқур – ҷонвари сусмормонанди обӣ ва хушкӣ.

Сақирлот/сақлотун – матои нафисе, ки бештар ба ранги сурх ё кабудмонанд будааст; як навъ матои зардӯзӣ, ки дар қадим онро дар Бағдод мебофтаанд.

Ситирлоб/сутурлоб/ устурлоб – нуҷ. асбобе, ки ба воситаи он дар расадхонаҳо гардиши ситораҳоро мушоҳида мекунанд ва меомӯзанд.

Собун – он чӣ аз чарбу ё равғанҳои наботӣ бо омехтани сода ва ишқор сохта мешавад ва барои шустушӯи бадан ва либос ба кор меравад.

Тарёк/тирёк/тарюк – давои зидди таъсири заҳр, доруи зидди заҳр, позаҳр.

Усқуф – кашиши калони исавиён, епископ.

Уқлидис/Уқлидус – Эвклид, номи яке аз донишмандони Юнони қадим (асри III пеш аз милод), ки муаллифи китоби машҳури илми ҳандаса мебошад.

Файласуф – дӯстдори илму ҳикмат, ҳаким ва донишманд.

Фонус – чизи қуттимонанди филизии дастадор, ки атрофаш бо шиша, коғаз ва ғ. гирифта шудааст ва дар он чироғ ё шамъи фурӯзон мегузоранд ва шабона бо худ мебаранд ё ки дар ҷое овезон карда мемонанд.

Ҳаюло – модда, моддаи аслӣ, моҳияти ҳар чиз, гавҳар, материя.

Ҷосилиқ – пешвои руҳонии христианҳои католик, ки аз усқуф болотар меистад.

**Фарҳод ШАФИЕВ,**
**директори коллеҷи омӯзгории**
**ноҳияи Зафаробод**

# ФАРРУХПАЙБОНУЕ ДАР СОҲАИ МАОРИФ

**Ба ифтихори 90-солагии Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон, Муаллими хизматнишондодаи Тоҷикистон, шодравон Соҷида Аккалаева**



**Чунон бояд тариқи зиндагонӣ,**
**Ки баъд аз мурдани худ зинда монӣ.**
**Абулқосим Унсурӣ**

Дар зиндагӣ борҳо иттифоқ афтодааст, ки шиносоӣ ва ҳамнишинӣ бо инсонҳои фаррухсиришт сарнавишти инсонро дигаргун намуда, каҷравонро ба ростӣ ҳидоят карда, нокомонро соҳибком, ноумедонро ба умед, доноёнро донотар, фозилонро фозилтар кардааст.

Ман аз он хушбахтам, ки тақдир маро дар зиндагӣ бо шахсони наҷиб ва инсонҳои фозил рӯ ба рӯ кард, ки аз онҳо баҳра бигирам ва дар фаъолияти худ истифода намоям.

Яке аз ҳамин гуна шахсиятҳо Соҷидамоҳ Аккалаева собиқадори меҳнат, Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон, муаллими хизматнишондодаи Тоҷикистон ва собиқ омӯзгори омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб мебошанд. Аз ибтидои вохӯрӣ то интиҳо аз он кас дарси ҳаёт, одаму одамгарӣ, хоксориву меҳнатдӯстӣ, муҳаббат ба Ватан, ватандорӣ, хайру эҳсон ва меҳру садоқат ба пешаи омӯзгориро омӯхтаам.

Муаллима шахсе буд, ки обу хоки ватани худро аз сидқи дил дӯст медошт, дилбохтаи илму маориф буд. Худованд симои ӯро ҳамсони ботинаш зебо офарида, зоҳиру ботинаш ҳамдигарро тақвият мебахшиданд. Чеҳраи зебои нурониаш бо гуфтори нарму гармаш басо бо ҳам мувофиқ афтода буданд. Ҷаҳони андешааш бекарон, самимияташ ба ҳамсуҳбаташ дилпазиру дилнишин буд.

Соли 1997, пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо роҳхати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик фиристода шудам. Директори омӯзишгоҳ Абдукарим Ҳалимов (руҳашон шод бод!) маро ба кор қабул карда, муаллима Соҷидамоҳ Аккалаеваро ҳамчун сарпараст вобаста намуд.

Аз суҳбати аввалини самимӣ ва меҳрбору раҳнамои муаллима Соҷидамоҳ Аккалаева пай бурдам, ки дар пешорӯи ман инсоне қарор дорад, ки гармову сармои рӯзгорро дида, дар дилаш меҳри омӯзгорӣ маскан гирифтааст. Инро аз ҳар андешаи ӯ дар бораи мактабу маориф, таълиму тарбия, омӯзгору толибилм ба хубӣ пай бурдан мумкин буд. Тарзи баён ва оҳанги суханонаш, ки дилнишину руҳнавоз садо медод, диққати шунавандаро беихтиёр ба худ ҷалб мекард. Муаллима ончунон бо меҳру садоқат доир ба пешаи омӯзгорӣ,

мавқеи он дар ҷомеа сухан мегуфт, ки меҳри маро ба касби интихобкардаам боз ҳам гармтару қавитар мегардонд.

Бори аввал ҷонпарвар будани суҳбати омӯзгорро, чуноне ки Шайх Саъдӣ гуфтааст, дар суҳбати муаллима дарк намудам. Ба андешаи муаллима танҳо бо гирифтани маълумоти олии педагогӣ, омӯзгори ҳақиқӣ шудан мумкин нест. Омӯзиши пайваста ва алоқаманд кардани он дар амал, мунтазам баланд бардоштани малакаи педагогӣ омӯзиши таҷрибаи омӯзгорони собиқадори пешқадам, пайравӣ ба онҳо, огоҳии комил аз навгонии соҳаи маориф ва илм, огоҳ будан аз рӯйдодҳои кишвар ва ҷаҳон, яъне, ҳамқадами замон будан, дӯст доштани бачаҳо ва роҳ ёфта тавонистан ба дили онҳо ва ғайраҳо аз омилҳои асосии омӯзгори асил шудан аст.

Муаллима борҳо мегуфт, ки «Вазифаи аввалини омӯзгори ҷавон он аст, ки бештар ба дарсҳои омӯзгорони собиқадору пешқадам даромада, таҷрибаи онҳоро омӯзад, донишҳои назариявии омӯхтаи худро ба амалия пайвандӣ диҳад, аз пурсидани чизҳоеро, ки намедонад, ор накунад».

Ин нукта маро водор мекард, ки ба дарсҳои муаллима дароям ва аз ӯ таҷриба омӯзам. Муаллима низ дар дарсҳои ман иштирок карда, фикру мулоҳизаи худро доир ба беҳтар шудани раванди дарсҳо мегуфт, тавсияҳои ҷолиб медод. Тарзи таҳлили дарсро муаллима чунин мегузаронид: аввал муваффақиятҳоро баён карда, маро барои соҳиб шудан ба онҳо таъриф мекард, пас, аз он камбудиҳоро, ки нисбат ба муваффақиятҳо бештар буданд, бо оҳанги орому бо далелҳою тартиби муайян баён мекард. Мисли модаре, ки фарзанди дилбандашро навозишкунон насиҳат мекунад, роҳҳои ислоҳи нуқсу камбудиҳоро гуфта мегузашт. Аз таҳлили дарсҳоям, ки аз ҷониби муаллима гузаронида мешуд, ман бисёр чизҳоро омӯхтам, хом будам, оҳиста-оҳиста таҷриба мегирифтам. Як хусусияти дигари таҳлилҳои ӯ он буд, ки маро ба кор дилшикаста не, балки дилгарму руҳбаланд мекард, бовариямро ба худам меафзуд.

Муаллима ҳар як дарсро бо тайёрии пухта мегузаронд. Дарсҳояш пурмазмуну ҷолиб, рангину дастрас, шавқовару ҷаззоб буданд. Забонаш бошад, ширину руҳнавоз, садояш дилошӯбу ҷолиб буд. Машғулиятҳоро бо истифодаи воситаҳои аёнии фаровон хотирмон мегузаронд. Ҳамаи омӯзгорони ҷавон дар вақтҳои холӣ ба дарсҳояш медаромаданд, аз ӯ меомӯхтанд. Як ҷаҳон таассурот мебардоштанд.

Дарсхонаи забони тоҷикӣ, ки мудираш муаллима буд, ниҳоят зебову барҳаво ва бо аёнияти гуногуни таълимӣ муҷаҳҳаз буд. Дар дарсхона феҳристи аёният мавҷуд буд, ки ҳангоми зарурат пайдо кардан корро осон мекард. Бо чунин ҳолат ҳам дарс ва ҳам синфхона макони дӯстдоштаи шогирдону омӯзгорони ҷавон маҳсуб мешуд.

Муаллима ба шогирдонаш муносибати хубу хайрхоҳона дошт. Муносибаташ ба ҳамаи онҳо яксон буд. Ҳамеша ёвару маслиҳатдеҳ ва дастгиру раҳнамои онҳо буд. Хусусан, бо донишҷӯдухтарони аз оилаҳои камбизоат бештар ғамхорӣ ва парасторӣ мекард. Гӯё онҳо фарзандонаш буданд. Ҳатто баъзеи онҳоро дар хонааш ҷой дода, ба онҳо модарвор ҳунари кадбонуӣ ва дар коллеҷ пешаи омӯзгорӣ меомӯзонд.

Боре муаллима ба ман эрод гирифт, ки дар фалон гурӯҳ чаро ба ҷои мавзуи дарс дигар мавзуъро гузаштӣ? Ман ба муаллима гуфтам, ки мавзуи қаблиро надониста, мавзуи навро фаҳмидан душвор буд, барои ҳамин аввал он мавзуъро гузаштем. Муаллима ин амали маро дастгирӣ кард. Ман аз он ҳайрон будам, ки муаллима инро аз куҷо фаҳмидааст. Баъдтар аз донишҷӯе, ки дар хонаи муаллима истиқомат мекард, фаҳмидам, ки муаллима дафтарҳои фанниашро пайваста аз назар мегузаронидааст.

Ҳанӯз дар шигифтам, ки муаллима бо ин ҳама серкорӣ чӣ тавр барои аз назар гу-

заронидани дафтарҳои даврии шогирдаш вақт меёфтааст. Машғулиятҳои ҳаррӯза, маҳфилҳои фаннӣ, корҳои ҷамъиятӣ, нигоҳубини ҳашт фарзанд дар оила кори саҳл нест. Маълум мешавад, ки он кас барои ҳамаи ин вақт меёфтааст.

Дастгириву дилсӯзии муаллима бо шогирдонаш ҳадду канор надошт. Ҳатто, пас аз ба вазифаи директории коллеҷи омӯзгории шаҳри Кӯлоб таъйин шуданам низ инро ҳис мекардам. Ҳеҷ фаромӯш намекунам, ки нахуст муаллима маро ба муносибати директор шуданам муборакбод гуфта, модарвор насиҳат кард ва номаеро ба дастам дод. Пас аз рафтани ӯ номаро кушодам, ки дар он 12 тавсия барои кори директор навишта шудааст. Ин тавсияҳо ҳар кадоме дурдонаи маънавӣ барои ҳар як роҳбар дар самти таълиму тарбия буда, то имрӯз аз он тавсияҳои муаллима истифода мебарам.

Муаллима садҳо шогирдро тарбия кардааст, ки дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа кор мекунанд. Дар байни онҳо олимону донишмандон, омӯзгорон, шоиру нависандагон, рӯзноманигорон, сиёсатмадорону ҳарбиён, хулоса, мутахассисони касбу кори гуногун ҳастанд. Боре Шоири халқии Тоҷикистон устод Муҳаммад Ғоиб дар яке аз барномаҳои шаби эҷодии худ гуфта буданд, ки дар эҷоди шеър устоди аввалини худ Соҷида Аккалаеваро меҳисобанд.

Бо чунин тарз олимони шинохта - академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Саидмуҳаммад Одинаев, профессор Худойназар Асозода, шоирон Ҳақназар Ғоиб, Муҳаммад Ғоиб, Сафар Аюбзодаи Маҳзун, Салими Хатлонӣ, Нависандаи халқии Тоҷикистон Бароти Абдураҳмон ва даҳҳо нафари дигар марҳум Соҷида Аккалаеваро устоди худ мешуморанд.

Соли 2011-ум 80 - солагии коллеҷи омӯзгории шаҳри Кӯлоб дар қасри фарҳанги шаҳри Кӯлоб бошукӯҳ баргузор шуд. Муаллима Соҷида Аккалаева дар як намоиши он нақши омӯзгорро иҷро кард, ки бисёр диданӣ, шуниданӣ ва тасхиркунанда буд. Нақши омӯзгорро на «актёр», балки омӯзгор – омӯзгоре, ки зиёда аз ним аср умри азизи хешро ба таълиму тарбия сарф кардааст, иҷро кард. Ин нақш гӯё як ҳисоботи муаллима аз фаъолияти бобаракати нимасраи худ дар пешгоҳи ҷомеа буд.

Муаллима дар ҳаёти оилавӣ низ муваффақиятҳои зиёд дошта, модари хушбахт буд. Соҳиби 8 фарзанд, ки ҳар кадом соҳибмаълумот буда, дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа фаъолият доранд.

Барои меҳнати бисёрсолаи содиқонааш Соҷидамоҳ Аккалаева бо нишони Аълочии маорифи Тоҷикистон (1968), Муаллимаи хизматнишондодаи Тоҷикистон (1974) ва чандин нишону ифтихорномаҳои давлатӣ қадрдонӣ шудааст.

Устоди азизам ҳамеша таъкид мекард, ки ифтихорномаҳои ман шогирдонам ҳастанд, ки аз таълиму тарбияи ману ҳамкасбонам баҳра бардошта, дар ҷамъият инсонҳои комил ва ватандӯст шуданд!

Соле, ки ба ифтихори ҷашни 2700 - солагии шаҳри бостонии Кӯлоб бинои нави коллеҷи омӯзгорӣ аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кушода шуда буд, Сарвари давлат маҳз ба дарси кушоди муаллимаи азиз Соҷида Аккалаева даромада буданд. Аз таваҷҷуҳи Роҳбари дилсӯзи Ватан шодию хурсандии муаллима ҳадду канор надошт. То ҳол чеҳраи хушбахти ӯро ҳама омӯзгорони коллеҷ дар хотир доранд, ки аз қаноатманд будани ҳаёташ, иҷро кардани рисолати омӯзгорияш гувоҳӣ медод.

Сад афсӯс, ки муаллимаи азизу маҳбуб имрӯз байни мо нест. Ҳарчанд ҷисман дунёро тарк карда бошад ҳам, лекин бо панду андарзҳои дилсӯзонаву модаронааш, бо маънавиёти бою рангинаш ва бо руҳи маърифтпарвараш дар дили мо шогирдон зиндаву ҷовид мебошад.

Ёдат ба хайр устоди азиз ва хонаи охират обод бод, модари маҳбуб!



**Файзимо РАҲИМЗОДА,**
**унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

# ИНКИШОФИ НУТҚИ КӮДАКОН ДАР МАШҒУЛИЯТҲО



Дарк, хотира, диққат ва тафаккури кӯдакон дар чараёни амалҳои объективӣ ташаккул меёбанд. Тафаккури кӯдакони хурдсол, асосан, хусусияти тасвирӣ доранд. Дар баробари ин намуди тафаккур шаклҳои дигари он, ба монанди тафаккури тасвирӣ ва рамзӣ низ инкишоф меёбанд.

Таҷрибаи дарки ашё ва шаклҳои геометриро кӯдакон дар бозиҳо бо ашё, яъне, дар раванди коркарди фигураҳои геометрии гуногун аз худ мекунанд. Дар вақти бозиҳо бо реги тар кӯдакон амалҳои шаклсозиро меомӯзанд.

Ташаккули тасаввурот дар бораи ашё ва шаклҳои геометрӣ дар ҳаёти кӯдаки синни томактабӣ аҳаммияти калон дорад. Ҳар чизе, ки дар атрофи онҳо аст, дорои як қатор хосият, аз қабили, шакл, андоза, ранг, намуд ва ғайра мебошад [3,С.5].

Дар раванди бозиҳо бо кӯдакони синни томактабӣ ҷиҳатҳои педагогии фаъолиятро ба мисли дарки ашё аз ҷониби онҳо ба воситаи монанд кардани шаклҳо истифода бурдан ба маврид аст. Масалан, ҳангоми бозӣ бо ҳалқа мураббӣ метавонад, ба онҳо муроҷиат карда гӯяд: «Ин ҳалқаи мудаввар ба чӣ шабоҳат дорад?» ё ҳангоми бозӣ бо тӯб омӯзгор ба кӯдакон савол медиҳад: «Бачаҳо боз тӯбро дар куҷо дидан мумкин аст?». Чунин тарзи машғулият дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон нақши созгор дорад.

Барои ташаккул додани қобилияти дарккунии шаклҳо, ки ба воситаи онҳо дарки олами атроф пайдо мегардад, машқҳои якҷоякунии шаклҳо бо дигар амалҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Миқдори шаклҳое, ки кӯдакон дарк мекунанд, аз имконияти инфиродии онҳо вобаста мебошад. Одатан, кӯдакон дар машғулият доираҳо, секунҷаҳо, чоркунҷаҳо, устувона (силиндр)-ҳо ва кубҳоро истифода мебаранд.

Ҳангоми бозиҳо кӯдакон шакли қолабҳоро бо ҳам муқоиса намуда, кӯшиш мекунанд, ки монандӣ ё фарқи онҳоро муайян созанд. Дар ин раванд, шаклҳо, андоза ва рангҳои гуногунро истифода мебаранд. Оҳиста-оҳиста кӯдакон муносибати одии байни рақамҳоро аз рӯи сохтор, мақсад ва истифода дар бозиҳо меомӯзанд. Дар раванди бозӣ ҳар як супориш бояд ба кӯдакон аз рӯи мавзӯъ ё тасвир пешниҳод шавад ва ба ҷавоб додан онҳоро саросема накунем. Бояд дар назар дошт, ки кӯдакони синни томактабӣ барои дарки мустақилона ва қабули вазифа вақти хеле дарозро талаб мекунанд.

Дар натиҷаи бозиҳо ва машқҳо омӯзиш, маърифати муқоиса, ҷуфткунӣ, таносуб, гурӯҳбандӣ, дигаргунсозӣ ва амсоли инҳо дар кӯдакон пайдо мегарданд.

Нақши бозиҳо дар инкишофи нутқи кӯдакони синни томактабӣ низ калон мебошад. Муоширати шифоҳии кӯдакон бо калонсолон манбаи дониш, маърифат ва тафаккур дар бораи ҷаҳон ва муҳити иҳоташуда ба ҳисоб меравад.

Инкишофи нутқи кӯдакон бояд дар машғулияти муассисаҳои томактабӣ ба таври назаррас роҳандозӣ гардад. Ба андешаи мо, нисбати дигар машғулиятҳо бозиҳои гуногун ба инкишофи нутқи кӯдакон бештар мусоидат мекунанд.

Ба ақидаи педагог Абдуллина Р.Х. «Зуҳуроти нутқи кӯдак дар бозӣ равшантар мегардад. Дар байни нутқ ва бозӣ алоқаи дутарафа мавҷуд аст. Яъне, аз як тараф нутқ дар бозӣ рушд ёфта, фаъол мешавад, аз тарафи дигар, худи бозӣ дар зери таъсири нутқ инкишоф меёбад. Тавассути бозӣ кӯдакон муошírати муттасил, ҳамоҳангӣ ва мантиқӣ доранд, ки дар натиҷа хиҷолатро аз нутқи нодуруст бартараф мекунанд» [1,С.4].

Бартарии бозӣ нисбат ба дигар машғулият дар он аст, ки дар бозиҳо кӯдакон ба қоидаҳои муайян ихтиёран итоат мекунанд ва маҳз риояи қоидаҳо ба онҳо лаззату шодӣ мебахшад. Ин раванд рафтори кӯдаконро пурмазмуну бошуурона мегардонад. Аз ин рӯ, бозӣ ягона амалест, ки кӯдакони синни томактабӣ метавонанд ташаббус ва фаъолияти эҷодии худро нишон диҳанд.

Нутқ бошад, як қисми воқеият барои кӯдакон дар раванди бозиҳо аст. Аз ин бармеояд, ки батанзимдарории фаъолияти кӯдакон ва рушди нутқ, аз бошуурона ташкил кардани муҳити бозӣ, интихоби мувофиқи ашё ва бозичаҳое, ки ба ин фаъолият мусоидат мекунанд, бастагӣ доранд.

«Нутқи инкишофёфта яке аз нишондиҳандаҳои ташаккули равандҳои маърифатӣ, ба мисли диққат, хотира, тафаккури мантиқӣ ва тасаввурот мебошанд. Агар нутқ то андозаи лозима дар кӯдакон рушд накарда бошад, пас барои онҳо азхуд кардани барномаи таълимии мактабӣ душвор мегардад» [4,С.15].

Бояд қайд кард, ки дар банақшагирии тамоми корҳои таълимию тарбиявӣ бо кӯдакон бозиҳои инкишофи нутқ ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунанд. Онҳо воситаи самараноки таълиму тарбия буда, қисми ҷудонашавандаи машғулият ба шумор меравaнд. Масалан, дар машғулият оид ба мавзуи «Тирамоҳ» ҳодисаҳои табииро, ки ба ин фасл мувофиқанд, интихоб кардан лозим аст: резиши баргҳо, қатраҳо, абрҳо, тӯфону барф ва ғайра. Дар машғулияти математикӣ бошад, ба кӯдакон муайян кардани мафҳумҳоро, аз қабили васеъ - танг, баланд - паст, ғафс - борик, калон - хурд ва монанди инҳоро пешниҳод кардан мумкин аст.

Барои нигоҳ доштани шавқу завқи кӯдакон ба бозиҳои нутқӣ нақши мураббӣ ё омӯзгор муҳим мебошад. Бешубҳа, роҳнамоии моҳирона барои бомуваффақият гузаронидани бозиҳо бо истифода аз калимаҳо мусоидат мекунад. Шарти муҳим барои бедор кардани шавқ дар ниҳоди кӯдакон ҷанбаи эҳсосии ташкили бозӣ мебошад, ки дар рафти он омӯзгор бояд бо рафтор ва руҳияи худ дар онҳо эҳсоси мусбӣ ба вуҷуд орад. Нақши мураббӣ дар бозии шифоҳӣ, ки инкишофи нутқро таъмин мекунад, ду ҷанба дорад: педагог ба раванди маърифатии бозӣ роҳбарӣ мекунад, иштирокчии бозӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд, ҳар як кӯдак амалҳои бозиро иҷро карда, дар мавридҳои зарурӣ дар бозӣ намунаи рафтор нишон медиҳад. Ҳангоми иштирок дар бозӣ, мураббӣ, ҳамзамон, риояи қоидаҳоро назорат мекунад.

Дар маҷмуъ, бозиҳои шифоҳӣ инкишофи нутқи кӯдаконро ба маротиб баланд гардонида, ба онҳо имкон медиҳад, ки малакаҳои гуногуниро шакл диҳанд, ки барои таҳсили минбаъда дар муассисаҳои таълимӣ заминаи мусоид хоҳанд гузошт.

«Ҳар гуна нутқи ташаккулнаёфта ба ин ё он сатҳ метавонад ба фаъолият ва рафтори кӯдакон таъсир расонад. Кӯдаконе, ки хуб гап намезананд, камбудиҳои худро дарк карда, беҷуръат, хомӯш ва шармгин мешаванд» [2,С.4].

Ҳамин тариқ, мунтазам гузаронидани бозиҳои шифоҳӣ ба инкишофи нутқи кӯдакон мусоидат мекунанд, захираи луғавиро ба таври назаррас пурра карда, нутқро ифоданок мегардонанд. Барои кӯдакони синни томактабӣ ва кӯдаконе, ки аз нуқсонҳои гуногуни нутқ мушкилӣ доранд, бозиҳои шифоҳӣ воситаи муассири рафъи чунин мушкилот мегарданд.

**Адабиёт**

1. Абдуллина, Р.Х., «Игровые технологии в развитии речи старшего дошкольного возраста». Р.Х. Абдуллина. – Тюмень, 2021. – 96 с.

2. Коваленко, Р.А. «Развитие речи детей 3-4 лет посредством дидактических игр». Р.А. Коваленко. - СпБ, 2016. – 22 с.

3. Масеева, Т.В. «Дидактическая игра как средство формирования представлений о геометрических фигурах и форме предмета детей старшего дошкольного возраста». Т. Масеева. – Пенза, 2023. – 27 с.

4. Половодова, Л.С. «Развитие связной речи детей седьмого года жизни посредством дидактических игр». Л.С. Половодова. – Перм, 2016. – 103 с.

**Бунафша САФАРОВА,**
**мураббии кӯдакистони №149-и**
**ноҳияи Исмоили Сомонӣ**



# КОРИ МУРАББӢ ШАВҚОВАР МЕШАВАД, АГАР...



Замоне марди оқилу хирадманде зиндагӣ мекард, ки ҳама аҳли диёр ба ӯ эҳтироми хос доштанд ва дар мушкилоту муаммои зиндагиашон муроҷиат мекарданд. Шахси нотавонбине ба хираду биниши марди оқил шубҳа дошт ва мехост исбот кунад, ки хирадманд на аз ҳама чиз огоҳ аст. Рӯзе ӯ шоҳпаракеро меораду аз хирадманд мепурсад:

– Оё шоҳпарак дар кафи дасти ман зинда аст ё не?

Дар ин вақт дар хаёлаш гузаронд, ки агар хирадманд гӯяд, ки «мурда» шоҳпаракро аз кафи дастам озод мекунам, агар гӯяд, «зинда», онро пачақ карда, ба хирадманд нишон медиҳам.

Хирадманд бо андак тафаккур посух мегӯяд:

- Ҳамааш дар дасти худат аст.

Аз ин ҳикояи кӯтоҳ хулоса баровардан мумкин аст, ки ояндаи маънавӣ ва илмию фарҳангии насли наврас дар дасти волидон ва мо – мураббиёну омӯзгорон мебошад.

Фарзанд меваи умр аст. То замоне ки ҷон дар бадани мураббиён ва омӯзгорон аст, набояд аз тарбияи фарзандони миллат канораҷӯӣ намоянд. Воқеан, атфол ниҳоли боғи инсонӣ буда, парвариш ва таваҷҷуҳи зиёдро талаб менамояд.

Равандҳои ҳассосу пуршиддати ҷомеаи муосир дар назди муассисаҳои тарбиявии томактабӣ, ибтидоӣ ва миёна вазифаҳои наву мушаххас гузоштааст, ки сифати таълиму тарбияро таҷдид намуда, омодагии назарӣ ва амалии кормандони ояндаи кӯдакистону мактабҳоро тақвият бахшанд.

Мураббиён солҳо умри азизи худро ба тарбияи кӯдакон сарф менамоянд. Махсусан, масъалаи тарбия ва таълими кӯдак дар фарҳанги халқи тоҷик аз қадимулайём ҷойгоҳи хос дошта, ҳаққи устодро аз падар беш гуфтаанд.

Имрӯз бо шарофати Истиқлоли давлатӣ ва амнияту оромии кишварамон тамоми шароити таълим фароҳам гардида, мо – мураббиёнро водор месозад, ки дар самти тарбияи насли наврас бепарво набошем. Дар ин самт, ҷомеа низ бояд кӯшиш кунанд, ки дар таълиму тарбияи наврасону ҷавонон ва ба камол расонидани онҳо ҳамчун инсони пешрафтаву муваффақ саҳми арзишманд дошта бошем.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ

– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриашон бахшида ба Рӯзи дониш дар ноҳияи Данғара таъкид намуданд: «Вазифаи муқаддаси мо ин тарбия ва ба камол расонидани насли навраси солим, соҳибмаълумот, бунёдкор, эҷодкор, забондон, неруманд ва миллатдӯсту меҳнатдӯст мебошад».

Оқиле хуб фармуда, ки дарахт бо решааш мустаҳкам аст, одам бо амал ва тафаккураш. Ин суханони бузургворро шиор намуда, таъкид менамоям, ки тарбияи асосии кӯдакон дар руҳияи созандагӣ кафолати ояндаи дурахшони мо мебошад. Дар ин самт нақши кӯдакистон ҳамчун зинаи аввали таълиму тарбия тақдирсоз буда, фаъолияти мураббиён муҳим ва аввалиндараҷа мебошад.

Ба ин хотир, мураббиёнро лозим аст, ки машғулиятро мувофиқи талаби замон ба роҳ монда, аз аёнияти замони муосир бо маврид ва муфид истифода баранд. Ба нутқи шифоии ҳамарӯзаи кӯдакон диққати ҷиддӣ дода, дар ниҳоди онҳо меҳру муҳаббатро нисбат ба Ватан-Модар, устод, волидон ва ҷомеа бештар бедор намоянд.

Барои он ки ба ин ҳадафҳои шоистаи худ бирасем, зарур аст, ки ҳамаи муассисаҳои томактабиро бо мураббиёни баландихтисосу масъулиятшинос таъмин кунем.

Аз синни хурдсолӣ дар гурӯҳҳои омодагӣ ба мактаб омӯзиши забони адабии давлатиро хубтар намуда, ҳамчунин, омӯзиши забонҳои русӣ, англисиро васеъ ба роҳ мондан муҳим мебошад. Инчунин, таҷҳизоти толорҳои машғулиятиро рангоранг намуда, ҳуҷраҳову даҳлезҳоро дар ҳолати озода ва барои кӯдакони синну солҳои гуногун фароҳовар нигоҳ доштан лозим аст.

Машғулият - бозиҳоро вобаста аз обу ҳаво дар ҳавои кушод гузаронидан ба шуури кӯдакон таъсири муфид ва таҳрикдиҳанда дорад. Онро тарзе доир намоем, ки барои кӯдакон ҳаловатбахш бошад ва хешро дар муҳит хуб тасаввур кунанд.

Инчунин, тавассути бозиҳо кӯдаконро бо техникаи муосир ҷалб намудан ба манфиати кор буда, ҳисси сохтусоз, ихтироъкорӣ ва тарроҳиро дар тиннати наврас таҳрик мебахшад. Аз гурӯҳҳои хурдсол то омодагӣ ба мактаб сар карда, компютерҳои ҳамадон ва бозичаҳои безарарро истифода намудан ҳатмӣ аст.

Дар баробари ин, баргузор кардани дарсҳои кушод бо иштироки падару модар дар ҳар семоҳа ба манфиат аст, ки онҳоро ба лаёқат ва зеҳнияти фарзандашон ба таври шоиста ошно менамояд.

Дар кӯдакистон бо кӯдакон моҳе чанд маротиба театри лӯхтак, театри соягӣ гузаронем ва худи кӯдаконро барои бозӣ дар саҳначаҳо ҷалб намоем. Инчунин, берун аз кӯдакистон ба сайёҳат рафта, онҳоро бо олами набототу ҳайвонот шинос намоем.

Хушбахтона, дар кӯдакистони №149-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ таълиму тарбияи кӯдакон хуб ба роҳ монда шуда, кӯдакон муошират, рақс ва суруд хонданро меомӯзанд. Дар кӯдакистони мо 7 гурӯҳ амал мекунад, ки аз онҳо 2 гурӯҳи русӣ ва 5 гурӯҳ тоҷикӣ мебошад.

Дар оянда ният дорем дар кӯдакистон ҳавзҳои шиноварии зимистона, толори варзишии замонавӣ, майдончаҳои муҷаҳҳази бозӣ сохта, муассисаро бо автобуси хизматӣ, ки барои сайёҳати кӯдакон лозим аст, таъмин намоем.



**Ёдгор НУРОВ,**
**омӯзгори мактаби № 37, ноҳияи Деваштич**

# ОСОРИ ГАРОНБАҲОИ НИЁКОН ДАР РАВАНДИ ДАРС



Мутафаккирони барҷастаи тоҷик дар осори мондагори худ панду андарзҳои бебаҳою арзишмандро, ки вобаста ба шароити давр гоҳ ошкору гоҳ зери пардаи эътиқоди омма ифода мекарданд, бузургтарин сарчашмаи тарбияи насли башарро аз худ ба мерос гузоштаанд, ки барои миллати тоҷик ҳамчун ганҷинаи миллӣ маҳсуб мешаванд. Ин андешмандони ҳаким дар осори пурҳикмати худ талқин мекарданд, ки пойдории давлат, икишофи ҷамъият ва такомули маънавии инсон махз дар илму дониш ва мактабу - маориф мебошад.

Шароити навини ҷомеа ва соҳибистиқлолии Ватани хуршедиямон имкон фароҳам намуд, то сарчашмаҳои таърихӣ, осори орифону шоирон, анъанаҳои миллию ниёкон ва ғояҳои баланди таълимию тарбиявии намояндагони педагогикаи мардумии худро аз махзанҳо пайдо намоему омӯзем ва аз ин тариқ, барои баланд бардоштани ҳисси меҳанпарастию хештаншиносии насли наврас корҳои мушаххасу мусоидро анҷом диҳем.

Омӯзиши ашъори ниёгон ҳоло дар нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хусусан, факултетҳои омӯзгорӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Азбар намудани осори ниёкон дар тайёрии омилҳои касбию ихтисосмандии омӯзгорони оянда кумаки босазое хоҳад кард. Аз худ намудани осори пурғановати бузургони илму адаб малакаю маҳорати донишҷӯёнро доир ба фанҳои соҳаи педагогикаю психология васеъ намуда, онҳоро бо таъриху афкори тарбиявии равшанфикрону олимони дунё ошно месозад.

Афкори баланди таълимиву тарбиявӣ ва панду ахлоқие, ки устодони калом, амсоли Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигар бузургони тоҷику форс дар тӯли асрҳо гуфтаанд, ҳеҷ гоҳ манзалати тарбиявии худро гум намекунанд. Ҳазорон фарзанди халқи тоҷик дар руҳи афкори педагогии чунин мардони бузург асрҳои аср ахлоқи поки инсонӣ омӯхтаанд ва ба халқу Ватани хеш хизматҳои шоиста кардаанд.

Бинобар он, лозим шуморидем, ки ба ин масъала рӯ орем, зеро барои тарбияи кӯдакону наврасон аз осори гаронбаҳои ниёкон истифода кардан, яке аз масъалаҳои асосии инкишофи ҳаматарафаи хонандагон буда, шахсро аз ҷиҳати маънавӣ бой мегардонад, дар вай хоҳиши эҷодкорӣ, лутфу марҳамат ва шавқмандиро бедор мекунад.

Адибон, олимон ва мутафаккирони халқи тоҷик шоҳиди зиндаи вазъияти ногувори замони худ буда, дарду андух, нуқсу қубҳ ва шоистагиву накуиҳои замони худро ба хубӣ эҳсос мекарданд. Онҳо зулми золимон ва ҳаёти пурмашаққати заҳматкашонро бо чашмони худ медиданд ва сабабҳои онро аз бесаводии мардум дониста, ягона роҳи халосиро дар маърифатнок намудани халқ медонистанд. Онҳо барои расидан ба ин мақсад қаламро ба аслиҳа табдил дода буданд. Ин буд, ки дар эҷодиёти онҳо, агар аз як тараф нуқсонҳои иҷти-

моии давр бераҳмона фош карда шавад, аз ҷониби дигар бартариҳои илму дониш, хирад ва умуман, маърифатнокии ҷамъият махсусан таъкид карда мешуд. Қайд кардан зарур аст, ки устод Рӯдакӣ 1000 сол пеш гуфта буданд:

**Дониш андар дил чароғи равшан аст,**
**В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.**

Мақсади асосии матлаби мо бо истифода аз таъриху фарҳанги бою миллӣ ва ашъори панду ахлоқии ниёкон баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи насли ояндасози миллати тоҷик ва ташаккули маънавиёти умуминсонии онҳо ба шумор меравад. Омӯзиш ва истифодаи ин дурдонаҳои ахлоқӣ дар амалия вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як омӯзгор ба ҳисоб меравад.

Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф низ ба зинда сохтани ашъори ниёкон ва дар кори таълиму тарбияи насли наврас, ҳаматарафа истифода кардани он аҳммияти беандоза зоҳир карда шудааст. Замонавӣ ва заруру саривақтӣ будани масъалаи мазкур дар Консепсияи мактаби миллии тоҷик чунин акс ёфтааст: «Эҳёи мактаби миллӣ барқарор ва пойдор намудани педагогикаи ниёконро дар назар дорад, ки хушбахтона, дар анъанаҳо, урфу одат, расму русум, маросимҳо дар адабиёти тароватбахши шифоҳию таҳририи мо боқӣ мондааст». Дурдонаҳои бебаҳои ниёкони мо на танҳо бахри тарбияи ҳаматарафаю ҳамида, рафтори шоистаи насли наврас хизмат мекунанд, инчунин, онҳо сарчашмаи софу беғубори ғанӣ гардондани мазмуни маълумот низ ба шумор меравад.

Бахри амалӣ гардонидани мақсадҳои номбаршуда ва ба руҳияи навини ҷомеаи демократӣ ҳамоҳанг сохтани мазмуни маълумот ва равандҳои таълим падидаҳои нав ба чашм мерасанд. Китобу воситаҳои таълимии мактаби миёна дар руҳияи ашъори безаволи ниёкон сохта шудааст, ки дар оянда ҳисси маънавиёти миллӣ ва башардӯстонаи насли наврасро бедор месозад.

Яке аз воситаҳои инкишофи ҳаматарафаи хонандагон дар таълиму тарбия ин истифодаи ашъори ниёгон оид ба тарбияи ахлоқӣ мебошад. Тарбияи ахлоқӣ қисми таркибии тарбия буда, он муносибати байни одамонро дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ ба тартиб медарорад. Ахлоқ ҳамаи муносибатҳои одамонро дар бар мегирад ва яке аз шаклҳои шуури ҷамъият мебошад. Ахлоқ, пеш аз ҳама, бо шароити ҳаёти моддии ҷамъият муайян карда шуда, ҳастии ҷамъиятии одамонро инъикос мекунад. Дар баробари тағйир ёфтани сохти ҷамъиятӣ ахлоқи одамон низ тағйир меёбад. Ахлоқ ҳодисаи таърихӣ – ҷамъиятӣ буда, дар ҷамъияти синфӣ характери синфӣ дорад. Тарбияи ахлоқ аз оила оғоз ёфта, дар муассисаҳои томактабӣ ва мактаб идома меёбад. Дар мактаб хонандагон дар руҳияи ватандӯстӣ, башардӯстӣ, муносибати демократӣ ба меҳнат, иттиҳодӣ, рафоқат, поквиҷдонӣ, ростқавлӣ, ба назари танқидӣ баҳо дода тавонистан ба рафтори худ тарбия карда мешавад.

Моҳияти ахлоқ аз он иборат аст, ки одамизод ва ахлоқ бе ҳамдигар вуҷуд дошта наметавонанд, инсон дар ҳар ҷомеа аз рӯи қоидаҳои мавҷудаи он амал ва зиндагӣ мекунад.

Одобу рафторро ахлоқ муайян карда, муносибати одамонро ба аҳли ҷомеа, давлат ва истеҳсолот нишон медиҳад. Ахлоқ бо донишу ҷаҳонбинӣ ва олами ботинии инсон алоқаманд аст. Одоб бошад, рафторест, ки дар ҳаракату муносибатҳои ҳар кас ба чашм мерасад.

Тарбияи ахлоқӣ дар асоси арзишҳои миллӣ, маънавӣ ва умумибашарӣ ба амал бароварда мешавад ва вазифаҳои тарбияи ахлоқӣ аз инҳо иборат аст:

- ташаккул додани муносибати неки одам ба ҷамъият;
- барҳам додани иллату камбудиҳои ахлоқӣ;
- тарбияи интизоми бошуурона;
- инкишофи ҳаматарафаи шахсият.

Ташаккул додани муносибати неки одам ба ҷамъият, ин яъне, дар руҳияи адлу инсоф, инсондӯстӣ, муҳаббат ба ҷамъият ва Ватан тарбия кардан аст. Ин вазифаҳоро дар машғулиятҳои дарсӣ, корҳои берун аз синфию берун аз мактабӣ амалӣ кардан мумкин аст.

Барҳам додани иллату камбудиҳои ахлоқӣ - камбудиҳои ахлоқии бачагон, пеш аз ҳама, дар мактаб ва оила ба назар мерасад. Алалху-

сус, дар мубориза ба нуқсонҳои ахлоқии хонандагон муаллиму волидайн нақши муҳим мебозанд. Мактабу оила дар якҷоягӣ кор карда, дар фарзандон самимият, ташаббускорӣ, фаъолиятнокӣ, меҳнатдӯстиро бояд парвариш намоянд.

Тарбияи интизоми бошуурона – яке аз вазифаҳои тарбияи ахлоқӣ мебошад, ки дар фаъолияти ҳаррӯза, рафтору кирдор дар муомила бо дигарон, яъне дар ҷаҳонбинии шахс падидор мегардад. Танҳо муаллимоне, ки хислатҳои некро соҳибанд, ба хонандагон тарзи рафтори дурустро дар ҷамъият ёд дода метавонанд.

Инкишофи ҳаматарафаи шахсият – мақсади он одамони хушрафторро тайёр кардан аст. Дар ин ҷода истифода намудани панду ҳикматҳои ахлоқии ниёгонамон ниҳоят муҳим аст:

Гуфтам:
- Чӣ кунам, ки бар табиб ҳоҷат набошад?
Гуфт:
- Кам хӯрдану кам хобидану гуфтан.
Гуфтам:
- Аз мардумон кӣ оқилтар аст?
Гуфт:
- Он ки кам гӯяду беш шунавад ва бисёр донад.

Хусусиятҳои синнусолӣ ва фардӣ дар тарбияи ахлоқӣ шарти муҳими пешрафти кор мебошад. Агар муаллим, роҳбари синф хусусиятҳои хонандагонро донад, самарабахшии кори тарбиявии ӯ меафзояд. Дар мактаб тарбияи ахлоқӣ, ки аз кӯдакистон оғоз меёбад, идома ёфта, муаллим одатҳои хуби ахлоқиро, ки хонанда дар кӯдакистон пайдо кардааст, инкишоф медиҳад. Яке аз хусусиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ин аст, ки онҳо ба калонсолон бовар мекунанд, супоришҳои онҳоро бечунучаро иҷро мекунанд.

Шуури ахлоқии хонандагон инкишоф ёфта, дар натиҷа, онҳо мафҳумҳои меҳнатдӯстӣ, интизомнокӣ, хоксориву фурӯтанӣ, адлу инсоф, қатъият ва ғайраҳоро мефаҳманд. Пас моро зарур, ки адабиёти классик, осори таърихии хаттию шифоҳии миллати адабпарвари худро сарманшаи омӯзишу тарбияи насли наврас гардонем.

## ПАСМАНЗАР

Ҳамсояи рӯ ба рӯ аз ҳамсарам чанд маротиба хоҳиш кардааст, ки ба духтараш забони англисиро омӯзонад. Ройгон не, моҳона сад сомонӣ.

- 100 сомонӣ барои як моҳ? - пурсидам.

- Бале, - оромона посух дод.

- Агар ҳафтае се маротиба якуним соатӣ дарс гузарӣ, 12 дарс мешавад, ки дар умум 18 соат вақт мегирад ва ҳар соати вақтат тақрибан 5 сомонию 50 дирам фоида меорад. Оё меарзад? - ҳамсарамро аз фикраш гардонданӣ шудам.

- Ҳар амалро бояд барои ба даст овардани пул анҷом диҳем? Дар пасманзари кирдори мо ба ҷуз пул бояд чизи дигаре набошад? Калимаҳои “савоб”, “хизмат”, “рисолат” ва “оянда” ба мо бегона ҳастанд? - эътироз кард ӯ.

- Дуруст мегӯӣ, вале...

- Шумо танҳо панҷ сомонию 50 дирамро ба назар гирифтед, аммо дар пасманзари ин пул донандаи забони хориҷӣ шудани як кӯдак, миёни ҳамсинфон сарболо шудани як хонандаи мактаб, бе мушкил имтиҳони дохилшавӣ ба мактаби олиро супурдани як довталаб ва бо фарҳангу маънавиёти чандин давлат шинос шудани як одам меистад, - дилашро холӣ кардам ҳамсарам.

Ман сукут кардам. Рӯзи дигар шогирдаш омаду дарсро оғоз карданд.

Бадбахтона, мо бо сабаби пул надоштан ё пули кам доштан аз бисёр корҳо даст мекашем, ба бисёриҳо ёрӣ намерасонем, кори бисёриҳоро сарфи назар мекунем ва билохира, бо бисёриҳо ногап ҳастем. Имрӯз ченаки аксар муносибатҳоро пул унвон кардаем ва ба ҷуз пул дигар роҳеро барои ҳалли мушкил ё муаммо намебинем.

**Ҳ. ТОҲИРӢ,**
**«Маърифати омӯзгор»**

**Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,**
**рӯзноманигор, ВМКБ**



# МАСЪАЛАИ ТАРБИЯРО ҶИДДӢ БОЯД ГИРИФТ



Имрӯзҳо дар ҷомеаи мо ибораву ҷумлаҳои «тарбия суст аст», «ахлоқ коста шудааст», «ҳурмат нест», «адаб кам шудааст» ва монанди инҳо аз зумраи гуфтори пайваставу маъмулии насли бузургтари ҷомеа шудаву ҳамагӣ ин ибораҳоро ба шаклу услуби худ ба забон меоранд. Мушкилоти асосӣ сари соҳибони ин «забонҳо» аст, ки пеш аз забонро «ба кор даровардан" бе мулоҳиза мегӯянд ва гоҳе гуфторашон оҳанги иттиҳом ва ситезаро мегирад. Ин раванд мисли аз канор истодану бидуни таҳлили воқеӣ эродҳо гирифтан аст, вале талотуми баҳрро оббоз медонад, оне мефаҳмад, ки дар миёни амвоҷи баҳри тарбият бо фарзанди мардум кор бурдаасту дилхун шудааст.

Ман, ки дар соҳаи маориф солҳо кор кардааму бо нозукиҳои он каму беш ошноям, наметавонам ин мушкилоти ҷомеаро нодида бигирам. Аз ин рӯ, андешидам, ки бо коршиносе сари масъалаи тарбия суҳбате ороям, зеро «Илоҷи корро кӣ медонад? Кордон!» гуфтаанд. Бо ин мулоҳиза бо мудири бахши ҳуқуқи кӯдаки назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Ҳавобегим Сафаркулова суҳбат оростем, ки мавсуф таҷрибаи хубе дар ин самт дошта, беш аз 7 аст, сол бо хонандагону волидони онҳо кор мебарад.

Ҳавобегим Сафаркулова шаш сол дар мактаб омӯзгор будааст. Фарде, ки худ омӯзгор аст ва дар таълиму тарбияи фарзанди миллат талош менамояд, мавзуи тарбияро беҳтару хубтар мефаҳмад. Ба ин хотир, саволу ҷавобро канор гузоштем, ки аз қолаби мусоҳиба берун бароем, танҳо хулосаву бардоштҳои ин коршиносро сари масъалаи тарбия ин ҷо мекорем:

**Падару модар ва тарбияи фарзанд**

«Маъно ва ҳадафи асосии зиндагии оилавӣ – тарбияи фарзандон мебошад. Мактаби асосии тарбияи фарзандон – ин муносибати байниҳамдигарии шавҳару зан, падар ва модар аст».

**В. Сухомлинский,**
**нависандаи бачагонаи украинӣ**

Аслан, тарбияи фарзанд вазифаи асо-

сии падару модар аст, аммо омӯзгор ҳам аз ин кор набояд дар канор бошад, чун «садо аз ду даст» мегӯянд. Вале суоле, ки пайваста дар зеҳни мо чарх мезанад, ин аст, ки оё ҳамаи падару модар аз уҳдаи тарбияи фарзанд баромада метавонанд ё на? Ҳавобегим Сафарқулова мегӯяд: «Таҷрибаҳои андухта маро ба хулосае овардааст, ки дар масъалаи тарбияи фарзанд падару модарро метавон ба чор ё панҷ гурӯҳ ҷудо намуд. Албатта, ба гурӯҳи аввал онҳое шомиланд, ки муносибаташон ба таълиму тарбияи фарзанд ҷиддист, онҳо дар хона бо фарзанди худ кор мебаранд, ба дарстайёркунии фарзанд ёрӣ мерасонанд, ҳар рӯз аз рафтори ӯ дар мактаб ҷӯё мешаванд, барои ба курсу машғулиятҳои иловагӣ фаро гирифтани фарзанди худ шароит муҳайё мекунанд. Муҳимтар аз ҳама, бо меҳрубонӣ бо овардани мисолу таҷрибаҳои зиндагӣ, ҳаёти ибратбахши ашхоси номдор, водоштан ба мутолиаи китобҳои ҷолибу нодир, тамошои филмҳои ибратбахш фарзандро ба роҳи дурусти зиндагӣ раҳнамоӣ менамоянд.

Ба гурӯҳи дуюм волидоне шомиланд, ки ба тарбияи фарзанд вақт ҷудо намекунанд. Бо баҳонаи он ки аз кор омадаву хастаанд, худро аз фарзанд дур мегиранд ва намеандешанд, ки фарзандро ба ҳоли худ гузоштаанду фурсати тарбияи кӯдакро аз даст медиҳанд.

Гурӯҳи сеюм, он зумра волидонеанд, ки мутаассифона, тарбияи фарзандро кори ҷиддӣ намешуморанд ва бар ин назаранд, ки агар фарзандро хӯрондаву пӯшонда тавонанд, дигар вазифае надоранд.

Чорум гурӯҳ худ ба тарбия ниёзманданд. Яъне роҳу усулҳои дурусти тарбияи фарзандро намедонанд. Усулҳоеро ба кор мебаранд, ки баъзан ба ҷойи фоидаовар будан, ба фарзанди онҳо аз лиҳози равонӣ ва ҷисмонӣ зарар мерасонанд.

Онҳое, ки ба гурӯҳи панҷум шомиланд, чунин ақида доранд, ки барои фарзанди онҳо ҳама чиз мумкин аст. Масалан, падаре писарашро насиҳат мекунад, ки ҳеҷ гоҳ паст наё, як гап гӯянд, дуто ҷавоб гардон, аз худ калонро зӯрат нарасад, бо санг зан. Ин тафаккури кӯчагист, ки қисмате аз волидон, мутаассифона, онро тарбияи дуруст меҳисобанд».

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар замони муосир яке аз рухдодҳои демографӣ буда, дар саросари ҷаҳон наздик ба як миллиард инсон барои зиндагии беҳтар аз як кишвар ба кишвари дигар сафар мекунанд. Падару модари бисёр толибилмон дар муҳоҷиратанд, фарзандон бошанд, дар тарбияи бобову бибӣ, аммаву хола, тағову амак ё дигар хешу наздикон мемонанд. Дар ин ҳолат, парастор ба тарбияи онҳо таваҷҷуҳи лозимиро равона намекунад.

Ҳавобегим аз мушоҳидаҳояш мегӯяд, ки дар чунин мавридҳо, қисмате аз фарзандон ба гапи бобову бибӣ ва ё дигар парасторон гӯш намекунанд, ба дарс аҳаммияти ҷиддӣ намедиҳанд ва бо хости худ зиндагӣ мекунанд. Ин роҳ кӯрроҳаест, ки сарнавишти инсонро ба нокуҷо ва ё ба кӯчаи ҷаҳл мебарад.

## Фазои маҷозӣ: аз тарбия то мағзшӯӣ

Ҷаҳони муосирро бидуни технологияҳои иттилоотӣ тасаввур кардан душвор аст. Васоити ахбор, технологияи муосир дар ҳаёти ҳамзамонон мавқеи муҳим дорад ва аз ин рӯ, хоҳем ё на, ба таълиму тарбия таъсиргузор аст ва то андозае нақши муассир дорад. Бахусус, телефонҳои ҳушманд миёни хонандагону кӯдакон яке аз василаҳои асосии вақтгузаронӣ ва машғулият маҳсуб мешаванд. Тоифае аз волидон аз ғояти «меҳрубонӣ» ва ё халал нарасонидан, телефонро ба дасти тифлони дусолаву сесола ҳам медиҳанд. Барои ҳамин, кӯдаконе низ ҳастанд, ки ба телефон

одат карда, агар онро аз дасташон гиранд, гӯё дунё барояшон анҷом ёфт...

Дар баробари ин, тамошои филмҳои моҷароҷӯёна, зӯроварию куштор, фаҳшу бадахлоқӣ ва машғул шудан бо бозиҳои гуногуни компютерӣ хеле зиёд шуда, оқибатҳои ногувори худро дар пай дорад. Дар зеҳни наврасон "қаҳрамон"-ҳои филмҳо ва бозиҳои компютерӣ фаротар аз қаҳрамонҳои осори бадеӣ мешаванд. Ин ҳама васила мегарданд, ки фарзандони мо аз самти дуруст ба роҳи носолими зиндагӣ гом бардоранд. Яъне, занозанию гурӯҳбозӣ ва ё кордкашӣ миёни ҷавонону хонандагон метавонад мисоли равшани рӯз бошад.

Тавре медонем, аксари ин барномаву филмҳо барои мағзшӯйии мардуми сайёра ташкил шудаанд, то мардум аз арзишҳои аслии инсонӣ, суннату фарҳангу адабу ахлоқ дур шаванд ва ин "қоидаи гургона" – ро қабул намоянд. Чун мардум аз арзишҳои инсонӣ, фарҳанги миллӣ, ахлоқи ҳамида дур шавад, ҳайсияти миллӣ ва шарофати инсонияш маҳв гардида, ин тоифаро ба шакли худ ва лозима идора кардан хеле осон мешавад.

Аз ин рӯ, тарбияи фарзанд дар қиёс бо солҳои пешин хеле душвор шуда, масъулияти ҷиддиро тақозо мекунад. Дар ин роҳ, барои тарбияи солими фарзанд, ки дорои заковати илмӣ, тафаккури миллӣ ва ахлоқи ҳамида бошад, волидон, мактаб ва ҷомеаро зарур аст, ки дар ин раванд фаъолияти ҳамоҳанг дошта бошанд.

Вақти он расидааст, ки аз тамоми чораҳо истифода карда, ҳам худ ва ҳам фарзандони худро, ки ояндаи Ватану миллат мебошанд, дар фазои осудаи кишвари маҳбубамон тарбияи дуруст намоем. Чуноне ки Андре Моруа, нависандаи фаронсавӣ гуфтааст: «Тавре рафтор кунед, ки фарзандон ба қадри лозима шуморо эҳтиром намоянд. Он фазилатҳоеро бар дӯшашон нагузоред, ки худ надоред».

## ПУЛИ КОҒАЗӢ

Омӯзгори равоншинос семинарро ба таври ғайриодӣ оғоз кард. Ӯ пули 50 долларӣ дар даст дошт ва пурсид, ки оё касе мехоҳад онро гирад? Бисёре аз аҳли толор даст бардоштанд. Устод ба нафароне муроҷиат намуд, ки дастҳояшонро баланд накарда буданд. Маълум шуд, ки онҳо низ ба гирифтани пул зид нестанд, вале бо сабаби шармгин будан даст набардоштаанд.

- Хуб, ман пулро медиҳам, вале аввал бо он коре мекунам, - гуфт равоншинос. Ӯ пулро дар кафи дасташ гузошта, бо панҷаҳояш фишурда, пачақ кард ва боз пурсид, ки оё нафаре онро гирифтан мехоҳад ё не? Ҳама даст бардоштанд. Устод боз амали дигареро иҷро кард. Пули ғиҷимшударо ба замин партофта, бо пояш пахш кард, ки он чиркин ва пачақтар шуд.

- Дар ин шакл пул ба кӣ лозим аст? - пурсид ӯ ва боз ҳама даст бардоштанд.

- Дӯстони азиз, - гуфт муаллим, - мо ҳоло дарси амалӣ гузаштем. Новобаста ба он ки ман бо ин пул чӣ корҳоро анҷом додам, шумо ҳама мехостед, онро соҳиб шавед, чунки он то ҳол арзишашро гум накардааст. Дар ҳаёт чунин рӯйдодҳо кам нестанд. Баъзан аз баландӣ меафтем, поймол мешавем, дар рӯи замин мехобем. Ин воқеияти ҳаёт аст. Дар чунин ҳолатҳо худро беарзиш меҳисобем. Аммо новобаста аз он ки бо мо чӣ ҳодиса рух медиҳад, арзиши аслиамонро гум намекунем. Бо либосҳои ифлос ё тоза, ғиҷим ё дарзмолшуда мо ҳамеша арзишеро доро хоҳем буд, ки онро муаррифӣ мекунем.

**Тарҷумаи**
**Беназир АБДУЛВОҲИДОВА**

**Мумина ШАРИПОВА,**
**омӯзгори мактаби №70,**
**ноҳияи Исмоили Сомонӣ**



# ВОЛИДОН НИЗ БОЯД БЕТАРАФ НАБОШАНД

## Чанд нукта доир ба ҳамкории оила ва мактаб



Аз таърихи халқи худу ҷаҳониён медонем, ки мардуми гетӣ ба тарбияи фарзанд аҳаммияти хосса зоҳир намуда, барои дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзию маорифпарварӣ, ҷавонмардию ахлоқӣ ҳамида ва нангу номус ба воя расонидани фарзандони худ ҳамеша кӯшиш мекарданд.

Маълум мегардад, ки дар тамоми давру замони ҳастии одамият ниёз ба тарбия буду ҳаст ва хоҳад монд. То ба воя расидани фарзанд, ӯ зери болу маърифати атрофиёни оила қарор мегирад, ки қадами нахустини ба таълим, яъне, ба мактаб гузоштани ҳар як инсон, аз тарбияи аввалин вобастагии ногусастанӣ дорад. Агар фарзанд дар миёни оила накукор тарбият ёбад, бо ӯ дар мактаб ва ё омӯзишгоҳ машғули таълим гардидан осон мешавад ва бисёре аз фанҳои омӯзондашаванда зуд аз бар мегардад.

Албатта, мо медонем, ки муносибати оила ва мактабро бидуни таъсири ҳамдигар дар тарбияи насли наврас тасаввур намудан ғайриимкон аст, зеро яке аз давраҳои муҳимми ҳаёти бачагон ба мактаб дохил шудани онҳо мебошад. Мактаб дар тамоми фаъолияти бачагон тағйироти куллӣ ба вуҷуд меорад. Дар ин марҳила ҷойи бозиро, ки давраи томактабӣ асоси фаъолияти онҳоро ташкил медод, акнун омӯзиш ва меҳнат асоси фаъолияти онҳо мегардад. Аз ин рӯ, падару модарон бояд дар хотир дошта бошанд, ки аз давраи кӯдакии томактабӣ ба давраи мактабӣ гузаштан, мавқеи кӯдакон ва тамоми образи ҳаёташон ба таври кулли тағйир меёбад. Аз ин нуктаи назар, дуруст роҳандозии тарбияи бачагон дар оила, намунаи ибрат будани падару модарон, бародарону хоҳарон ва аз тарафи онҳо ёварӣ намудани талабҳои муаллим, ба вазифаҳои таълимӣ ва меҳнатии бачагон диққат додан ҳамчун шарти асосии минбаъд муътадил ташаккул ёфтани шахсияти кӯдак, симои маънавӣ ва рафтори мадании ӯ мегардад. Мо ҳамеша ба ин боварем, ки ин кори умумии оила ва мактаб, муаллимон ва падару модарон мебошад. Муайян аст, ки на мактаб бе ёрии оила ва на оила бе ёрии мактаб вазифаҳои асосии тарбияи ахлоқии мактаббачагонро ҳал карда наметавонанд.

Дар баробари сахтгирӣ ва мутаваҷҷеҳ гардидани волидайн дар оила нисбат ба фарзандон, дар мактаб муаллимон низ аз асоситарин шахси таъсиргузор дар маърифату ахлоқи кӯдакон баршумурда мешаванд.

Дар шароити кунунӣ мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксари падару модарон имрӯзҳо мехоҳанд фарзандонашон тарбияи хуб гиранд.

Ҳангоми баргузории ҷамъомаду ҷаласаҳо ва вохӯриҳо бо волидайни мактаббачагон мо шоҳиди он мегардем, ки аксари падару модарон ба ин назаранд, ки фарзандонашон бодиққат, ғамхор, меҳнатдӯст, поквиҷдон, хайрхоҳу ҳаётдӯст ба камол расанд. Дар навбати худ, мактаб кӯшиш менамояд, ки мақсаду ҳадаф ва вазифаи муассиса ва оила дар ҷамъиятамон ягона бошад. Ҳам оила ва ҳам мактаб нисбат ба тарбияи наврасон бояд алоқаи мустаҳкам дошта бошанд.

Воқеаву ҳолатҳои тарбия дар оила ва мактаб нишон медиҳанд, ки дар кори якҷояи муаллимон ва волидон на алоқаи гоҳу ногоҳ, балки пайвастагии ҳаррӯза лозим аст, муносибати доимии муаллим бо тамоми падару модарони талабагон раванди тарбияро тезонда, доиман назорат болои кӯдакон кори тарбияро дурусту накутар менамояд. Мутаассифона, баъзан мо мутаваҷҷеҳ мешавем, ки падару модарони мактаббачагон қоидаҳои барои хонандагон қабулшударо умуман риоя нанамуда, аслан аз рӯйи тартиби қабулшуда ва мухлату вақти муайяншуда бо фарзандони худ муносибат наменамоянд ё умуман чунин қоидаҳоро сарфи назар менамоянд. Аслан ва усулан падару модарони хонандагон бояд қоидаҳои корро барои тарбия бо фарзандони худ нақшакашӣ кунанд ва дар мухлату макони муайян бо онҳо фаъолият бубаранд. Волидайн бояд донанд, ки тамоми супориш ва талаботи худро нисбат ба фарзандони хеш бояд ба нақшаву қоидаҳое, ки аз ҷониби мактаб ва худи онҳо тарҳрезӣ гаштааст, роҳандозӣ кунанд.

Дар навбати худ, муаллимон шуруъ аз дарси аввал хонандагонро ба баъзе талаботи асосӣ, аз ҷумла, рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва чигунагии он, чӣ тавр аз ҷой бархостан, нақли муаллимро чӣ гуна гӯш намудан, бо рафиқон муроҷиат намудан ва ғайраҳоро меомӯзонанд.

Ба боварии комил гуфта метавонем, ки тамоми қоидаву тартиберо, ки барои мактаббачагон роҳандозӣ мегардад, оилаву мактаб бидуни дастгирии ҳамдигар хурдтарини ин талаботро амалӣ карда наметавонад. Ин ду ниҳоди ҷамъиятӣ, дар ҳамкорӣ миёни худ метавонанд, шахсиятҳои баруманду инсонофар созанд ва дар пешрафту рушди давлату халқи худ хизматҳои шоиста анҷом бахшанд.

## ДЕЛЕЛҲОИ АҶИБ ОИД БА МАКТАБ ВА ОМӮЗГОР

5 октябр дар беш аз 100 кишвари ҷаҳон ҳамчун Рӯзи омӯзгорон таҷлил мешавад. Дар ин рӯз соли 1966 ЮНЕСКО якҷоя бо Ташкилоти байналхалқии Меҳнат ҳуҷҷати байналмилалии «Дар бораи мақоми муаллимон»-ро қабул кард, ки дар он шароити кори муаллимон муайян карда шудааст.

***

Аввалин мактаб барои омӯзгорону хонандагон дар ҳазораи IV пеш аз милод дар Ашшур, Бобул ва Чин сохта шудаанд.

***

Дар Русия Рӯзи омӯзгорон каме пештар пайдо шудааст. Яъне, Шурои Олии СССР дар бораи муқаррар намудани ин ид 29 сентябри соли 1965 фармон баровардааст. Танҳо дар соли 1994 Федератсияи Русия тасмим мегирад, ки ин идро дар баробари тамоми ҷаҳон - 5 октябр таҷлил кунад.

***

Рӯзи умумиҷаҳонии муаллимон таҳти сарпарастии Федератсияи байналмилалии иттифоқҳои касабаи муаллимон, ки зиёда аз 400 ташкилоти 172 мамлакатро муттаҳид менамояд, қайд карда мешавад.

***

Дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамагӣ се ҷашни расмии касбӣ вуҷуд дорад, ки Рӯзи омӯзгорон миёнашон мақоми баландро соҳиб аст.

***

Дар Италия синни миёнаи омӯзгорон 49-сола аст. Дар Сингапур бошад, синни миёнаи омӯзгорон 36 мебошад. Ин кишварҳо чанд сол боз дар рейтинги байналмилалии арзёбии сифати таҳсилот мавқеи аввалро ишғол мекунанд.

***

Дар кишвари Исроил донишҷӯён дар давоми дарс озодона рафтор карда, ҳатто, хоб меравaнд. Инчунин, бо муаллим метавонанд дағалона рафтор кунанд. Бо вуҷуди ин, ҳолатҳои хурсандибахш низ ҳастанд. Ҳар 6 сол як омӯзгори исроилӣ метавонад як соли пурра таътил гирад, ки маблағи онро давлат пардохт мекунад.

**Таҳияи Қ. АҲМАДЗОДА**

# ОҒОЗИ ҲАМАИ ОҒОЗҲО



Забони мо дар зарфи таъриху тамаддуни беш аз шашҳазорсолаи миллати тоҷик роҳи пуршебу фарозеро тай намуда, сарнавишти пурҳаводис ва ҷаҳони маънавии тоҷиконро бо тамоми обу ранг ва дурахшу ҷилои худ инъикос кардааст ва барои худшиносиву худогоҳии миллии халқи тоҷик нақши барҷаста бозидааст.

**Эмомалӣ Раҳмон,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар дунё ҳеҷ қавме нест, ки ҷудогонагии ҷузъии лаҳҷаҳои маҳаллиро дар назар гирифта, барои ҳар лаҳҷа як забони ҷудогона сохта бошад. Як тоҷик барои фаҳмидани баъзе луғатҳои аз форсии қадим гирифташудаи Фирдавсӣ ба чӣ андоза душворӣ афтад, як эронӣ ҳам барои фаҳмидани онҳо ҳамон қадар душворӣ мекашад. Дар миёни адабиёти кӯҳна ва нави форсӣ ва тоҷикӣ фарқи асосӣ нест.

**Садриддин Айнӣ,**
**Қаҳрамони Тоҷикистон**

Масъалаи ташаккул ва тараққии забони тоҷикӣ, ғайр аз ҷиҳати таърихӣ ҷиҳати муҳимми фарҳангӣ низ дорад. Ман ваҳдати забонҳои дарӣ, форсӣ ва тоҷикиро дар назар дорам. Таърихи адабиёти классикии тоҷик ду - се аср пеш аз истилои араб не, чунон ки баъзе муаллифон менависанд, балки якунимҳазор сол пештар ба вуҷуд омада, ёдгориҳои хаттии он бар асри 6 - и пеш аз мелод рост меояд.

**Бобоҷон Ғафуров,**
**Қаҳрамони Тоҷикистон**

Забони модарӣ оғози ҳамаи оғозҳост, асоси маънавиёт, маданияти ҳақиқии ботинӣ, худшиносии иҷтимоиву ахлоқии шахс аст.

**Муҳаммадҷон Шакурӣ,**
**академик**

Забон дирӯз, имрӯз ва фардои халқ, шиносномаи миллат дар масири таърих буд ва ҳаст.

**Лоиқ Шералӣ,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

Шахсе, ки забонро надониста шеър навиштанӣ мешавад, монанди девонаест, ки шиновар несту худро ба дарёи пурталотум меандозад.

**Расул Ғамзатов,**
**адиби доғистонӣ**

Забон на фақат қулфкушои дониш, балки воситаи тавонои омӯзиши он низ мебошад. Хазинаи ин ганҷинаҳо китоб аст, алалхусус, китоби дарсӣ. Ҳамаи китобҳои дарсӣ манбаи омӯзиши забонанд. Бинобар ин, шиори мо бояд чунин бошад: аз ҳар китоби дарсӣ бояд забон омӯхт. Забон рукни асосии миллат аст.

**Шарофиддин Рустамов,**
**профессор**

**Таҳияи Умеда ДОУТОВА**

**Умеда ХОЛИҚОВА,**
**омӯзгори таърих ва ҳуқуқи**
**мактаби №29, шаҳри Конибодом**

# ТАЪРИХ АСОСИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛАТ АСТ




Таърих, ҳамчун илм бо ҳама вежагиҳои худ: пастию баландӣ, хубию бадӣ, равшанию сиёҳӣ, ҷангу хушунат ва ё шодию сурураш хотироти замонро зинда нигоҳ медорад. Маҳз таърих аст, ки мо шахсиятҳои даврони гузаштаро мешиносем, сабақҳои пешиниёнро меомӯзем ва барои имрӯзу ояндаи худ дарси ибрат мегирем.

Ҳар давру замони таърихӣ хусусиятҳои худро дорад. Бо ҳамон хусусиятҳояшон давлатҳову халқҳо, ҳокимону қаҳрамонҳо ва аҳли заҳмат ба таърих ворид мешаванд. Миллати тоҷик императориҳову давлатҳои абарқудрати Ҳахоманишиҳо, Сосониён, Сомониён ва ё давлатҳои мустақили Тахористон, Суғд, Ғуриёну Тоҷикистони Шӯравӣ, давлатҳои хурду тобеи Тоҳириён, Саффориён, Куртҳо, Сарбадорон ва ғайраро доштанд. Халқи тоҷик, инчунин, шоҳони оламшумуле чун Анӯшервони одил, Куруши Кабир, Исмоили Сомонӣ; қаҳрамонҳои беҳамто: Рустам, Спитамен, Абумуслими Хуросонӣ, Муқаннаъ, Темурмалик, Восеъ ва ғайраҳоро соҳиб будаву ҳамоно дар партави илми таърих ин шахсиятҳо ба таври алоҳида омӯхта мешаванд.

Муҳиммияти омӯзиши таърихро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон (26-уми январи соли 2021) барҳақ таъкид намудаанд: «Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад. Мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузошта, таърихи гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем.

Бахусус, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияи иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад».

Таъкид бояд кард, ки бо дастури Сарвари давлат барои тақвияти донишҳои таърихии насли ҷавон дар самти ҳифзи арзишҳои миллату омӯзиши давлатдорӣ шоҳасари аллома Бобоҷон Ғафуров - «Тоҷикон» аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, ройгон ба ҳар як хонавода тақдим гардид, то «мо кӣ будани аҷдоду гузаштагони худро донем, ба онҳо арҷ гузорем ва ба насли ориёӣ, яъне ориётабор будани худ ифтихор кунем».

Имрӯз ҳар хонадон аз ин китоби пурарзиш баҳраманд мебошаду кӣ будани гузаштагони худро мешиносанд ва аз хизмату заҳмати фарзандони ин сарзамин барои густариши фарҳанги инсонӣ воқиф мегарданд.

Омӯхтани ҳодисаҳову саҳифаҳои таърихиву фарҳангӣ, зиндагиномаи шахсиятҳои сарсупурдаи миллат ва чеҳраҳои намоёни адабӣ имкон медиҳад, ки решаҳои худро аз гузашта дарёфт намоем, ба онҳо пайванд доштани худро эҳсос намуда, ба хотири номуси ватандорӣ ном ва корномаҳои чунин шахсонро аз нав зинда гардонем ва ба насли оянда бо ифтихор дар

бораашон ҳарф занем.

Дар бораи саҳми тоҷикон дар пешрафти илм ва фарҳанг то имрӯз асарҳои илмиву адабӣ ва бадеии зиёд офарида шудаанд. Аз ҷумла, асарҳои пурарзиши Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Аз Ориён то Сомониён», «Чеҳраҳои мондагор» ва «Уфуқҳои истиқлол»-ро қайд кардан бамаврид аст, зеро дар ин асарҳо маълумоти амиқу пурмуҳтаво, масъалаҳои муҳими таърихӣ, бостоншиносӣ, мардумшиносиву ҷуғрофӣ, забоншиносию ҳунарӣ ва дигар арзишҳои миллӣ таҷассум шуда, асоснокии дақиқи илмӣ доранд.

Пешвои миллат дар асари «Уфуқҳои истиқлол» доир ба ҳифзи давлатдории миллӣ, ки яке аз асоситарин аркони ҳифзи миллат маҳсуб мешавад, таъкид намудаанд, ки «муҳимтарин дастоварду комёбие, ки мо дар 25 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон касб намудем, аз хатари нестӣ наҷот ёфтани давлатдории миллии тоҷикон мебошад... Бе ягон шакку шубҳа, наҷоти давлатдории миллӣ масъалаи меҳвари таърихи дирӯзу имрӯзи мо ба шумор меравад». Ин ишораи Сарвари давлат далолат бар он мекунад, ки ҷомеаи мо моҳияти давлатдории миллиро дарк намуда, зиндагию рӯзгори худро дар меҳвари ҳифзи асолати таърихию давлатӣ тасаввур намоянд.

Таърих чун оина равшан намудааст, ки тоҷикон халқи ориёнажод буда, сокинони қадимию аслии Осиёи Марказӣ мебошанд. Бинобар ин, таърихи онҳо бо таърихи мардуми эронинажод пайванди ногусастанӣ дорад. Бисёр паҳлуҳои гуногуни ин таърих то ҳол омӯхта нашудааст. Ин миллати ҷонсахт ҳарчанд борҳову борҳо ҷабри таърих кашидаву ҳуҷумҳои ғосибонаро таҳаммул кардааст, вале дар ҳеҷ давру замон барои забту тороҷи дигарон шамшер накашидааст. Корномаҳои фарзандони ин марзи муқаддас борҳо ба ҳукми беадолатии таърих зери хокистари ҷаҳолат монд, аммо нопадид нагашт, чун шоҳини дурпарвоз боз бол кушоду нашъунамо ёфт. Миллати мо дар ҳама давру замон фазлу хирад, донишомӯзӣ, асолат ва зиндагии покро пеша карда, чун кӯҳсоронаш асоратнописанд аст ва мисли арча дар дили санг реша давонда, умри ҷовидон ёфтааст. Дар ин бора устоди бузург Лоиқ Шералӣ гуфтааст:

**Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳеҷ замоне,**
**Тоҷик ба хоки дигаре аз сари кина.**
**Бо ҳамҳамаю дамдама лашкар накашидаст,**
**Таърих гувоҳ аст, ки дар арсаи таърих,**
**Тоҷик зи роҳи ҳасаду ҷаҳлу таассуб,**
**Бар фарқи саре найзаю ханҷар накашидаст.**

Дар воқеъ, таърихи давлатдории тоҷикон гувоҳи барҳақ аст, ки дар гузашта ҳеҷ давлате мисли давлати Сомониён ба халқи худ хизмати арзанда накардааст. Намояндаи барҷастаи сулолаи Сомониён – Исмоили Сомонӣ баъди истилои арабҳо давлати муқтадиру мутамарказ бунёд намуд. Ин давлат дар муддати як асри мавҷудияти худ рисолати таърихиашро иҷро кард. Бе шубҳа сухани таърихии «То ман зинда бошам, девори Бухоро ман бошам»-и Шоҳ Исмоили Сомонӣ аз иқтидору қудрати бемисли давлатдории ин шоҳи ҷасуру мардумнавоз гувоҳӣ медиҳад.

Исмоили Сомонӣ тавонист, ки давлати Сомониёнро аз ҳуҷуми аҷнабиён ҳимоя намояд, давлати ҳақиқатан миллӣ созад, ба маънои томаш даврони тиллоии давлатдории тоҷикон гардад.

Бузургии Исмоли Сомонӣ дар он буд, ки ӯ ба муноқишаҳои кучак хотима дод, давлати мутамаркази тоҷиконро ташкил намуд, заминҳои бузурги Хуросону Мовароуннаҳрро зери ҳимояи худ гирифт ва ҳомии онҳо шуд. Ягонагии халқро ба вуҷуд оварда, ҳисси созандагӣ ва бунёдкориро эҳё намуд. Ҳамчунин, таърих, анъана ва расму оинҳои аҷдодиро пос дошта, илму фарҳанг, адабиёт ва ҳунарҳои мардумиро ривоҷ дод.

Сохти давлату давлатдории Сомониён мактаберо мемонд, ки аз он даҳҳо шоҳону амирон, ки баъдтар ба сари қудрат меомаданд, меомӯхтанд. Сохтор ва дастгоҳи давлату низоми давлатдорӣ, ки Исмоили Сомонӣ асос гузошта буд, таърихнигорон, адибон ва сайёҳони хориҷиро мафтун мекард.

Таърих ба воситаи сарчашмаҳои гуногун омӯхта мешавад ва маълум, ки аввалин сарчашма китобу рисолаҳо ва матбуоти даврӣ мебошад. Дигар аз манбаъҳои хеле ҷолибу таъсир-

гузор адабиёти бадеӣ махсуб меёбад.

Дар адабиёт навъи асарҳое ҳастанд, ки ҳикояи таърихӣ ва повести таърихӣ ном доранд. Ин гуна асарҳо дар асоси ҳодисаву рӯйдодҳои таърихӣ ва ё дар бораи шахсиятҳои таърихӣ навишта мешаванд. Албатта дар онҳо ҷаҳонбинии нависанда, афкори бадеӣ ва коркарди адабӣ ҷой доранд, аммо мақсади асосиашонро далелҳои воқеӣ ташкил медиҳанд. Ин гуна таърихофарӣ бағоят муҳим, қобили қабул ва муассир мебошаду хонандаро тасхир мекунад.

Аз ҷумла, қисмати зиёди эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ такя бар ҳодисаҳову воқеаҳои таърихӣ доранд. Аз ҷумла, «Ёддоштҳо» асари таърихӣ буда, маълумоти фаровонро аз ҳаёти халқи тоҷик дар интиҳои асри 19 ва ибтидои асри 20 фаро мегирад.

Иттилооту донишҳои бештареро ҳам метавон аз романҳои таърихӣ пайдо кард. Дар адабиёти тоҷик романҳои «Восеъ»-и Сотим Улугзода, «Шӯроб»-и Раҳим Ҷалил, «Ситорае дар тирашаб»-и Расул Ҳодизода машҳур мебошанд. Романи сегонаи адиби шинохта Ҷалол Икромӣ – «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» («Духтари оташ», «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро», «Тахти вожгун») низ аҳаммияти таърихии фаровон дорад. Ин асари сегона давраи хеле васеи ҳаёти халқи тоҷикро дар қадимтарин ва машҳуртарин шаҳри тоҷикон – Бухоро фаро мегираду пур аз воқеаҳои хотирмону пурихтилоф мебошад. Таҳлили бадеии рӯйдодҳои таърихӣ бозгӯи адабии онҳо дар тавсифи образҳо асоснок шудааст. Образи ҷолиби Дилоромканиз нишондиҳандаи зани устувор ва зираку боғурур аст. Ҳодисаҳои зиёдеро аз сар гузаронидаву обутоб ёфтааст ва ҳамеша барои ҳимояи шаъни инсонӣ мекӯшад. Ин чеҳра ҳамеша бечорагону гирифторони зулму асорати сарватмандону муфтхӯронро роҳнамоию ҳимоят мекунад.

Ҳаёти тоинқилобии халқи тоҷик, ғорату истисмори мардум аз ҷониби зимомдорон, фаро-расии Инқилоби Октябр, ихтилофоти дохилӣ, аввалин комёбиҳои ҳаёти нав дар романи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» ба таври васеъ тасвир ёфтааст.

Аз ин роман хонандагон оид ба як марҳилаи ҳаёти халқи тоҷик маълумоти фаровон дарёфта, барои такмили донишҳои зеҳнӣ ва эҳсосоти таърихии худ мусаллат мегарданд.

Бо мақсади арҷгузорӣ ба таърихи пурифтихори миллат, омӯзиши корнамоиҳои қаҳрамонони он, тақвият бахшидан ба ҳисси худогоҳию ватандӯстӣ ва такмили донишҳои зеҳнии насли ҷавони Тоҷикистон Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи баргузории Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат» ба ифтихори 115 - солагии академик, таърихшиноси бузург Бобоҷон Ғафуров қабул шудааст, ки имрӯзҳо дар саросари меҳани маҳбубамон гузаронида мешавад.

Ин асари безавол таҷассумгари ростини таърихи миллати тоҷик буда, аввалин маротиба соли 1947 ба шакли фишурда таҳти унвони «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» нашр шуда, се маротибаи дигар: солҳои 1949, 1952, 1955 рӯи чоп омадааст. Китоби «Тоҷикон» соли 1972 бо забони русӣ дар шаҳри Москва нашр гардида, соли 1983 аввалин маротиба ба забони тоҷикӣ ба дасти хонандаи тоҷикзабон расид.

«Тоҷикон» воқеан шиносномаи миллат аст. Ин шоҳасари безавол, ки самараи меҳнати сисолаи олими пурталош Бобоҷон Ғафуров аст, аз ҷумлаи таҳқиқоти бунёдӣ ва фарогирандаи таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Ин асар ҳақиқатан, китоби рӯимизии ҳар як фарди соҳибмаърифати тоҷик мебошад, барои рушди тафаккури таърихии мардуми мо чун обу ҳаво зарур аст. Зеро дар ҷаҳони муосир миллате метавонад пирӯзу муваффақ бошад, ки гузаштаи худро меомӯзад ва имрӯзи худро бо огоҳии комил месозад.

Пас, насли наврасу ҷавони меҳани хуршедии моро лозим аст, ки асари пурарзишу мондагори аллома Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон»-ро бо такрор мутолеа намуда, арзишҳои таърихӣ ва сабақҳои асилу раднашавандаи онро дар самти давлатдории миллӣ ва шинохти арзишҳои маънавии миллати тоҷик дарк намоянд. Зеро дар шароити муосир миллате метавонад аз арзишҳои давлатию миллии худ дифоъ намояд, ки бо донишҳои амиқи таърихӣ мусаллат бошад. Омӯзиши «Тоҷикон» бо фарогирии маълумоту сарчашмаҳои он моро дар самти дифоъ аз арзишҳои миллии давлатдориямон ба таври комил мусаллаҳу мусаллат мегардонад.

**Ҳамза ДАВЛАТОВ,**
**донишҷӯи факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИДЕОЛОГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шуруъ аз асри XX то инҷониб хавфу хатари набардҳои идеологӣ инсониятро ба мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ кардааст. Айни замон ҳамин омилҳои бесуботкунандаи ҷомеа зери таъсири таҳдидҳои идеологӣ пайдо мешаванд, аз ин рӯ, дар шароити муосир барои ҳамаи давлатҳо, махсусан, барои давлатҳои тозаистиқлол таъмини амнияти идеологӣ яке аз масъалаҳои доғи рӯз ба шумор меравад. Махсусан, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар солҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ зери таъсири идеологияи тундгароӣ бо ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ рӯ ба рӯ гардид, таъмини амнияти идеологӣ аҳаммияти ҳаётан муҳим дошта, кафили рушди минбаъдаи кишвар ба шумор меравад.

Ба ҳамаи мо маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви собиқи Иттиҳоди Шуравӣ баъди пошхӯрии ин иттиҳод тадриҷан аз сохтори сотсиалистӣ ба сохтори демократӣ ворид гардид. То ин замон дар кишвар идеологияи коммунистӣ ҳукмрон буд ва дар ҳамин раванд идеологияи коммунистӣ мавқеи роҳбарикунадаи худро аз даст дода, идеологияи давлатдории миллӣ ҷойгузини он гардид. Ба ҳамаи ин тағйирот нигоҳ накарда, аҳолии мамлакат, махсусан, насли калонсол, ки солҳои тӯлонӣ зери таъсири идеологияи коммунистӣ фаъолият менамуданд, арзишҳои нави сохтори ҷамъиятиро ба қадри комил сарфаҳм намерафтанд. Маҳз дар чунин шароит бадхоҳони миллати тоҷик, гурӯҳҳои манфиатҷӯ ва радикалистони исломӣ тавонистанд, ки аз минтақаҳои гуногуни кишвар руҳониён ва қисме аз шаҳрвандони эътиқодмандро ба ҷониби худ ҷалб намоянд. Фаъолони ин гуна ҳаракатҳои сиёсӣ ба осонӣ зери таъсир ва идораи субъектони хориҷӣ қарор гирифта буданд. Онҳо мақсад доштанд, ки сохтори ҷамъияти теократӣ ташкил намоянд, аммо дар дохили мамлакат, аксари шаҳрвандон, бахусус, дар сатҳи роҳбарияти давлат ҷонибдори ғояҳои теократӣ набуданд. Чунин зиддиятҳо ва парокандагии идеологӣ боис гардид, ки дар мамлакат ҷанги шаҳрвандӣ сар занад. Ҳукумати мамалакат кӯшиш менамуд, ки дурнамои рушди кишвар дар асоси ғояҳои демократӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ муайян карда шавад.

Ҳар як идеология дар амалияи ҷамъиятӣ аввал ба таври институтсионалӣ пайдо мегардад. Арзишҳо ва меъёрҳои он дар Конститутсия, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо ва стратегияҳо ҷойгир карда мешаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори ҷамъиятӣ ин марҳаларо сипарӣ намуд ва мамлакат дар марҳалаи идеализатсия, яъне, дар раванди мафкурасозӣ қарор дорад. Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ марҳалаи институтсионализатсияи сохтори ҷамъиятии ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ тақвият ёфт. Гуфтан мумкин аст, ки то соли 2010 раванди либерализатсияи қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ то сатҳи зарурӣ анҷом ёфт, аммо аз нуқтаи назари таъмини амнияти идеологӣ ва дар самти бештар намудани ҷонибдорони арзишҳои сохтори нави ҷамъиятӣ дар ин давра мушкилоти навбатӣ пеш омад. Гарчанде ки масъалаи камранг гардидани арзишҳои идеологияи коммунистӣ бо иваз шудани наслҳо ба таври объективӣ ҳалли худро пайдо намуда бошад ҳам, мутаассифона, зери таъсири паҳншавии терроризми байналмилалӣ ташвиқу тарғиби ғояҳои идеологияи радикалистӣ доман паҳн намуд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки тарғиби ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ ба зеҳну шуури аҳолии мамлакат таъсири ҷиддӣ расонида, боиси ба сафи онҳо пайвастани баъзе ҷавонони ноогоҳ гардидаанд. Вақте ки ҷонибдорони идеологияи радикалистӣ бештар мешавад, хавфи аз давлати дунявӣ ба давлати теократӣ табдил ёфтани кишвар ба амал меояд. Имрӯзҳо мо мушоҳида карда истодаем, ки ҳукмрон гардидани идеологияи радикалистӣ дар ҳамсоякишварамон Афғонистон чӣ гуна мардуми ин кишварро паҳну парешон ва сарсону саргардон намудааст.

Дар шароити имрӯз таъсиррасонии идеологӣ ва ҷангҳои идеологӣ воситаи муҳимтарини мубориизаҳои геополитикиро ташкил медиҳанд. Дар ин раванд ба сари мардум таҳмил кардани фарҳанги бегона, тарғибу ташвиқ намудани ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ, таъсири манфӣ расонидан ба

афкори ҷамъиятӣ ва тағйир додани ҷаҳонбинии онҳо, ҷалб намудану пайваст шудани ҷавонон ба сафи ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ таҳдиду хатарҳое мебошанд, ки пеш аз ҳама, ба амнияти идеологии давлату миллат таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Дар чунин шароит ҳифзи фарҳанг, забон, анъанаҳо, хотираи таърихӣ, ваҳдати миллӣ, арзишҳои миллӣ, истиқлоли давлатӣ ва сохтори институтсионалии давлат дар мадди аввал қарор мегиранд. Дар ин раванд, неруҳои сиёсӣ, бозингарони геополитикӣ ва ҳатто, ташкилотҳои террористию экстремистӣ ба зеҳну тафаккури қишрҳои гуногуни ҷомеа, пеш аз ҳама, ҷавонон таъсири идеологӣ расонида, рафтори онҳоро дар доираи манфиатҳои худ тағйир медиҳанд. Айни замон равандҳои ҷаҳонишавӣ, рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, тағйирпазирии тартиботи ҷаҳонӣ, бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ таъсири таҳдиду хатарҳои идеологиро афзоиш дода истодаанд.

Ҳар як дастоварди инсоният дар баробари манфиат, инчунин, метавонад, таҳдиду хатарҳои навро ба вуҷуд орад. Таҳлилҳо ва мушоҳидаҳои коршиносон нишон медиҳанд, ки сол то сол дар натиҷаи пешрафту тараққиёт миқёси таҳдидҳо васеъ гардида, дар баробари манфиат, зарару зиёни онҳо барои инсоният зиёд мегардад. Аз ҷумла, рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, агар аз як ҷониб кори инсониятро осон намуда бошад, аз ҷониби дигар таҳдиду хатарҳои навро, аз қабили ҷангҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, бештар гардидани тарғибу ташвиқи ғояҳои экстремистӣ ва радикалистӣ, ташкил намудани инқилобҳои ранга, бетартибиҳои сиёсӣ, ҳуҷумҳои кибернетикӣ, кибертерроризм ва дигар таҳдиду хатарҳоро ба вуҷуд оварда истодаанд.

Дар шароити муосир, шабакаи иҷтмоии интернетӣ дастоварди навбатии инсоният дар баробари паҳлуҳои мусбати худ, инчунин, ба майдони васеи муборизаҳои идеологию иттилоотӣ табдил ёфтааст. Неруҳои сиёсӣ, миллатгароён ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ дар шабакаи интернет ҳазорҳо сомонаҳои иттилоотӣ ташкил намуда, барои паҳн намудани ғояҳои идеологии худ онҳоро истифода мекунанд. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамарӯза онҳо фаъолона ба тарғибу ташвиқи идеологияҳои худ машғул мебошанд. Имрӯзҳо идеологияҳое пайдо шудаву паҳн гардида истодаанд, ки ҳама гуна падидаҳои мусбатро инкор менамоянд, қоидаҳо ва меъёрҳои рафтори ҷамъиятиро намеписанданд. Дар шароите, ки суръати интиқоли иттилоот ба маротиб зиёд мегардад ва дар раванди ҷаҳонишавӣ аз ҷониби неруҳои гуногун кӯшиши бештар намудани таъсири худ ба амал меояд, нақши идеология дар таъмини амният меафзояд.

Рушди технологияҳои иттилоотӣ ва бештар гардидани корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ дар ин самт хавфу хатари навинро эҷод менамоянд, аз ин хотир, дар чунин шароит яке аз роҳҳои афзалиятноки муқовимат бо таҳдидҳои идеологӣ ҳифз намудани фазои иттилоотии кишвар мебошад. Дар ин самт омода намудани рӯзноманигорони касбӣ, аз ҷумла, рӯзноманигорони шабакаҳои иҷтимоию интернетӣ, бештар намудани ҳузури мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар шабакаи интернет, фаъол гардидани олимону муҳаққиқон ва зиёиён дар шабакаи интернет, ба талаботи давру замон, аз ҷумла бо назардошти манфиатҳои миллӣ ба роҳ мондани фаъолияти васоити ахбори оммаи ватанӣ омили муҳимтарини таъмини амнияти идеологӣ ба шумор меравад. Дар навбати аввал бояд фаъолияти шуъбаҳои робита бо ҷомеа беҳтар гардонида шуда, ҳузури доимии онҳо дар шабакаҳои иҷтимоию интернетӣ таъмин карда шавад. Масъалаи омода кардани кадрҳои соҳаи робита бо ҷомеа ва минбаъд аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани онҳо низ чораи муҳиму зарурӣ маҳсуб меёбад. Инчунин, сохта ва ба истифода додани шабакаҳои иҷтимоии ватанӣ бо забони давлатӣ, бештар намудани сарчашмаҳои иттилоотӣ ва дар маҷмуъ, пурраю пурғановат гардонидани фазои идеологии кишвар бо истифода аз имкониятҳои технологию коммуникатсионии интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ муҳим шуморида мешавад.

Дар шароити имрӯза бо назардошти дигаргуниҳои сиёсию геополитикӣ ба роҳ мондани фаъолияти идеологии ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ тақозои замон ҳаст. Ба таркиби дастгоҳи идеологии давлат чунин ниҳодҳо, ба мисли мактабҳои таҳсилоти олӣ, ниҳодҳои илмӣ, муассисаҳои фарҳангӣ ва табъу нашр, ВАО, оила, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва субъектҳои дигар дохил мешаванд. Дастгоҳи идеологии давлат, ки таркиби мураккаби онро номбар кардем, арзишҳои сохтори ҷамъиятиро, ки дар Конститутсияи давлат ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷойгир кунонида шудаанд, бояд ҳамаҷониба тарғибу ташвиқ намояд ва аҳаммияти онҳоро барои рушди ояндаи миллату давлат ба аҳли ҷомеа шарҳ диҳад, то ки идеологияи ғайр фарогири он нагардад. Зеро рушди соҳаҳои гуногуни ҷамъият аз амнияти идеологӣ вобастагии калон дорад.

**Муҳаммадӣ РАҲМАТОВ,**
**дотсенти кафедраи физикаи умумӣ ва ҷисмҳои сахти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**



# ҚОНУНҲОИ КИРХГОФ ВА ИСТИФОДАИ ОНҲО ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МУШКИЛ



Физика дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, умумитарин қонунҳои табиати ғайризиндаро меомӯзад. Бо назардошти имкониятҳои равонӣ ва синнусолии хонандагон дар мактаби таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ омӯзиши фанни физика ба ду зина тақсим карда шудааст. Зинаи якум синфҳои 7-8-9 ва зинаи дуюм синфҳои 10-11. Дар зинаи якуми таълими физика, бо назардоши кам будани таҷрибаи ҳаётӣ ва нокифоягии имкониятҳои руҳониву ҷисмонии хонандагон одитарин хосиятҳои материя, сохти он ва навъҳои ҳаракат (механикӣ ва ҳароратӣ), таъсири мутақобили ҷисмҳо, фаҳмиш дар бораи энергия (механикӣ ва дохилӣ), унсурҳои нисбатан содаи электромагнитӣ ва рӯшноигӣ омӯхта мешавад. Дар натиҷа, дар хонанда тасаввуроти умумӣ дар бораи мафҳумҳои модда, ҷисмҳо, предметҳо, ҳаракат, инерсия, энергия, заряд, майдон ва ғайра ҳамчун заминаи донишҳои физикӣ ба вуҷуд меоянд ва ташаккул меёбанд. Дар зинаи дуюм ин фаҳмишҳо пурра ва ташаккул дода, амалан, маълумоти умумӣ доир ба физикаи муосир дода мешавад.

Иштироки фаъолона дар машғулиятҳои амалӣ усули самараноки мустаҳкам намудани дониши хонандагон дар ҷараёни таълими физика маҳсуб меёбад. Ҳалли масъалаҳои физикӣ яке аз шаклҳои машғулияти амалӣ ва муҳимтарин усули мустаҳкаму амиқ намудани дониши хонанда ба ҳисоб меравад. Тибқи талаботи барнома қариб аз се як ҳиссаи вақти барои омӯзиши физика пешбинишуда барои ҳалли масъалаҳо сарф бояд шавад [1,2].

Таҳлили воқеият оид ба маҳорати масъалаҳалкунии хонандагон ва донишҷӯён нишон медиҳад, ки аксари онҳо аз уҳдаи мустақилона ҳал кардани масъалаҳо намебароянд. Аксари омӯзгорон ҳангоми дарсҳои амалӣ масъалаҳои якранг ва савияаш пастро интихоб менамоянд. Дар ин мавридҳо, аз назари аввал, талаботи барнома иҷро мешавад, лекин имкониятҳои эҷодии хонандагон нокушода мемонад [1-3].

Бархе аз муаллимони фанни физика дар он ақидаанд, ки дар машғулиятҳои амалӣ масъалаҳои мураккабро бояд интихоб кард. Яъне, дар сурати бештар ҳал намудани масъалаҳои мушкил имкониятҳои зеҳнии толибилм бештар ташаккул меёбад. Ин ақида ва тарзи кор, ба назари мо то андозае нодуруст мебошад, зеро хонанда ҳангоми ба душвориҳо рӯбарӯ шуданаш бовариашро оид ба «тавонистан» гум мекунад ва хулоса мебарорад, ки ӯ масъала ҳал карда наметавонад, дар натиҷа, физика барои ӯ ба фанни душвор табдил меёбад [2,3].

Омӯзгорони соҳибтаҷриба барои ҳалли ин муаммо аз услубҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо ва машғулиятҳои таълимӣ истифода мебаранд.

Ба назари мо ҳалли ин муаммо то андозае дар интихоби масъалаҳо маҳфуз аст. Омӯзгорро лозим аст, ки ба интихоби масъалаҳо эътибор дода, онҳоро зина ба зина, аз сода ба мураккаб интихоб намояд.

Масъалаи физикӣ, аслан, проблемаест, ки ҳалли он тавассути фикррониҳои мантиқӣ, амалҳои математикӣ ва ё гузаронидани таҷрибаҳо бо дарназардошти қонунҳои физикӣ дарёфт карда мешавад. Дар ибтидо, ҳангоми ҳалли масъала хонанда "мебинад", ки донишҳои назарии вай дар амал татбиқ мешаванд, барои ҳалли масъала истифода мешаванд. Минбаъд, ҳангоми ҳалли масъалаҳои савияашон болотар хонанда донишашро амиқтар, мушаххастар менамояд. Дар натиҷа, ҳалли масъала василаи ташаккули дониш ва маҳорати хонанда мегардад ва рисолати он ҳам ҳамин аст [2-6].

Масъалаҳои физикиро бо усулҳои гуногун ҳал кардан мумкин аст. Яке аз роҳҳои санҷидашудаи ҳалли масъалаҳо тасвири схематикии ҳодиса ва ё раванди физикӣ мебошад. Тасвири графикии ҳодиса барои фикрронии саҳеҳи мантиқӣ ёрӣ мерасонад. Дар сурати дуруст ва пурра таҳлил шудани мазмуни масъала ва шартҳои он тарзи аналитикии (тавассути формулаҳо) ҳалли проблема натиҷаи дуруст медиҳад. Дар ташаккули дониш ва маҳорати хонандагон нақши масъалаҳои сифатӣ ва таҷрибавӣ низ калон мебошад.

Дар мақолаи мазкур доир ба хусусиятҳои масъалаҳои физикӣ бо истифодаи қонунҳои Кирхгоф барои занҷирҳои шоханок ва нақши онҳо дар ташаккули дониши физикии толибилмон дар зинаи аввали методикаи таълими физика сухан меравад. Аз хотир навиштан ва ҳал кардани масъалаҳои физикӣ мантиқи математикии толибилмро ташаккул медиҳад. Толибилмоне, ки зеҳни худро дар ҳалли масъалаҳои физикӣ «тез» мекунанд, дар ҳалли бисёр масъалаҳои касбӣ ва зиндагӣ муваффақ мешаванд.

Маҷмуи иборат аз манбаи ҷараён, истеъмолкунандаҳо, табдилдиҳандаҳо, калидҳо ва ноқилҳои васлкунандаро занҷири электрикӣ меноманд. Занҷири электрикӣ ду вазифаи муҳимро адо мекунад. Аз занҷири электрикӣ истифода бурда, ҳодисаҳои ба ҷараёни электрикӣ алоқаманд омӯхта мешаванд. Тавассути занҷири электрикӣ, бо истифода аз энергияи электрикӣ амалҳои зиёд иҷро карда мешавад. Кори манбаҳои рӯшноии муосир, таҷҳизоти гармкунанда, таъмини кори дастгоҳҳои мухталифи истеҳсолӣ, ташкили робитаҳои радиотелефонӣ, кори яхдон, телевизор, гардкашак, компютер ва ғайра, ки ба зиндагии имрӯза ворид шудаанд, бе ҷараёни электрикӣ ва бидуни занҷири электрикӣ имконнопазир аст [1-3].

Дар амалия, аксаран, аз занҷирҳои электрикие истифода мебаранд, ки дар онҳо ба як нуқта якчанд ноқилҳои ҷараёндор пайваст карда мешавад. Ин гуна занҷирҳоро шохаронӣ меноманд (расми 1). Нуқтаеро, ки ба он якчанд ноқили ҷараёндор (ҷараёнҳо) пайваст карда шудааст, нуқтаи гиреҳ меноманд. Дар алгебраи ҷараёнҳо ҷараёне, ки ба гиреҳ дохил мешавад - мусбат ва ҷараёне, ки аз гиреҳ мебарояд - манфӣ ҳисобида мешавад (баръакс шуданаш ҳам мумкин). Занҷирҳои шохарониро Кирхгоф омӯхта, ду қоида пешниҳод намудааст.




Расми 1

**Қонуни якуми Кирхгоф:**

Суммаи алгебравии ҷараёнҳо дар нуқтаи гиреҳ ба нул баробар аст.

$$\sum_{i=1}^{n} I_i = 0 \qquad (1)$$

Қоидаи якуми Кирхгоф дар асоси қонуни бақои заряди электрикӣ исбот карда мешавад. Зеро мувофиқи қонуни бақои заряд миқдори заряде, ки дар воҳиди вақт ба гиреҳ дохил мешавад, ба миқдори заряди дар ин фосила аз гиреҳ бароянда баробар аст [1-3].

Занҷири электрикии дар расми 2 тасвиршударо дида мебароем. Дар асоси қонуни Ом барои ҳар як қитъаи занҷир навишта метавонем.

$I_1R_1 = (\varphi_1 - \varphi_2) + E_1$ барои қитъаи I

$I_2R_2 = (\varphi_2 - \varphi_3) + E_2$ барои қитъаи II

$I_3R_3 = (\varphi_3 - \varphi_1) + E_3$ барои қитъаи III

Баробариҳои ҳосилшударо аъзо ба аъзо ҷамъ мекунем.

$$I_1R_1 + I_2R_2 + I_3R_3 = E_1 + E_2 + E_3$$




Аз ин ҷо, барои ҳолати умумӣ:

$$\sum_{i=1}^{n} I_i R_i = \sum_{i=1}^{n} E_i \quad (2)$$

ҳосил мешавад. Ифодаи (2) шакли математикии қоидаи дуюми Кирхгоф мебошад [4-6].

**Расми 2**

Қонуни дуюми Кирхгоф: Суммаи афтиши шиддатҳо дар занҷири шохаронӣ ба суммаи ҚЭҲ-и манбаъҳои дар занҷир пайвастшуда баробар аст. Дурустии қоидаи дуюми Кирхгоф дар асоси қонуни бақои энергия фаҳмонида мешавад. ҚЭҲ-и манбаъ ададан ба кори қувваҳои берунае баробар аст, ки барои кӯчонидани заряди воҳидӣ аз нуқтаи потенсиалаш хурд ба калон иҷро мешавад. Афтиши шиддат бошад, ададан ба кори қувваҳои электрикие баробар аст, ки барои кӯчонидани заряди воҳидӣ аз нуқтаи потенсиалаш калон ба хурд иҷро мешавад. Пас, суммаи афтиши шиддатҳо (суммаи кори қувваҳои электрикӣ) дар занҷир мувофиқи қонуни бақои энергия бояд ба суммаи кори қувваҳои беруна баробар шавад. Бо ибораи дигар, қувваҳои электрикӣ дар занҷир танҳо ҳамон миқдор кор иҷро карда метавонанд, ки аз тарафи қувваҳои беруна иҷро шудааст [3,11].

Қоидаҳои Кирхгоф хосияти нави майдони электрикиро ифода намекунанд. Чуноне дар боло нишон додем, қоидаи якум шарти доимӣ будани ҷараёнро ифода менамояд. Қоидаи дуюм нишон медиҳад, ки шиддат дар занҷири сарбаста ба нул баробар аст. Ин аз хосияти майдони электростатикӣ: «Кори майдон дар масири сарбаста ба сифр баробар аст», бармеояд. Аз қоидаҳои Кирхгоф истифода бурда параметрҳои занҷирҳои шоханокро ҳисоб (пешгӯӣ) кардан мумкин аст [3].

Усули қонунҳои Кирхгоф аз ҳалли системаи муодилаҳое иборат аст, ки аз рӯи қонунҳои якум ва дуюми Кирхгоф тартиб дода шудаанд.

Усул аз тартиб додани муодилаҳо аз рӯи қонунҳои якум ва дуюми Кирхгоф барои гиреҳҳо ва шохаҳои занҷири электрикӣ ва ҳалли ин муодилаҳо барои муайян кардани ҷараёнҳои номаълум дар шохаҳо ва мувофиқи онҳо шиддатҳо иборат аст. Аз ин рӯ, шумораи номаълумҳо ба шумораи шохаҳои b баробар аст, бинобар ин, мувофиқи қонунҳои якум ва дуюми Кирхгоф бояд ҳамон миқдор муодилаҳои новобаста тартиб дода шаванд [6,10]. Аз ҳамин сабаб ҳам занҷирро ба контурҳои алоҳида, қисми пайдарпаи онро ҷудо намуда, ба ҳар як контур қонуни якум ва дуюми Кирхгофро татбиқ намуда, сипас, ҳисобкуниро оғоз менамоем. Дар [2] қабули самти ҷараён, гирифтани КЭҲ-ҳо бо аломати мусбат ва манфӣ ҳосили зарби қувваи ҷараён бар муқовимат мусбат ва манфӣ хело хуб нишон дода шуда, даҳ масъалаи намунавӣ ҳал карда шудааст, ки ҳалли онҳоро омӯхта, як миқдор заминаи математикиро ҳосил кардан мумкин аст.

Миқдори муодилаҳое, ки дар асоси қонуни якум сохта мешаванд, ба шумораи гиреҳҳои занҷир баробар аст ва танҳо $(y-1)$ муодилаҳо аз ҳамдигар новобаста мебошанд.

Новобастагии муодилаҳо бо интихоби гиреҳҳо таъмин карда мешавад. Гиреҳҳо одатан тавре интихоб карда мешаванд, ки ҳар як гиреҳи пайдарпай аз гиреҳҳои ҳамсоя ҳадди ақал як шоха фарқ кунад. Муодилаҳои боқимонда мувофиқи қонуни дуюми Кирхгоф барои схемаҳои новобаста тартиб дода мешаванд, яъне, шумораи муодилаҳо ба $b-(y-1)=b-y+1$ баробар мешавад. Контур новобаста номида мешавад, агар он ҳадди ақал як шоха дошта бошад, ки ба контурҳои дигар дохил карда нашудааст [3,6,10].

Барои занҷири электрикӣ системаи муодилаҳои Кирхгофро тартиб медиҳем (расми 3). Схема дорои чор гиреҳ ва шаш шоха мебошад.




**Расми 3**

Ин ҷо якчанд масъалаҳои мушкилро доир ба татбиқи қонунҳои Кирхгоф - электромагнетизм (қисми физика) ба сифати мисол дида мебароем.

Аз ин рӯ, тибқи қонуни якуми Кирхгоф муодила $y-1=4-1=3$, ва мувофиқи қонуни дуюм $b-y+1=6-4+1=3$, инчунин, се муодила тартиб медиҳем.

Самтҳои мусбати ҷараёнҳоро дар ҳамаи шохаҳо ихтиёрӣ интихоб мекунем (расми 4). Самти гузаштан аз контурҳо бо самти ақрабаки соат интихоб карда мешавад.

Микдори зарурии муодилаҳоро мувофиқи қонунҳои якум ва дуюми Кирхгоф тартиб медиҳем.

$$I_1+I_4-I_3=0;$$
$$E_1-E_4=I_1R_1+I_5R_5-I_4R_4$$
$$I_2+I_5-I_1=0;$$
$$-E_2=I_2R_2+I_6R_6-I_5R_5;$$
$$I_4+I_5+I_5=0;$$
$$E_4+E_3=I_4R_4+I_3R_3-I_6R_6$$

Системаи муодилаҳои натиҷавӣ нисбат ба ҷараёнҳо ҳал карда мешавад. Агар ҳангоми ҳисоб кардани ҷараён дар шоха натиҷа бо аломати минус бароyaд, пас самти он ба самти қабулшуда муқобил мебошад.

Диаграммаи потенсиалӣ тасвири графикии қонуни дуюми Кирхгоф мебошад, ки барои тафтиши дурустии ҳисобҳо дар занҷирҳои муқовиматии хаттӣ истифода мешавад. Диаграммаи потенсиалӣ барои занҷире, ки манбаи ҷараён надорад, сохта мешавад ва потенсиалҳои нуқтаҳои ибтидоӣ ва интиҳоии диаграмма бояд якхела шаванд [4].

Занҷираи abcda-и схемаи дар расми 4 нишон додашударо дида мебароем. Дар шохаи ab байни муқовимати  ва ҚЭҲ-и нуқтаи иловагии k-ро ишора мекунем.




**Расми 4**

Потенсиали дилхоҳ гиреҳро ба сифр баробар қабул менамоем (масалан, $\varphi_a=0$), гузариши контурро дар схема интихоб мекунем ва потенсиалҳои нуқтаҳои контурро муайян мекунем: $\varphi_a=0$,
$\varphi_к=\varphi_a-I_1R_1$, $\varphi_b=\varphi_k+E_1$,
$\varphi_c=\varphi_b-I_2R_2$, $\varphi_d=\varphi_c-E_2$,
$\varphi_a=\varphi_d+I_3R_3=0$.

Ҳангоми сохтани диаграммаи потенсиалӣ бояд ба назар гирифта шавад, ки муқовимати ҚЭҲ ба сифр баробар мебошад (расми 5).

**Қонунҳои Кирхгоф дар шакли маҷмуа**

Муаллимоне, ки таҷрибаи кофии педагогӣ доранд, ба хубӣ мефаҳманд, ки ҳангоми омӯзиши ҳодисаҳои физикӣ ногузир робитаи байни фанҳо амалӣ мешавад. Масалан, ҳангоми ченкуниҳои одитарин толибилм аз амалҳои арифметикӣ истифода мебарад. Ин ҷо робитаи физика ҳамчун фанни дақиқ, ки ба ченкунии бузургиҳои физикӣ ниёз дорад, бо арифметика амалӣ мешавад. Вақте, ки оиди иқтидори неругоҳҳои электрии Тоҷикистон гап меравад, робитаи физика ва география амалӣ мешавад. Зеро, дар ин маврид, ба ғайр аз иқтидори неругоҳҳо дар куҷо, дар кадом дарё сохта шудани ин ё он неругоҳ маълумот дода мешавад. Ҳангоме, ки барои ҳалли масъала ва ё баёни ҳодиса

тасвири графикии ҳодиса зарур мешавад, онро ҳатман тасвир менамоянд [1-4]. Дар ин маврид, робитаи физика бо нақшакашӣ ва расмкашӣ амалӣ мешавад.

Ҳамин тавр, ҳангоми ҳалли масъалаҳо истифодаи формулаҳо, аз онҳо дарёфт намудани номаълумҳо (бузургиҳои физикӣ) робитаи физикаро бо унсурҳои математикаи элементарӣ таъмин менамояд. Вақте ки дар матни китоби дарсӣ, ҳангоми баёни мавзуъ дар бораи муқовимати хоси ноқилҳо (оид ба номи моддаи мушаххас) гап меравад, робитаи физика бо химия, ҳангоми тавассути системаи муодилаҳо дарёфт намудани номаълум (бузургии физикӣ) робитаи физика бо алгебра, ҳангоми амалҳо бо векторҳо (қувва, шадидият, индуксия, момент…) робитаи физика бо геометрия, тригонометрия ва дигар фанҳо амалӣ мегардад.

Барои занҷирҳои ҷараёнҳои синусоидалӣ, қонунҳои Кирхгоф ҳамон тавре ки барои занҷирҳои ҷараёни доимӣ таҳия карда мешаванд, аммо танҳо барои қиматҳои маҷмуи ҷараёнҳо ва шиддатҳо тартиб дода мешавад [1-4].

Қонуни якуми Кирхгоф: «Ҷамъи алгебравии ҷараёнҳои маҷмуӣ дар гиреҳи занҷири электрикӣ ба сифр баробар аст».

$$\sum_{k=1}^{n} I_k = 0$$

Қонуни дуюми Кирхгоф: “дар ҳама гуна контури сарбасти занҷири электрикӣ ҷамъи алгебравии ҚЭҲ-и маҷмуӣ ба ҷамъи алгебравии шиддатҳои маҷмуии ҳамаи элементҳои пассивии ин занҷир баробар мебошад” [4,8,9].

$$\sum_{k=1}^{n} E_k = \sum_{k=1}^{n} I_k R_k$$




**Расми 5. Диаграммаи потенсиалӣ**

Ҳал кардани масъалаҳо, албатта, дар натиҷаи сохтани муодилаҳои математикӣ ва гузаронидани ҳисобкуниҳо ва дигаргуниҳои математикӣ ҳамчунон гузориш ва дигар амалҳо  амалӣ карда мешавад.  Барои ҳал, дар баъзе масъалаҳо, якчанд усул истифода бурда мешавад. Дар бисёр мавридҳо, ҳангоми ҳал кардани ин қабил масъалаҳо, пас аз масъаларо хондан ва муодилаҳои математикии онро сохтан, усули гузоришро истифода мебаранд. Мо ин ҷо ҳам усули гузориш ва ҳам усули Крамерро истифода бурда, якчанд масъалаи ба занҷири шоханок тааллуқдоштаро ҳал намуда, универсалӣ будани қонунҳои математикиро нишон медиҳем ва ба дӯстдорони илми физика нишон медиҳем, ки математика ва қонунҳои он дар ҳама ҷода, хусусан, ба физика ёрдамчӣ ва раҳнамо дар ҳосил намудани натиҷаҳо мебошад. Инҷо масъалаеро дида мебароем, ки гуфтаҳои болоро бе шаку шубҳа тасдиқ мекунад ва математика ҳамешагӣ раҳнамои дигар фанҳо буданашро тараннум менамояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳангоми ҳал кардани масъала оид ба занҷири шоханок, дуруст тартиб додани муодилаҳо, гузоштани аломатҳо вобаста ба шартҳои қабулкарда, нуқтаи асосии ба ҳалли дуруст муваффақ гардидан мебошад. Ин нуқтаҳоро набояд фаромӯш кунем ва шахси барои ҳал кардани ин қабил масъалаҳо ҷуръат карда бояд онҳоро (шартҳоро) ба хубӣ омӯзад ва дар ҷой - ҷояш амиқ ва мушаххас истифода бурда тавонад.

**Мисоли 1.** Ду батареяи аккумуляторҳо бо ҚЭҲ-и $E_1 = 10\ В$ муқовимати дохилиаш $r_1 = 1\ Ом$, $E_2 = 8$ В ва $r_2 = 2\ Ом$ дода шудааст. Реостат муқовимати баробари ба $R = 6\ Ом$ дорад. Элементҳои занҷир аз рӯи схемаи дар расми 6 овардашуда пайваст мебошад. Қувваи ҷараёнро дар батареяҳо ва реостат муайян кунед.




Расми 6

Дода шудааст:
$E_1 = 10\ B$
$E_2 = 8\ B$
$r_1 = 1$ Ом
$r_2 = 2$ Ом
$R = 6$ Ом

Ёфта шавад: $I_1, I_2, I_3 = ?$

Ҳал:

Муодилаҳои қонунҳои Кирхгофро мувофиқи расм менависем:

$$\begin{cases} I_1 + I_2 - I_3 = 0 \\ u_1 - u_2 + 0 = E_1 - E_2 \\ 0 + u_2 + u_3 = E_2 \end{cases}$$

Зеро $u_1 = I_1 r_1, u_2 = I_2 r_2, u_3 = I_3 R,$ он гоҳ

$$\begin{cases} I_1 + I_2 - I_3 = 0 \\ I_1 r_1 - I_2 r_2 + 0 = E_1 - E_2 \\ 0 + I_2 r_2 + I_3 R = E_2. \end{cases}$$

Ба система қиматҳоро гузошта, системаи зерини сеномаълумаро ба даст меорем:

$$I_1 + I_2 - I_3 = 0$$
$$1I_1 - 2I_2 - I_3 = 2$$
$$0 + 2I_2 + 6I_3 = 8\ .$$

Ин системаро аз рӯи қоидаи Крамер ҳал мекунем. Аз муодилаҳо дида мешавад, ки барои ҳалли онҳо муайянкунандаи тартиби сеюмро истифода бурдан лозим мебошад. Яке аз усулҳои муайянкунии онҳоро ба ёд меорем. Схемаи ҳисобкунии муайянкунандаи тартиби сеюм:

$$\Delta = \begin{vmatrix} a_{11} & a_{12} & a_{13} \\ a_{21} & a_{22} & a_{23} \\ a_{31} & a_{32} & a_{33} \end{vmatrix} = a_{11} \cdot \begin{vmatrix} a_{22} & a_{23} \\ a_{32} & a_{33} \end{vmatrix} - a_{12} \cdot \begin{vmatrix} a_{21} & a_{23} \\ a_{31} & a_{33} \end{vmatrix} + a_{13} \cdot \begin{vmatrix} a_{21} & a_{22} \\ a_{31} & a_{32} \end{vmatrix} =$$

$$= a_{11}(a_{22}a_{33} - a_{32}a_{23}) - a_{12}(a_{21}a_{33} - a_{31}a_{23}) + a_{13}(a_{21}a_{32} - a_{31}a_{22}).$$

Муайянкунандаи системаро меёбем:

$$\Delta = \begin{vmatrix} 1 & 1 & -1 \\ 1 & -2 & 0 \\ 0 & 2 & 6 \end{vmatrix} = 1 \cdot \begin{vmatrix} -2 & 0 \\ 2 & 6 \end{vmatrix} - 1 \cdot \begin{vmatrix} 1 & 0 \\ 0 & 6 \end{vmatrix} - 1 \cdot \begin{vmatrix} 1 & -2 \\ 0 & 6 \end{vmatrix} = -20.$$

Муайянкунандаҳои иловагӣ барои номаълумҳо:

$$\Delta_{I_1} = \begin{vmatrix} 0 & 1 & -1 \\ 2 & -2 & 0 \\ 8 & 2 & 6 \end{vmatrix} = 0 \cdot \begin{vmatrix} -2 & 0 \\ 2 & 6 \end{vmatrix} - 1 \cdot \begin{vmatrix} 2 & 0 \\ 2 & 6 \end{vmatrix} - 1 \cdot \begin{vmatrix} 2 & -2 \\ 8 & 2 \end{vmatrix} = -(12) - (4 + 16) = -32.$$

$$\Delta_{I_2} = \begin{vmatrix} 1 & 0 & -1 \\ 1 & 2 & 0 \\ 0 & 8 & 6 \end{vmatrix} = 1 \cdot \begin{vmatrix} 2 & 0 \\ 8 & 6 \end{vmatrix} - 0 \cdot \begin{vmatrix} 1 & 0 \\ 0 & 6 \end{vmatrix} - 1 \cdot \begin{vmatrix} 1 & -2 \\ 0 & 8 \end{vmatrix} = 12 - 8 = 4.$$

$$\Delta_{I_3} = \begin{vmatrix} 1 & 1 & 0 \\ 1 & -2 & 2 \\ 0 & 2 & 8 \end{vmatrix} = 1 \cdot \begin{vmatrix} -2 & 2 \\ 8 & 6 \end{vmatrix} - 1 \cdot \begin{vmatrix} 1 & 2 \\ 0 & 8 \end{vmatrix} + 0 \cdot \begin{vmatrix} 1 & -2 \\ 0 & 2 \end{vmatrix} = -20 - 8 = -28.$$

Қиматҳои номаълуми ҷараён бо формулаи зерин муайян карда мешаванд: $I_k = \Delta_{I_k}/\Delta$:

Қиматҳои номаълуми чараён бо формулаи зерин муайян карда мешаванд: $I_k = \Delta_{I_k}/\Delta$:

$$I_1 = \frac{32}{20} = 1{,}6\ A, \qquad I_2 = -\frac{4}{20} = -\ 0{,}2\ A, \qquad I_3 = \frac{28}{20} = 1{,}4\ A.$$

***Мисоли 2.*** Резисторҳо бо муқовиматҳои $R_1 = R_2 = 1$ Ом, $R_3 = 2$ Ом ва конденсаторҳои ғунҷоишаш $C_1 = 2$ нФ, $C_2 = 3$ нФ ба занҷири бо ҚЭҲ-и $E = 10$ В пайваст карда шудааст (расми 7). Муқовимати дохилии манбаъро ба ҳисоб нагирифтан мумкин аст. Заряди дар конденсатор ҷамъшударо муайян кунед [9].



Расми 7

Дода шудааст:
$R_1 = R_2 = 1$ Ом
$R_3 = 2$ Ом
$E = 10\ B$
$C_1 = 2$ нФ
$C_2 = 3$ нФ

Ёфта шавад: $q_1 = ?;\ q_2 = ?$.

Ҳал:

Аз конденсаторҳо чараёни доимӣ намегузарад. Он гоҳ ҷараёне, ки аз занҷир мегузарад, ба $I_0 = \frac{E}{R_1+R_2+R_3} = \frac{10\ B}{4\ \text{Ом}} = 2{,}5$ А баробар мебошад. Ин ҷараён аз ҳамаи резисторҳо мегузарад. Барои муайян кардани зарядҳои конденсаторҳо, шиддати онҳоро муайян кардан лозим аст. Барои ин мо қонуни дуюми Кирхгофро истифода мебарем. Азбаски дар масъала танҳо ду номаълум мавҷуд мебошад, дуто муодила тартиб медиҳем.

$$\begin{cases} u_2 + u_{C2} = E \\ u_2 + u_3 + u_{C1} = 0. \end{cases}$$

Шиддати $u_2 = I_0 R_2 = 2{,}5 \cdot 1 = 2{,}5\ B$. Аз муодилаи аввал $u_{C2} = E - u_2 = 7{,}5\ B$-ро меёбем. Шиддатро $R_3$-ро ҳисоб мекунем: $u_3 = I_0 R_3 = 2{,}5 \cdot 2 = 5\ B$. Аз муодилаи дуюми $u_{C1} = -u_2 - u_3 = -7{,}5\ B$. Зарядҳо аз рӯи формулаи $q = Cu$ ҳисоб карда мешавад:
$q_1 = C_1 u_{C1} = 2 \cdot 7{,}5 = 15$ нКл, $q_2 = C_2 u_{C2} = 3 \cdot 7{,}5 = 22{,}5$ нКл.

Як масъалаи дигарро ба сифати мисоли татбиқи қонунҳои Кирхгоф меорем.

***Мисоли 3.*** Дар схемаи расми 8 тасвиршуда, батареяи ҚЭҲ-и $E$, муқовимати резистори $R$, ғалтакҳои фавқулгузаронандаи индуктивнокиаш $L_1$, $L_2$ ва $L_1 > L_2$ пайваст мебошад. Аввал калиди $К_1$ ва пас аз гузаштани якчанд вақт калиди $К_2$ пайваст мешавад. Маълум аст, ки чараёнҳо ба воситаи ғалтакҳои $L_1$ ва $L_2$ як хел мебошад. Қувваи чараёнро, ки аз резистор R мегузарад, дар лаҳзаи сарбаст будани калиди $К_2$ муайян кунед. Инчунин, муқовимати дохилии батареяро ба назар нагиред [8].




Расми 8

Ҳалли ин масъала ҳам мисли масъалаи пештара дар иқтибосҳои нишондодашуда оварда нашудааст. Барои ҳалли масъалаи зерин низ қонунҳои Кирхгофро истифода мебарем.

Муодилаи дуюми Кирхгофро ҳангоми пайваст будани калиди $К_1$ тартиб медиҳем. Азбаски ғалтакҳои индуктивӣ фавқуноқил мебошанд, муқовимати омии онҳо ба сифр баробар аст. Бигзор дар реҷаи муқарраршуда, қувваи ҷараён ба $I_0$ баробар бошад. Муодилаи зеринро менависем: $u_R + u_{L1} = E$. (1)

Дар баъзе ҳолатҳо қувваи ҷараён ба $i_1$. баробар мешавад. Муодилаи (1) - ро дар намуди зерин менависем:

$$i_1 R + L_1 \frac{\Delta i_1}{\Delta t} = E.$$

Ҳангоми пайваст шудани калиди $К_2$ муодилаҳои мувофиқ намуди зеринро мегиранд:

$$u_R + u_{L2} = E \text{ и } i_2 R + L_2 \frac{\Delta i_2}{\Delta t} = E.$$

Дар ин ҷо қайд кардан зарур аст, ки баъд аз реҷаи муқарраршуда $\frac{\Delta i}{\Delta t} = 0$ мешавад. Танҳо дар лаҳзаи пайвастани калидҳо ин қимат аз сифр фарқ мекунад. Бигзор ҷараёни $i$ ҳамон ҷараёне бошад, ки дар лаҳзаи пайвастани калиди $К_2$ тағйир меёбад. Аз рӯи қоидаи Ленс ин ҷараён ба самти муқобили ҷараёни беруна $I_0 = \frac{E}{R}$ равона мебошад. Аз ин бармеояд, ки ҳангоми пайвастани калиди $К_2$ ҷараёни аз резистори $R$ гузаранда кам мешавад. Боз як муодилаи дигарро тартиб медиҳем: $u_{L2} - u_{L1} = 0$, ё ин ки $u_{L1} = u_{L2}$. Зеро $u_L = L\frac{\Delta I}{\Delta t}$, аст он гоҳ $L_1 \frac{\Delta I_1}{\Delta t} = L_2 \frac{\Delta I_2}{\Delta t}$. Дар реҷаи муқарраршуда қувваи ҷараён ба $I_0$ баробар аст. Аз рӯи шарти масъала қувваи ҷараён дар ғалтакҳо баробар мебошад, яъне, ҷараёне, ки пас аз ҷудо шудани калиди $К_2$ муқаррар шуда ба $I_0/2$ баробар мешавад. Тағйирёбии ҷараён $\Delta I_1 = i - I_0/2, \Delta I_2 = I_0/2$. Аз муодилаи $L_1 i - \frac{L_1 I_0}{2} = \frac{L_2 I_2}{2}$, қувваи ҷараёни $i$ –ро муайян мекунем: $i = \frac{I_0}{2L_1}(L_1 + L_2)$. Қувваи ҷараёне, ки аз резистор ҳангоми пайвастани калиди $К_2$ мегузарад, ба $I_R = I_0 - \frac{I_0}{2L_1}(L_1 + L_2) = I_0 \frac{L_1 - L_2}{2L_1}$ баробар мешавад. Аз сабаби он, ки $I_0 = \frac{E}{R}$ мебошад, дар охир формулаи зеринро ҳосил мекунем:

$$I_R = E\frac{L_1 - L_2}{2RL_1}.$$

### Хулоса

Таҳлили адабиёти методӣ нишон медиҳад, ки таъмини муваффаққияти ҳалли масъалаҳои назарӣ ва амалӣ аз фанни физика дар сурати истифодаи усулҳои нави таълим, аз ҷумла, методҳои интерактивӣ, иҷрои корҳои мустақилона, ҳалли масъалаҳо имконпазир мешавад.

Аз ҳама асосӣ ҳангоми ҳисобҳо бо истифода аз қонунҳои якум ва дуюми Кирхгоф риояи қоидаи тартиб додани муодилаҳо мебошад, яъне, барои дуруст гузоштани аломатҳои ҳар як элементи схема самтҳои ҷараёнро ба назар гирифтан лозим аст. Кашфиёти Густав Кирхгоф дар инкишофи илм, махсусан, электротехника ҳиссаи калон гузоштанд. Бо ёрии онҳо ҳисоб кардани ҳама гуна занҷирҳои электрикӣ ё магнитӣ, ҷараён ва шиддати он хеле осон аст.

Муодилаҳо ё қонунҳои Кирхгоф ба қонунҳои асосии занҷирҳои электрикӣ тааллуқ дорад. Онҳо аз чунин қонунҳои бунёдӣ, ба монанди қонуни бақои заряд ва майдони электростатикии бетӯфонӣ бармеоянд, ки дар замоне худ онҳоро бо муодилаҳои Максвелл тавсиф карда буданд. Муодилаҳои Кирхгоф аз сабаби универсалӣ будан, барои ҳалли бисёр масъалаҳои назарияи электротехника, аз ҷумла, масъалаҳо ба ҳисобҳои схемаҳои мураккаби электрикӣ алоқаманд буданашон, хеле зиёд истифода мешаванд. Қоидаҳои Кирхгофро дар занҷири электрикии хаттӣ татбиқ намуда, системаи муодилаҳои хаттиро ба даст овардан мумкин аст, ки дар навбати худ аз он қиматҳои ҷараёнро дар ҳамаи шохаҳои занҷир ва ҳамаи шиддатҳои байни гиреҳҳоро муайян кардан мумкин аст.

Аз мавод ва мисолҳои истифодаи қонунҳои Кирхгоф, ки дар мақола пешниҳод шудааст, донишҷӯёни ихтисосҳои омӯзгорӣ ва муҳандисӣ, энергетикӣ ҳангоми омӯзиши асосҳои электродинамика ва омӯзгорони муасисаҳои олии касбӣ ва миёнаи ҳамагонӣ бо мақсади тақвияти корҳои таълимӣ истифода бурда метавонанд.

Ҳамин гуна масъалаҳои мушкили физикиро омӯзгорон худашон интихоб ва ё пешниҳод намуда, раванди таълимро фаъол ва самараи онро бештар карда метавонанд.

### Адабиёт

1. Абдуманонов, А. Истифодаи воқеияти Тоҷикистон дар ташаккули донишандӯзии хонандагон аз физика / А. Абдуманонов, Ф.Х. Каримова, М.Ш. Абдуманонова, Ф.А. Абдуманонова // Номаи донишгоҳ, №2(4), 2017. саҳ. 235-245.

2. Абдуманонов, А. Ҳалли масъалаҳои таҷрибавӣ – омили муҳими ташаккули дониши хонандагон аз физика / А. Абдуманонов, Э.Исоков, Ф. Абдуманонова // Номаи донишгоҳ, №2(4), 2017. саҳ. 245-247.

3. Абдуманонов, А. Истифодаи қоидаҳои Кирхгоф дар таҳлили занҷирҳои шохаронӣ / А. Абдуманонов, И.Б. Умаров, Ф. Абдуманонова, О.Н. Норматов // Конфронси илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи илми тоҷик, Маркази илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 17-18 майи соли 2019. Хуҷанд: Ношир, 2019.- С.69-76.

4. Абдуманнонов, А. Электродинамика. (Физикаи назариявӣ). Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ / А. Абдуманнонов, Умаров Н // Хуҷанд, «Нури маърифат», 2022. -124 с.

5. Алешкевич, В.А. Электромагнетизм / В.А. Алешкевич //. – М.: «Физматлит», 2014.– 404 с.

6. Дик, Ю. И. Физика. Большой справочник для школьников и поступающих в вузы / Ю. И. Дик, В. А. Ильин, Д. А. Исаев и др. // М.: Дрофа, 2008, - 735 с.

**Ҳусейн АЛИЕВ,**
**омӯзгори биологияи литсейи «Умари Хайём»-и**
**ноҳияи Сино, шаҳри Душанбе**



## ТАЪЛИМИ МАВЗУИ «ТАҒЙИРПАЗИРИИ ИРСӢ (МУТАТСИОНӢ)»
**(дар синфи 11)**

**Мақсади дарс:**

**Хонанда бояд:**

- доир ба тағйирпазирии ирсӣ, мутатсия чун тағйирпазирии ирсии маводи генетикӣ, тағйирпазирии мутатсионӣ маълумот дошта бошад ва шарҳ дода тавонад;

- оид ба мафҳумҳои тағйирпазирӣ ва мутатсия мисол оварда тавонад;

- доир ба бемориҳои мутатсионӣ маълумот пайдо кунад;

**Таҷҳизонидани дарс:** матн, китоби дарсӣ, плакатҳо, расм, тасвирҳо, маводи таърихӣ, диафилм, видеороликҳо, презентатсияҳо, варақаҳо.

**Метод - даҳонӣ (шифоҳӣ):** лексия, суҳбат, нақл, аёнӣ: нақша, таблитса, расм, тасвирҳо, амалӣ: мушоҳида, супоришҳо, кор бо китоби дарсӣ, методи фаъолгардонӣ, масъалагузорӣ, корҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ.

**Равиши дарс:**

I Қисми ташкилии дарс:

а) ба ҷо овардани одоби муошират;

б) тайёр намудани хонандагон ба дарс;

в) аз назар гузарондани шумораи хонандагон;

г) мавҷуд будани буру латта;

д) тоза будани синф аз ҷиҳати гигиенӣ-санитарӣ.

**II Пурсиши вазифаи хонагӣ:**

Аз аҳли синф вазифаи хонагиро ба таври индивидуалӣ ё фронталӣ ба воситаи варақаҳо, презентатсияҳо ва дигар маводи ёрирасон дар муддати 10-15 дақиқа аз аксарияти хонандагон бояд пурсида шавад. Баъди фикрҳои хонандагонро шунидан, муаллим метавонад, маълумоти гирифтаро ҷамъбаст карда, сипас, оид ба мавзуъ ба хонандагон маълумот диҳад.

**Истилоҳот:**

Мутатсия гуфта, тағйироти ирсие, ки дар заминаи маводи генетикӣ ба омал меоянд, меноманд.

Тағйирпазирӣ гуфта, қобилияти организми зиндаро меноманд, ки баъзан аломат ва хусусиятҳои нав пайдо карда, гоҳҳо аломат ва хусусиятҳои худро гум мекунад. Тағйирпазирӣ инъикоси таъсири тарафайни организм ва муҳити беруна аст.

Ген-як ҳиссаи молекулаи КДН мебошад.

Генетип-маҷмуи генҳои як организм.

Омилҳои мутагенӣ-омилҳое, ки сабабгори пайдоиши мутатсия мешаванд.

**III Муаррифии муҳокимаи мавзуи нав:**

Бо нақшаи мавзуъ хонандагонро муаррифӣ мекунем ва онҳоро ба муҳокима даъват менамоем. Мепурсем, ки аз нақшаи гузошташуда, кадомаш ба онҳо бештар фаҳмо аст.

**Мавзуъ: «Тағйирпазирии ирсӣ (мутатсионӣ)»**

Ду шакли тағйирпазирӣ вуҷуд дорад: ирсӣ ё генотипӣ ва ғайриирсӣ ё модификатсионӣ. Ба тағйирпазирии ирсӣ он тағйироти зоҳирии организм хосанд, ки ба генотип вобаста буда, дар наслҳо боқӣ мемонанд. Албатта, ин навъи тағйирот гуногунанд ва баъзан аломатҳои тағйирёфта ба чашм намоён мебошанд. Масалан, пойҳои кӯтоҳ дар гӯсфандони анконӣ, пар надоштани паррандагон, дигар шудани панҷаҳои гурба, набудани пигмент (албинизм) ва кӯтоҳангуштӣ

дар одам. Ин тағйирпазирӣ устувор буда, аз насл ба насл мегузарад ва бо ин роҳ навъҳои нав пайдо мешаванд. Масалан, навъи паканаи нахӯди хушбӯй, растаниҳои махмалгул ва ғайра дар асоси ҳамин тағйирпазирӣ ба вуҷуд омадаанд. Тағйироти ирсие, ки дар заминаи маводи генетикӣ ба амал меояд, мутатсия номида мешавад.

**Муқаррароти асосии назарияи мутатсионии Гуго де Фриз:**

1. Мутатсияҳо - ин тағйирпазирии ирсиянд;
2. Ҳамон як мутатсия метавонад такроран ба амал ояд;
3. Мутатсия тасодуфан, бе ягон гузариш ба амал меояд;
4. Мутатсияҳо метавонанд зарарнок, фоиданок ва бетараф бошанд;
5. Мутатсияҳо ба самтҳои гуногун мераванд, чӣ тавре, ки фоидаоваранд, боз метавонанд, зараровар низ бошанд.

**Мутатсияҳо аз рӯи ҷойи ба амаломада:**

1. Соматикӣ: ин гуна мутатсияҳо дар ҳуҷайраҳои соматикии бадан ба амал омада, ҳангоми афзоиши ҷинсӣ ба наслҳо намегузарад. Танҳо ҳангоми афзоиши ғайриҷинсӣ ба наслҳо мегузарад;
2. Генеративӣ: ба худи организм таъсир намерасонад, лекин дар вакти афзоиши ҷинсӣ ба наслҳо мегузарад.

**Мутатсияҳо аз рӯйи дараҷаи зоҳиршавиашон:**

1. Доминатӣ: дар намуди гетерозиготӣ пайдо мешавад;
2. Ретсессивӣ: дар намуди гомозиготӣ пайдо намешавад, лекин дар организмҳо боқӣ мемонад ва дар ҳолати ба гетерозиго гузаштан, зоҳир мешавад.

**Мутатсияҳо аз рӯи дараҷаи пайдоишашон:**

Мутатсияҳои генӣ, мутатсияҳои геномӣ, мутатсияҳои хромосомӣ:

1. структураи ген тағйир меёбад;
2. структураи хромосома тағйир меёбад;
3. ба кам ва зиёдшавии миқдори хромосома оварда мерасонад.

**Мутатсияҳои геномӣ:**

1. Полиплоидия - баробар зиёд шудани миқдори дастаи хромосомаҳо дар ҳуҷайра;
2. Анэуплоидия - нестшавӣ ё илова гаштани хромосомаи зиёдатӣ дар натиҷаи вайрон шудани мейоз.

**Мутатсияҳои хромосомӣ:**

1. Мутатсияҳои генеративӣ:

-ХХУ; ХУУ- синдром Клайнфелтера;

-ХО- синдром Шершевского- Тернера.

2. Мутатсияҳои аутосомӣ:

- Синдром Патау ( дар 13 хромосома);
- Синдром Эдвардс ( дар 18 хромосома);
- Синдром Даун ( дар 21 хромосома).

**Синдром Кляйнфелтера:**

ХХY и ХХХY – синдром Кляйнфелтера. Ин беморӣ, асосан, дар кариотипи мардона ба назар мерасад. Ҳангоми ба ин беморӣ гирифтор шудан, чунин аломат ба назар мерасад: набудани сперматогенез. Ин норасогии бемориҳои эндокриниро муайян мекунад. Чунин аломатҳо рушди андоми шабеҳи занон, китфони борик, коси васеъ, мушакҳояшон заиф мебошанд. Мардоне, ки ба ин беморӣ гирифтор шудаанд, дасту пои нисбатан бадан дароз доранд, ки боиси баландии қади онҳо мегардад.

**Синдроми Шершевский-Тернера:**

Х0 – синдром Шерешевского -Тернера (моносомия Х) Моносомияи х- ро дар 23- юм хромосомаи ҷинсӣ бори аввал соли 1925 эндокринолог Н. А. Шершевский муайян намуда буд. Танҳо занҳо мубталои ин беморӣ мешаванд. Ҳангоми ба ин беморӣ гирифтор шудан, чунин аломат ба назар мерасад, ки норасогии тухмдонҳост. Инчунин, китфони васеъ, коси танг, пойҳои кӯтоҳ, қади хеле паст, гардани кӯтоҳ, пӯсти чиндор, ақли кам доранд.

**Синдроми Патау:**

Сабаби асосии ин беморӣ хромосомаи барзиёд дар ҷуфти 13-уми хромосомаҳо мебошад. Ин бемориро бори аввал соли 1910 Патау кашф карда буд. Ҳангоми ба ин беморӣ гирифтор шудани инсон, чунин аломатҳо мушоҳида мешавад: коми сахт, лабчокӣ ва ё набудани чашм, деформатсияи панҷаи

пой ва даст, бар замми ин зиёд будани узвҳои дарунӣ - дил, гурда, узвҳои ҳозима ба назар мерасад. Ҳаёти кӯдак одатан то як сол давом мекунад.

**Синдроми Дауна:**

Трисомияи 21- ум. Соли 1866 духтури англис И. Даун муайян карда буд, аммо табиати онро баъд аз 93 сол муқаррар намудаанд. Бемории Даун дар байни бемориҳои хромосомӣ аз ҳама маъмултарин ва паҳншудатарин мебошад. Ҳангоми ба ин беморӣ гирифтор шудан чунин аломатҳо ба назар мерасад: дасту пойи кӯтоҳ, косаи сар хурд, рӯйи ҳамвор, чашмони кач, норасогии ақл, бемориҳои дилу рагҳо. Мардоне, ки ба ин беморӣ гирифтор мешаванд, безурёт ва дар занҳо бошад, қобилияти таваллудкунӣ аз байн меравад.

**V. Арзёбӣ, саволу ҷавоб:**

1. Раванди пайдо шудани мутатсияҳоро чӣ меноманд?

А) мутаген В) мутагенез С) мутон Д) мозаика

2. Организме, ки дорои шашто геном аст, чӣ ном дорад?

А) гексаплоид В) пентаплоид С) хептаплоид Д) декаплоид

3. Тағйирпазирии мутатсионӣ аз комбинативӣ бо чӣ фарқ мекунад?

А) бо дигар шудани нуклеотид В) бо дигар шудани хромосома С) бо дигар шудани дастаи хромосомаҳо.

4. Асосгузори назарияи мутатсионӣ кӣ буд?

А) Г. Мендел В) Т. Морган С) Г. Де-Фриз

5. Мутатсияи генеративӣ аз соматикӣ чӣ фарқ дорад?

А) дар ҳуҷайраҳои ҷинсӣ пайдо мешавад В) дар ҳуҷайраҳои бадан пайдо мешавад С) дар митохондрия пайдо мешавад

**IV. Класстер:**




**VI. Ҷамъбаст ва хулоса:**

Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълими дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз нақшаҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштанд? Барои ин дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро кардаанд?

**VІІ. Супориши вазифаи хонагӣ:**

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи дар замима омадаро дар хона иҷро намоянд.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,**
**барандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, дотсенти ДМТ**



# ТАБИАТ, ИЛМ ВА ТАФАККУРИ ТЕХНИКӢ



**НИКОЛСКИЙ СЕРГЕЙ МИХАЙЛОВИЧ**
**1905 – 2012 )**

Николский Сергей Михайлович 17 апрели соли 1905 дар шаҳраки Заводи Талитсаи губернияи Перм (маъмури вилояти Екатеринбург) таваллуд шудааст. Падараш хатмкардаи Институти Ҷангали Петербург буд ва дар мактаби зикршуда ҳамчун омӯзгор дарс мегуфт. Модараш Людмила Фёдорова дар деҳа ба ҳайси омӯзгор фаъолият мекард. Онҳо дар оила шаш фарзанд буданд ва Сергей фарзанди чорум ба ҳисоб мерафт. Ӯ дониши ибтидоии математикиро аз падараш, ки донандаи хуби математика буд, гирифтааст. Пас аз фавти падар (соли 1921) Сергей бо аҳли оилаашон ба Чернигов кӯч мебананд. Дар ин ҷо ӯ ба факултети физикаю математикаи Донишгоҳи Екатеринослав дохил мегардад. Ба гуфтаи худи профессор, падари ӯ ҳалли масъалаҳои гуногунро дар сатҳи оғози таҳлили математикӣ дӯст медошт ва ба ҳамаи шаш фарзанди худ, алахусус, Сергей Михайлович таълим медод.

Сергей Михайлович соли 1929 институти Екатеринославро хатм карда, дар ҳамон ҷо ба кор шуруъ мекунад. Сипас, аспирантураи Департаменти математикаи Москваро хатм карда, соли 1935 рисолаи номзадӣ ҳимоя кард. Аз соли 1940 бошад, дар Институти математикаи Академияи илмҳои СССР ба кор қабул мегардад.

Николский С.М. аз соли 1947 профессори Институти физикию техникии Москва буд. Барои муассисаи мазкур шахсияти С.М. Николский рамзи махсусро соҳиб гаштааст. Гуфтан кифоя аст, ки ӯ дар соли 1947 аввалин лексияро ба донишҷӯён хондааст, ки ин лексия оид ба таҳлили математикӣ буд ва лексияи охиринро дар ҳамин мактаби олии техникӣ низ худи ӯ дар соли 1997, дар 92-солагиаш хондааст.

Солҳои 30-юм математики машҳури Шуравӣ А.Н. Колмогоров ба Днепропетровск мунтазам барои хондани лексияҳо меомад ва С.М. Николский шунидани лексияҳои ин олимро дӯст дошт. Дар охир А.Н.Колмогоров ӯро ба шогирдӣ қабул карда, маслиҳат дод, ки ба назди ӯ ба шаҳри Москва ояд. Донишгоҳи Днепров ба зудӣ С.М. Николскийро ба факултети механикаю математикаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов интиқол дод. Баъд аз якуним соли хониш дар аспирантура ӯ рисолаи номзадӣ дифоъ кард. Аз соли 1940 сар карда, корманди Институти математикаи ба номи В.А. Стеклови АИ СССР гардид.

Аз ибтидои Ҷанги Дуюми Ҷаҳон сар карда, С.М. Николский якҷо бо математики дигари машҳури Шуравӣ А.А. Ляпунов дар муҳорибаи Москва ба сохтани истеҳкомҳои боварибахш машғул шуд. Баъдтар, дар қатори математикҳои боистеъдод ба шаҳри Қазон кӯчонида шуд. Дар аввали соли 1942 дар мавзуи "Наздиксозии функсияҳо бо ёрии бисёрузваҳо" рисолаи доктории хешро дифоъ намуда, ба узвияти коллективи таҳририи маҷаллаи бонуфузи "Успехи математических наук" ва узвияти ҳайати таҳририяи нашрияҳои иттилоотӣ оид ба математика ворид гардид.

Николский ходими калони илмии Институти математикаи Академияи илмҳои СССР, профессори Институти физикию техникии Москва ва факултети механикӣ-математикӣ, узви Президиуми Шурои илмӣ-методӣ аз фанни математика дар назди Вазорати маориф ва илми Россия кор кард. Соли 2005 дар шаҳри Москва бахшида ба 100 – солагии С.М. Николский конференсияи бонуфузи илмӣ барпо гардид, ки худи ӯ дар он иштирок дошт.

Николский дар соҳаҳои таҳлили функсионалӣ, дар назарияи наздиксозии функсияҳо, дар назарияи форму-

лаҳои квадратурӣ, дар назарияи фазоҳои фунсионалӣ ва татбиқи онҳо барои методҳои ҳалли муодилаҳои дифференсиалии дорои ҳосилаҳои ҷузъӣ натиҷаҳои фундаменталиро соҳиб гаштааст. Силсилаи зиёди таҳқиқоти ӯ ба назарияи функсияҳои дифференсиалпазири аз якчанд тағйирёбанда вобаста бахшида шудааст. Ӯро дар олам ҳамчун асосгузори мактаби назарияи наздиксозии функсияҳо ва татбиқи он эътироф кардаанд. Ӯ муаллифи беш аз 100 кори илмии чопшуда, ду монография, ду китоби дарсӣ барои макотиби олӣ ва ҳафт китоби дарсӣ барои хонандагони макотиби миёна (Арифметика ( 5-6)), Алгебра ( 7-9), Алгебра ва ибтидои анализ ( 10-11)) мебошад. Соли 1954 бо даъвати Кумитаи ташкилии Конгресси математикҳои ҷаҳон ба шаҳри Амстердам рафта, доир ба назарияи наздиксозии функсияҳо маъруза кардааст. Дар муддати 30 сол сармуҳаррири корҳои илмии ИМ АФ СССР, солҳои зиёд узви Комиссияи олии аттестатсионии СССР аз фанни математика, инчунин, узви президиуми он буд.

Дар давраи кораш тахти роҳбарии бевоситаи Николский зиёда аз 40 нафар аз математика рисолаҳои номзади илм ва зиёда аз 11 нафар рисолаҳои доктори илмҳои физикаю математикаро дифоъ кардаанд.

Николский худро на танҳо олим, балки омӯзгор низ мешуморид. Солҳои тӯлонӣ барои сифати таҳсилоти математикӣ ҳам дар донишгоҳҳо ва ҳам дар мактабҳо мубориза мебурд. Вакте ки дар солҳои ҳафтод тамоюли кам кардани соатҳои математика пайдо шуд, Сергей Михайлович комиссияи Шурои илмӣ-методии Вазорати макотиби олии СССР-ро оид ба таҳияи барномаҳои нав оид ба математика роҳбарӣ кард. Вай тавонист исбот кунад, ки барои таълим додани математика соатҳои зиёд лозим аст. Дар аввали солҳои 2000-ум ӯ ҳамчун узви раёсати Шурои илмӣ-методии математика дар бораи ислоҳоти дарпешистода дар системаи маориф изҳори нигаронӣ кард ва ҳушдор дод, ки он метавонад ҳам мактаби миёна ва ҳам мактаби олиро хароб кунад. Сергей Михайлович то охири умр ба ҳаёти кафедраи математикаи олии худ фаъолона таваҷҷуҳ дошт ва ҳеҷ гоҳ ба тақдири математикҳо дар Русия бетафовут набуд.

Ӯ дорандаи унвон ва мукофоти хеле зиёд буд, аз ҷумла, академики Академияи илмҳои СССР ( 1972); Барандаи Ҷоизаи сталинӣ барои таҳқиқот оид ба назарияи наздиксозиҳо (1952); ду маротиба барандаи Ҷоизаи давлатии СССР барои монографияи "Пешниҳоди интегралии функсияҳо ва назарияи воридшавӣ" (1977), инчунин, барои китоби сечилдаи "Математикаи олӣ: Китоби дарсӣ барои донишгоҳҳо" (дар ҳаммуаллифӣ Бо Я. С.Бугров) (1987); Ҷоизаи давлатии Украина (1994); Ҷоизаи Ҳукумати Федератсияи Россия барои омодасозии амиқи математикии муҳандисӣ - физикӣ ва ихтисосҳои физикӣ - техникии донишгоҳҳо (2002), Ҷоизаи ба номи П. Л. Чебышеви АИ СССР (1972); Ҷоизаи ба номи А.Н. Колмогорови АИ Россия (2000) барои силсилаи корҳо доир ба "Наздикшавии функсияҳо дар бисёршаклиҳо ва идомаи онҳо"; Ҷоизаи ба номи М.В.Остроградский АИ Украина (2000), Ҷоизаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов барои саҳми барҷаста дар рушди маориф (2005); Бо орденҳои «Барои хизматҳо дар назди Ватан» дараҷаи II (18 апрели соли 2005 ); «Барои саҳми барҷаста дар рушди илми ватанӣ ва тайёр кардани мутахассисони соҳибтахассус»; Ордени Ленин (1975); Инқилоби Октябр (1985) ва ғайра.

Николский дӯстдори сайру саёҳат буд. Сари ҳар чанд вакт ба Душанбе меомад. Дар баробари ташкил кардани суҳбату лексияҳои шавқовар барои саёҳат ба кӯҳистони Тоҷикистон сайёҳат карда, аз тамошои он ҳаловат мебурд. Шахси самимӣ ва хушчақчақ буд. Латифаи бисёр медонист. Дар охири умраш аз бемории Паркинсон азият мекашид.

Ба саволи «Чӣ тавр умри дароз дидан мумкин аст?» Сергей Михаилович ҷавоби мушаххас дода наметавонист. Ба гуфти худаш, ӯ сирри дарозумриашро ошкор накардааст. Ҳамаи пайвандони ӯ аз 75 сол беш умр надидаанд. Худи Сергей аз хурдӣ саломатии мустаҳкам надошт, ӯро ангинаҳои шадид азоб медоданд. Дар айёми донишҷӯӣ ба бемории буғумдард мубтало гашта буд. Ӯ аз хӯроки гӯштӣ парҳез намекард, вале ҳеҷ гоҳ аз меъёр зиёд хӯрок намехӯрад. Вақтҳое буданд, ки ҳатто гурусна мегашт. Дар 60 - солагӣ ба дарди зонуҳо мубтало гардида, дере нагузашта, аз ин дард халос гаштааст. Ба шиноварӣ, қаиқронӣ дар Днепр машғул буд, баъди ба вилояти Москва омаданаш бо лижаронӣ шуғл варзида, вақти зиёде пиёда роҳ мерафтааст. Ӯ ҳеҷ гоҳ аз зиндагӣ руҳафтода нашудааст, аз телевизион воқеаву ҳодисаҳоро мешунид, рӯзномаҳоро мутолиа мекард, аз сиёсат бохабар буд, вале шуғли асосиаш ҳалли масъалаҳои математикӣ будаанд.

С.М. Николский 9 ноябри соли 2012 дар шаҳри Москва дар 108 - солагӣ вафот кардааст.

Корҳои асосии таҳлили функсионалӣ, назарияи наздикшавии функсияҳо, назарияи воридшавии синфҳои функсияҳои фарқшавандаи бисёр тағйирёбандаҳо, асоноккунии усулҳои мустақими ҳисобкунии вариатсионӣ, назарияи масъалаҳои канорӣ барои муодилаҳо бо ќиматҳои хос. Дар назарияи наздикшавии функсияҳо, ӯ арзёбии асимптотикии дақиқи наздикшавиро бо бисёршаклиҳои тригонометрӣ ва алгебравӣ соҳиб гаштааст. Назарияи беҳтарин формулаҳои квадратураро офаридааст. Усулҳои наздикшавии Николский бо функсияҳои пурраи намуди экспоненсиалӣ ба ӯ имкон доданд, ки мутахассиси пешсафи ҷаҳон гардад.

**Мураттиб**
**Муҳаммад ШАРИФЗОДА**

# МУАММОИ ҲАРФИ «А»

## ШАРТҲОИ МУАММО

### Аз боло ба поён

1. Давлат дар Қитъаи Осиё
2. Ҷазираҳое, ки онҳоро Христофор Колумб ошкор кардааст
3. Ченаки масса барои баркашидани сангҳои қиматбаҳо
4. Яроқи оташфишон
6. Яке аз барномаҳои телевизиони Афғонистон
8. Пайвандаки саволӣ
12. Яке аз давлатҳои хурдтарини олам
13. Номи духтаронаи тоҷикӣ
15. Тагпоии пашмин
16. Ҳаракат ба макони дигар
20. Ҳаммаънои калимаи “роҳат”
21. Яке аз кометаҳо, ки дар 19 сол як маротиба ба Замин наздик мешавад
22. Лаҳзаи зебои шабонарӯз
24. Номи дигари Моҳтоб
25. Лавозимоти қадимтарини ҳисобкунӣ
26. Як шакли мурочиат ба зан дар Аврупо

### Аз чап ба рост

5. Филми машҳури кинематографистони рус
7. Сураи калонтарини Қуръон
9. Антоними калимаи “боло”
10. Узви бадани мавҷудоти зинда
11. Таоми миллӣ
13. Манбаи обгузар
14. Жанри адабӣ
15. Матои миллӣ
17. Асбоби хоҷагӣ
18. Бозичаи кӯдакона
19. Маҳсулоти полезӣ
20. Аз сад як ҳиссаи бузургӣ
23. Рамз барои ифодаи адад
27. Лавозимоти рӯзгор
28. Синоними калимаи “қабат”
29. Сохтмон барои як маконро бо макони дигар пайвастан
30. Ҳодисаи табиӣ
31. Яке аз давлатҳои қадимтарини тоҷикон
32. Яке аз намудҳои тӯтӣ



## ҶАВОБИ МУАММОИ "ҶУҒРОФӢ"
**(Шумораи №9, сентябри соли 2023)**



# МУНДАРИЧА


**СУХАНИ ПЕШВО**

Рамзи муқаддасу ҷовидонаи ҳастии миллат...1

**ТАҲҚИҚ**

А. ОДИНАЕВ. Манбаи ҳувиятсоз ва дастури худшиносӣ...4

**ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ**

С. БОБОҶОНОВ. Рушди соҳаи саноати кӯҳию маталургӣ ҳадафи мост...16

**ҶАШНВОРА**

Д. РАҲИМӢ. Ҷашни Меҳргон ва суфраи идонаи он...17

**РӮЗИ ОМӮЗГОРОН**

Қ. АҲМАДЗОДА, Ҳ. ТОҲИРӢ. Омӯзгорӣ ишқ аст! Чӣ гуна?...19

**КАСБИ ПУРИФТИХОР**

Д. БОБОҶОНИЁН. Муаллим муҳтарам бошад, ба ҳар оин, ба ҳар кишвар...23

**ПАЖУҲИШ**

Р. ХУДОЁРЗОДА. Калимаҳои иқтибосии юнонӣ дар забони тоҷикӣ...25

**ШАМЪИ ХОТИРА**

Ф. ШАФИЕВ. Фаррухпайбонуе дар соҳаи маориф...27

**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**

Ф. РАҲИМЗОДА. Инкишофи нутқи кӯдакон дар машғулиятҳо...30

**ОЛАМИ РАНГИН**

Б. САФАРОВА. Кори мураббӣ шавқовар мешавад, агар...32

**ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ**

Ё. НУРОВ. Осори гаронбаҳои ниёкон дар раванди дарс...34

**АНДЕШАИ КОРШИНОС**

Ҷ. УЛФАТШОҲ. Масъалаи тарбияро ҷиддӣ бояд гирифт...37

**РИСОЛАТ**

М. ШАРИПОВА. Волидон низ бояд бетараф набошанд...40

**БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ**

У. ДОУТОВА. Шиносномаи миллат дар масири таърих...42

**ХЕШТАНШИНОСӢ**

У. ХОЛИҚОВА. Таърих асоси давлатдории миллат аст...43

**ҲУШДОР**

Ҳ. ДАВЛАТОВ. Таъмини амнияти идеологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...46

**ФИЗИКА**

М. РАҲМАТОВ. Қонунҳои Кирхгоф ва истифодаи онҳо дар ҳалли масъалаҳои мушкил...48

**БИОЛОГИЯ**

Ҳ. АЛИЕВ. Таълими мавзӯи «Тағйирпазирии ирсӣ (мутатсия)»...57

**ШИНОХТ**

А. ШАРИФЗОДА. Табиат, илм ва тафаккури техникӣ...60

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

М. ШАРИФЗОДА. Муаммои ҳарфи «А»...62

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»

ШУРОИ МАШВАРАТӢ:

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи ДДБ ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илм-ҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** муовини сардори раёсати ташхис ва такризи адабиёти таълимии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

МУАССИС

**Вазорати маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

ҲАЙАТИ ТАҲРИР:

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Муҳаммаддовуд САЛОМИЁН,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика.

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ,** муовини сармуҳаррир.
**Қурбон АҲМАДЗОДА,** котиби масъул.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 тахти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА:

Департаменти хазинадории

КВД БА ҶТ «Амонатбонк»

**С/Ҳ: 20202972700919101000**
**Ҳ/М: 20402972316264**
**РМБ: 350101626**
**РМА: 010009319**

Барои маҷаллаи
**«Маърифати омӯзгор»**

**Индекси обуна: 77570.**
Андозаи 60х841/8.
Адади нашр 6304 нусха.
Нархаш шартномавӣ.
Дар матбааи «Мега-принт»
ба табъ расидааст.

**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**